ТДУ 34:351.74/.76
ТКБ 72+67.99(2)163 (2тоҷик)
0 – 77

# ОСОРИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## № 2 (66). 2025

**Муассис** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатнома оид ба қайд гирифтан таҳти № 335/МҶ-97 аз 1-уми марти соли 2024.
Маҷаллаи илмӣ аз соли 1998 нашр мегардад.
Маҷаллаи илмӣ соли 2015 ба Шохиси иқтибосоварии илмии Россия (РИНЦ) ворид карда шуд.
Маҷаллаи илмӣ ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризии Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии илмӣ оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳо ва доктори илмҳо нашр гарданд, ворид аст.
Дар маҷалла мақолаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.

**РАИСИ ШУРОИ ТАҲРИРӢ:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.** – Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
**АЪЗОЁНИ ШУРОИ ТАҲРИРӢ:**
**Маҳмудзода М.А.** – аъзои пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон; **Раҳимзода М.З.** – аъзои вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ятимов С.С.** – аъзои вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент; **Гаврилов Б.Я.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Мулукаев Р.С.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Салников В.П.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Михайлов В.А.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Омелин В.Н.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Хабибуллин А.Г.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ализода З.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Алимов С.Ю.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Зоир Ҷ.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Иброҳимов С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Искандаров З.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Муртазозода Ҷ.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Назарзода Н.Ҷ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Пулатов Ю.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Раҷабзода Р.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Холиқзода А.Ғ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Шарипов Т.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Шарофзода Р.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Солиев К.Ҳ.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Федоров А.В.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Насуриён П.А.** – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**МУОВИНИ РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Раҳмадҷонзода Р.Р.** – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Баранов В.М.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Матскевич И.М.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ҷоробекова А.М.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Қирғизистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Азиззода У.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Раҳмон Д.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Диноршоҳ А.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Сафарзода А.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Золотухин А.В.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Назаров А.Қ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Захартсев С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Гармаев Ю.П.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Аубакирова А.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Нематов А.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Абдухамитов В.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Россинский С.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Коомбаев А.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Шарифзода Ф.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Нигматов Р.О.** – доктори фалсафа (PhD), профессор; **Абдурашидзода А.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Мансурзода А.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Самиев Н.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Сафарзода Ҳ.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Арипов А.Л.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; **Вализода Н.Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

| | |
|---|---|
| **Котиби масъул**: | **Заробидинзода С.З.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. |
| **Муҳаррирони масъул:** | **Хайруллоев Ф.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; |
| | **Саидолим К.С.** – номзади илмҳои филологӣ. |
| **Масъули нашр:** | **Каримова Л.М.** |

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025**

**УДК 34:351.74/.76**
**ББК 72+67.99(2)163 (2тадж)**
**0 – 77**

# ТРУДЫ АКАДЕМИИ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
## № 2 (66). 2025

**Учредитель** – Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан. Научный журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации № 335/ЖР-97 от 1 марта 2024 года. Научный журнал издается с 1998 года.
Научный журнал в 2015 году включен в систему Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Научный журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии Министерства науки и высшего образования Российской Федерации и Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан в которых должны быть опубликованы основные научные результаты на соискание ученых степеней кандидата наук и доктора наук.
В журнале печатаются статьи на таджикском, русском и английском языках.

**ПРЕДСЕДАТЕЛЬ РЕДАКЦИОННОГО СОВЕТА:**
**Рахимзода Р.Х.** – Министр внутренних дел Республики Таджикистан, Заслуженный юрист Таджикистана, доктор юридических наук, доцент,
**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОГО СОВЕТА:**
**Махмудзода М.А.** – действительный член Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, Заслуженный юрист Таджикистана; **Рахимзода М.З.** – член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор; **Ятимов С.С.** – член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор политических наук; доцент; **Гаврилов Б.Я.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Мулукаев Р.С.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Сальников В.П.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Михайлов В.А.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Омелин В.Н.** – Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Хабибуллин А.Г.** – Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Ализода З.** – доктор юридических наук, профессор; **Алимов С.Ю.** – доктор юридических наук, профессор; **Буризода Э.Б.** – доктор юридических наук, профессор; **Зоир Д.М.** – доктор юридических наук, профессор; **Ибрагимов С.И.** – доктор юридических наук, профессор; **Искандаров З.Х.** – доктор юридических наук, профессор; **Муртазозода Д.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Назарзода Н.Д.** – доктор юридических наук, профессор; **Пулатов Ю.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Раджабзода Р.М. –** доктор юридических наук, доцент; **Холикзода А.Г.** – доктор юридических наук, профессор; **Шарипов Т.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **Шарофзода Р.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **Солиев К.Х.** – Заслуженный юрист Таджикистана, кандидат юридических наук, доцент; **Федоров А.В.** – кандидат юридических наук, профессор.

**ПРЕДСЕДАТЕЛЬ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
**Насуриён П.А.** – начальник Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.
**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
**Рахмаджонзода Р.Р.** – заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент.
**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
**Баранов В.М.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Мацкевич И.М.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Джоробекова А.М.** – Заслуженный юрист Кыргызстана, доктор юридических наук, профессор; **Азиззода У.А.** – доктор юридических наук, профессор; **Рахмон Д.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Диноршох А.М.** – доктор юридических наук, профессор; **Сафарзода А.И.** – доктор юридических наук, профессор; **Золотухин А.В.** – доктор юридических наук, профессор; **Назаров А.К .** – доктор юридических наук, профессор; **Захарцев С.И.** – доктор юридических наук, профессор; **Гармаев Ю.П.** – доктор юридических наук, профессор; **Аубакирова А.А.** – доктор юридических наук, профессор; **Нематов А.Р.** – доктор юридических наук, доцент; **Абдухамитов В.А.** – доктор юридических наук, доцент; **Россинский С.Б.** – доктор юридических наук, профессор; **Коомбаев А.А.** – доктор юридических наук, доцент; **Шарифзода Ф.Р.** – доктор юридических наук, доцент; **Нигматов Р.О.** – доктор философии (PhD), профессор; **Абдурашидзода А.А.** – кандидат юридических наук, доцент; **Мансурзода А.М.** – кандидат юридических наук, доцент; **Самиев Н.М.** – кандидат юридических наук, доцент; **Сафарзода Х.С.** – кандидат юридических наук, доцент; **Арипов А.Л.** – кандидат юридических наук; **Ализода Н.Д.** – кандидат юридических наук.

| | |
|---|---|
| **Ответственный секретарь**: | **Заробидинзода С.З.** – кандидат юридических наук, доцент. |
| **Ответственные редакторы**: | **Хайруллоев Ф.С.** – кандидат юридических наук; |
| | **Саидолим К.С.** – кандидат филологических наук. |
| **Ответственный за выпуск**: | **Каримова Л.М.** |

**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2025**

**UDC** 34:351.74/.76
**BBK 72+67.99(2)163 (2taj)**
**0 – 77**

# PROCEEDINGS OF THE ACADEMY OF MIA OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
**№ 2 (66). 2025**

**The founder** is the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. The scientific journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate of Registration No. 335 / MF–97 dated March 1, 2024. The scientific journal has been published since 1998.
The scientific journal in 2015 is included in the system of the Russian Scientific Citation Index (RINC).
The scientific journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation and the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan in which the main scientific results for the academic degrees of Candidate of Sciences and Doctor of Sciences should be published. The journal publishes articles in Tajik, Russian and English.

**CHAIRMAN OF THE EDITORIAL COUNCIL:**
**Rahimzoda R.H. –** Minister of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Honored Lawyer of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Associate Professor.
**MEMBERS OF THE EDITORIAL COUNCIL:**
**Mahmudzoda m.A. –** Full member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Professor, Honored Lawyer of Tajikistan; **Rakhimzoda M.Z. –** Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Yatimov S.S. –** Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Political Sciences; assistant professor; **Gavrilov B.Ya. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Honored Lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Mulukaev R.S.** – Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Salnikov V.P. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Mikhailov V.A. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Omelin V.N. –** Honored lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Khabibullin A.G. –** Honored lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Alizoda Z. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Alimov S.Yu.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Burizoda E.B.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zoir D.M.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Ibragimov S.I.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Iskandarov Z.Kh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor;
**Murtazozoda D.S.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nazarzoda N.D.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Pulatov Yu.S.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Rajabzoda R.M. –** Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Kholikzoda A.G.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Sharipov T.Sh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Sharofzoda R.Sh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Soliev K.Kh.** – Honored Lawyer of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor; **Fedorov A.V.** – Candidate of legal sciences, professor

**CHAIRMAN OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Nasuriyon P.A.** – Head of the Academy of the Ministry of the Interior of the Republic of Tajikistan, Candidate of legal sciences.
**DEPUTY CHAIRMAN OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Rahmadjonzoda R.R. –** Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Legal Sciences, Associate Professor.
**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Baranov V.M.** – Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Matskevich I.M. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Dzhorobekova A.M.** – Honored Lawyer of the Kyrgyz Republic, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Azizzoda U.A.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Rahmon D.S. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Dinorshokh A.M.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Safarzoda A.I. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zolotukhin A.V.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nazarov A.K. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zakhartsev S.I.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Garmaev Yu.P. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Aubakirova A.A. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nematov A.R.** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Nigmatov R.O.** – Doctor of Philosophy (PhD), Professor; **Abdukhamitov V.A.** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Rossinsky S.B.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **A. A. Koombaev** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Sharifzoda F.R. –** Doctor of Legal Sciences, Associate Professor: **Abdurashidzoda A.A.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Mansurzoda A.M.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Samiev N.M.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Safarzoda H.S.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Aripov A.L.** – Candidate of legal sciences; **Valizoda N.D.** – Candidate of legal sciences.

| | |
|---|---|
| **Executive Secretary**: | **Zarobidinzoda S.Z.** – Candidate of Legal Sciences, associate professor. |
| **Responsible editors**: | **Khairulloev F. S.** – Candidate of Legal Sciences; |
| | **Saidolim K.S.** – Candidate of Philology. |
| **Responsible for publication**: | **Karimova L.M.** |

**© Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, 2025**

**Мундарича** **Содержание**

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ
## ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ


АБДУЛЛО, А.Р., АБДУВАҲОБЗОДА, М.А. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини амнияти иттилоотӣ ……………………………………………..………………8-17

БЕЛОКОБЫЛЬСКАЯ, О.И. О методике преподавания учебной дисциплины «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации»……………………………………………………………………………………18-25

ҚОДИРЗОДА, М.А. Механизмҳои ҳуқуқӣ-барномавии экологикунонии қонунгузорӣ: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ.....................................................................................26-32

ҚУДРАТОВ, Н.А., АКМАЛЗОДА, А.Ҳ. “Даъвати оммавӣ” ҳамчун категоряи марказии тарафи объективии ҷинояти “Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”..................................................33-47

МАНСУРЗОДА, А.М. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди ҳимояи ҳуқуқи шахс..........................................................................................48-55

МИЛИКОВА, А.В. Прокурор как субъект, уполномоченный на вынесение уголовно-процессуальных актов……………………………………………………………………….56-63

РАДЖАБЗОДА, Р.М., АБДУЛОВ, Х.А. Российские тюрьмы в Таджикистане: история и становление………………………………………………………………………………..64-69

САФАРЗОДА, Х.С. Сущность и содержание понятия «экстремизм» в международном праве…………………………………………………………………………………………..70-79

ШАРИФЗОДА, Ф.Р., ОДИНАЗОДА, А.Ш. Модели назариявии механизми ташкилии таъминоти иттилоотии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо унсурҳои низоми амнияти миллӣ……………………………………………………………………………………80-90

ШАРОФЗОДА, Р.Ш. Ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа.......91-99

ЯМОҚОВА, З.Д., ҲАБИБЗОДА, Н.Х. Хусусиятҳои тафтишоти ба худкушӣ расонидани ноболиғон бо истифода аз Интернет…………………………………………………..100-107


## МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН
## ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ


КАРИМЗОДА, У.К. Тақризи муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдулаҳадзода С.А. дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ»..........................................................................................108-112

РАХМАДЖОНЗОДА, Р.Р. Рецензия на монографию Каменецкого Ю.Ф. «Теория и практика следственной профилактики»……………………………………...…113-115

ШАРИФЗОДА, П.Р. Тақризи муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Раззоқзода Т.М. дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти ичроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».......................................................................................116-124


## МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН
## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ


АБДУЛЛОЗОДА, Ш.М. Мафҳуми функсияи давлат: ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ...........125-130

АВЕЗОВА, З.Б. Кафолати дахлнопазирӣ ва муаммоҳои амалишавии он дар мурофиаи ҷиноятӣ......................................................................................................131-138

АЗАМЗОДА, А.А. Аҳаммияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо......................................................................................................139-145

АНВАРЗОДА, С.А. Самтҳои такмили асосҳои ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ..........146-152
ДЖУМАЕВА, З.М. Возникновение экстремистско-террористской идеологии и концептуальные основы организации противодействия ей..........153-160
ЛОМОВА, Т.В. Концепция государства всеобщего благосостояния в интерпретации полицеиста В.В. Ивановского..........161-168
НАИМОВ, С.С. Сообщения в средствах массовой информации и «Интернет» в качестве повода к возбуждению уголовного дела..........169-176
НУРУЛЛОЗОДА, М. Нақши мититсия дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодддаи табиӣ ва техногенӣ..........177-186
УРФОНЗОДА, Д.С. Правовое сознание следователя в реализации принципа презумпции невиновности на досудебных стадиях уголовного процесса..........187-197

## CONTENT

### PROBLEMS OF THE THEORY, LEGISLATION AND PRACTICE

ABDULLO, A.R., ABDUVAHOBZODA, M.A. Legislation of the Republic of Tajikistan on ensuring information security……..8-17

BELOKOBYLSKAYA, O.I. On the methodology of teaching the academic discipline «Organization and tactics of identification and discovery of crimes in the sphere of computer information»……18-25

QODIRZODA, M.A. Legal and programmatic mechanisms for greening legislation: theoretical and legal research……..26-32

KUDRATOV, N.A., AKMALZODA, A.H. "Public call" as the central category of the objective side of the crime of "Public calls to forced change of the constitutional order of the Republic of Tajikistan"……33-47

MANSURZODA, A.M. Human rights commissioner in the Republic of Tajikistan as an institute for the protection of personal rights……48-55

MILIKOVA, A.V. The prosecutor as a subject authorized to issue criminal procedural acts……56-63

RAJABZODA, R.M., ABDULOV, H.A. Russian prisons in Tajikistan: history and development..64-69

SAFARZODA, H.S. The essence and content of the concept of «extremism» in international law……70-79

SHARIFZODA, F.R., ODINAZODA, A.SH. Theoretical model of the mechanism for organizing ensuring information for cooperation between internal affairs agencies and elements of the national security system……80-90

SHAROFZODA, R.SH. Formation of legal consciousness in the context of digitalization of society……91-99

YAMOKOVA, Z.D., HABIBZODA, N.H. Peculiarities of the investigation of incitement to suicide of a minor using the Internet……..100-107

### TRIBUNE REVIEWERS

KARIMZODA, U.K. Review of the leading organization on the dissertation of Abdulakhadzoda S.A. the topic «Electoral process in the Republic of Tajikistan: constitutional and legal research»……..108-112

RAHMADJONZODA, R.R. Review of the monograph by Y.F. Kamenetsky "Theory and Practice of Investigative Prevention"……113-115

SHARIFZODA, P.R. Review of the official opponent of the dissertation of Razzokzoda T.M. on the topic "Legal issues of organizing local executive authorities in the Republic of Tajikistan"……..116-124

### TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

ABDULLOZODA, SH.M. The concept of state functions: theoretical and legal aspects……125-130

AVEZOVA, ZB. Guarantee of immunity and problems of its implementation in criminal proceedings……131-138

AZAMZODA, A.A. The importance of using information technologies in the process of criminal investigation……..139-145

ANVARZODA, S.A. Directions for improving the legal basis of the results of operational search activities……146-152

DJUMAEVA, Z.M. The emergence of extremist-terrorist ideology and the conceptual foundations of organizing counteraction to it……………………………………………………153-160

LOMOVA, T.V. The concept of the welfare state as interpreted by the political scientist V.V. Ivanovsky…………………………………………………………………....161-168

NAIMOV S.S. Media reports and the internet as a reason to initiate criminal proceedings………..169-176

NURULLOZODA, M. The role of the police in the Unified State System for the Prevention and Elimination of Emergencies of Natural and Man-Made Nature………………………...177-186

URFONZODA, D.S. Legal consciousness of the investigator in the realization of the principle of presumption of innocence at pre-trial stages of criminal proceedings…………………………187-197

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ

## ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ
## PROBLEMS OF THE THEORY, LEGISLATION AND PRACTICE

УДК 340.111.53:004.056

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

# ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБ ОБЕСПЕЧЕНИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

# LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON ENSURING INFORMATION SECURITY

АБДУЛЛО А.Р.
ABDULLO A.R.
*Сардори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия*
*Начальник кафедры организации тактики оперативно-розыскной деятельности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*
*Head of the Department of Organization of tactics of operational-search activities Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, major of militia*



E-mail: abdulloev-a@mail.ru

АБДУВАҲОБЗОДА М.А.
ABDUVAHOBZODA M.A.
*Омӯзгорӣ кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
*Преподаватель кафедры организации тактики оперативно-розыскной деятельности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции*
*Lecturer of the Department of Organization of Tactics of Operational-Investigative Activities of Faculty No. 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Captain of militia*



E-mail: mekhrafruz.kurbonova@mail.ru

*Ихтисосҳои илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).

*Научные специальности:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)

*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Зоир Ҷ.М. – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

*Рецензент:* Зоир Дж.М. – заведующий отделом государственного права Института философии, политики и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.

*Reviewer:* Zoir J.M. - Head of the Department of Public Law of the A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy, Politics and Law National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола муаллифон тасмим гирифтанд, ки яке аз паҳлуҳои асосии амнияти иттилоотӣ – асосҳои ҳуқуқии онро мавриди таҳлил қарор диҳанд, чунки ба ақидаи онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти илмию амалии калон дорад.

*Вожаҳои калидӣ:* иттилоот, амнияти иттилоотӣ, қонунгузорӣ, киберҷинояткорӣ, технологияҳои муосир, низоми иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ.

*Аннотация:* В статье авторы подвергли анализу один из основных аспектов информационной безопасности – ее правовую основу, так как по мнению авторов, в условиях глобализации исследование различных аспектов информационной безопасности для Республики Таджикистан имеет большое научное и практическое значение.

*Ключевые слова:* информация, информационная безопасность, законодательство, киберпреступность, современные технологии, информационные системы, глобализация.

*Annotation:* In the article, the authors analyzed one of the main aspects of information security - its legal basis, since, in the opinion of the authors, in the context of globalization, the study of various aspects of information security for the Republic of Tajikistan has scientific and practical significance.

*Key words:* information, information security, legislation, cybercrime, modern technologies, information systems, globalization.

Имрӯз дар ҳаёти давлатҳои муосир дар шароити вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муносибатҳо байни давлатҳо ва иттиҳоди давлатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, муайян намудани моҳияти таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳаммияти калон пайдо менамояд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023 нисбати самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таъкид ва вазифагузорӣ кардаанд: «Вазъи мураккаби ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла, торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷинояткории киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем» [9].

Имрӯз иттилоот дар тамоми соҳаҳо нақши калидӣ пайдо карда, ҳамчун воситаи муҳимми таъсиргузории сиёсӣ барои давлатҳо нақши сарнавиштсоз дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат як қатор тадбирҳо андешидааст. Афзоиши ҷиноятҳои муташаккилона, ҳаракатҳои пинҳонкоронаи гурӯҳҳои ҷинояткор, дараҷаи баланди таҷҳизоти техникии онҳо, ноустувории манбаъи далелҳо, аз ҷумла, нишондодҳои шоҳидон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қонунгузорро водор месозад, ки роҳҳои нави имконияти

ҳуқуқии муқовимат бар зидди ҷинояткориро пайдо намуда, воситаҳои мавҷуда ва усулҳои ҷамъоварии далелҳоро ҳаматарафа беҳтар намоянд. Дар роҳи пешгирии ҳар гуна хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти давлат мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаашон аз 23 декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки «ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд» [10].

Категорияи «иттилоот» дар адабиёти гуногун бо тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, дар Луғати калон энсиклопедӣ таърифи калимаи «иттилоот» чунин оварда шудааст, ки "иттилоот (аз лотинии Informatio - тавзеҳот, муаррифӣ), аслан, маълумоте, ки аз ҷониби одамон ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ё ба тариқи дигар воситаҳо (бо истифода аз сигналҳои шартӣ, техникӣ) дода мешаванд" [5, с. 137-144]. Ба андешаи Ғафоров Ф.М. , дар амалия амнияти иттилоотӣ одатан ҳамчун маҷмуи хосиятҳои асосии зерини иттилооти ҳифзшаванда баррасӣ мешавад:

– махфият - кафолат додани он, ки маълумоти мушаххас танҳо ба он корбароне дастрас аст, ки ба ин дастрасӣ иҷозат дода шудааст (истифодабарандагони ваколатдор);

– якпорчагӣ - кафолати нигоҳ доштани арзишҳои дурусти иттилоот, ки ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқол тағйир наёфтаанд;

– дастрасӣ - кафолат додани он, ки корбарони ваколатдор ҳамеша метавонанд ба маълумот дастрасӣ дошта бошанд;

– ҳаққоният (аутентичность) - кафолати он, ки манбаи иттилоот маҳз шахсе мебошад, ки муаллифи он эълон шудааст;

– шикоятпазирӣ (апеллируемость) - кафолати иртиботи иттилоот бо муаллифи он ва дар ҳолати зарурӣ исбот кардани он, ки муаллифи хабар шахси эълоншуда мебошад ва ҳеҷ каси дигар буда наметавонад [5, с. 137-144].

Муҳаммад А.Н. ва Сафарализода Х.Қ. мафҳуми «амнияти иттлооти»-ро чунин пешниҳод намудаанд: «Амнияти иттилоотӣ ҳолати системаи иттилоотии мамлакат мебошад, ки аз таъсири манфии таҳдидҳои дохилӣ ва берунии соҳаи иттилоотро бартараф менамояд ва аз ҷониби дигар амалишавии он барои унсурҳои ҷудогонаи системаи мазкур таҳдид эҷод намекунад» [8, с. 151]. Хусусиятҳои муҳимми амнияти иттилоотиро муҳаққиқон ба таври зерин маънидод намудаанд:

– амнияти иттилоотӣ ҳолате мебошад, ки дар он ба соҳаи иттилоотии объекти амният ҳеҷ гуна хатарҳо таҳдид намекунанд ва зарар низ расонида наметавонанд;

– амнияти иттилоотӣ ифодагарӣ хислатҳои объекти амният буда, дар соҳаи иттилоотӣ бо роҳи риояи қоидаҳои рафтор зарари хатару таҳдидҳоро коҳиш медиҳад [8, с. 151].

Дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи Ятимов С.С. ва Холиқов Ф.А., таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар madди аввал қарор дорад [11, с. 204-216]. Зеро рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар вобастагӣ дорад. Чунин вазъ тақозои онро менамояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа рушду такмил дода шуда, бо дигаргуниҳои замони муосир мутобиқ сохта шаванд.

Ба андешаи олимони мазкур, сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ шакли махсуси муносибатҳои сиёсӣ ба шумор меравад, зеро дар он субъектҳои сиёсат, пеш аз ҳама мақомоти ҳокимияти

давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолона ширкат меварзанд [11, с. 204-216]. Муллифон чунин қайд менамоянд, ки сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ ба мисли сиёсати соҳаҳои дигар дар заминаи меъёрҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад, ки онҳоро бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– риояи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои дигар эътироф гардидаанд;

– иттилоотонии ҷомеа дар бораи иҷроиши вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти онҳо;

– баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни раванди муносибатҳои иттилоотӣ новобаста аз мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

– рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ [11, с. 204-216].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ба андешаи муаллифон амнияти иттилоотӣ ин ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва (ё) берунӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот фаҳмида мешавад. Амнияти иттилоотӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда мешаванд:

а) аз тарафи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ риоя намудани меъёрҳо, талабот ва қоидаҳои хусусияти ташкилӣ ва техникидошта оид ба ҳифзи иттилоот;

б) истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор, таъмини барномавӣ ва дастгоҳӣ ва умуман воситаҳои ҳифз, ки ба талаботи муқарраршуда оид ба ҳифзи иттилоот ҷавобгӯ мебошанд;

в) ба ҷо овардани назорати ҳифзи иттилоот.

Яке аз механизмҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ин ҳифзи ҳуқуқии он, яъне аз тарафи қонунгузор қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ҳифзи иттилооти дуруст ва аз рӯйи таъинот истифодашавандаро кафолат медиҳад. Морозов А.В. зарурати такмили қонунгузории соҳаи иттилоотиро таҳқиқ намуда, иброз медорад, ки дар шароити тавсеаи равандҳои иттилоотонӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ масъалаи танзими ҳуқуқии ин равандҳо дар мадди аввал қарор мегиранд. Ҳамзамон, рушду такмили қонунгузории соҳаи иттилоотӣ ба он хотир зарур дониста мешавад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа ба сатҳу сифати танзими муносибатҳои соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад [7, с. 208].

Дар воқеъ, дар шароити ҷаҳонишавӣ зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти он ба миён омадааст. Зеро танҳо бо муқовимати саривақтӣ мо метавонем Истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷикро аз киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ҳифз намоем.

Бомуваффақона кушодан ва тафтиш намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, дарёфти далелҳои аҳаммияти муҳим дошта аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, коркарди механизми ҷамъоварии онҳо, боз ҳам пурзӯр намудани роҳҳои муқовимат бо омилҳои зиддиҷамъиятӣ зарурати ташаккули базаи хуби меъёрии ҳуқуқиро, аз он ҷумла, қонунгузорие, ки таъмини амнияти иттилоотиро ба танзим медарорад, ба миён меоварад. Амнияти иттилоотӣ низ ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ баён гардидаанд ва заминаи ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд, асос меёбад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ истифода мешаванд. Қонунгузорӣ, ба маънои маҳдуд, чун низоми қонунҳо ва ба маънои васеъ - низоми ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои меъёрии зерқонунӣ тавсиф мешавад. Низоми қонунгузорӣ - низом ё маҷмуи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунандае фаҳмида мешавад, ки ин ё он намуди фаъолиятро ба танзим медарорад. Умуман дар илми ҳуқуқшиносӣ тахти мафҳуми низоми қонунгузорӣ – маҷмуи қонунҳо ва

санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунӣ мебошад, ки вобаста ба предмети танзим ва эътибори ҳуқуқиашон ба соҳаҳои ҷудогона ва воҳидҳои дигари комплексӣ тақсим шудаанд, фаҳмида мешавад.

Зери мафҳуми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини амнияти иттилоотӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои дар ин самти фаъолият ба миён меомадаро танзим менамоянд. Чунин муносибатҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудаанд, устувор ва доимоамалкунанда буда, аз ҷониби субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ пурра бо риояи меъёрҳои дар чунин санадҳо ифодаёфта ба роҳ монда мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти иттилоотӣ як қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Танзимдарории ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ хусусияти функсионалӣ ва хизматӣ дорад. Чунин танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ байни давлат (намояндагони он) ва шаҳрванд бинобар пайдо шудани зарурат оид ба ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Вобаста ба ин, асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба якчанд гурӯҳ тақсим карда мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016 - қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ташкили ҳокимияти давлатиро муайян мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқ мавқеи баландтарин дорад. Вобаста ба ин, мутобиқи муқаррароти м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон он эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд [1].

Дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дарҷ шудааст. Принсипи мазкур аз м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Тибқи он, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз мекунад. Ҳамчунин, Конститутсия:

– асоси маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо (қ. 3 м. 14);

– тартиби супоридани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асосӣ шартномаи тарафайн (қ. 1 м. 16);

– баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (қ. 1 м. 17);

– имкони истифодаи ҷазои қатл барои ҷинояти махсусан вазнин ва дар асоси ҳукми суд (қ. 2 м. 18);

– манъ будани шиканҷа, ҷазо ва муносибатҳои ғайриинсонӣ нисбати шахс (қ. 3 м. 18);

– кафолати ҳифзи судӣ, асосҳои қонунии дасгиркунию ҳабси шахсӣ (м. 19);

– ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд чун ягона асоси гунаҳгор донистани шахс (қ. 1 м. 20);

– ҳолатҳои номумкин будани ҷавобгарии ҷиноятӣ, манъи татбиқи ҷазои такрорӣ барои як ҷиноят (қ. 2 м. 20);

– қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ, манъи мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда (қ. 3 м. 20);

– бо роҳи судӣ ҷуброни зарари ба онҳо расонидашударо талаб намоянд ва давлат инро кафолат медиҳад (м. 21);

– аз ҷониби давлат таъмин кардани махрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (қ. 1 м. 23);

– бе розигии инсон дар бораи ҳаёти шахсии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот (қ. 2 м. 23);

– аз ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ маҳрум будани шахсе, ки мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум сохтан нигоҳ дошта мешавад (қ. 4 м. 27);

– аз ҷониби давлат ҷуброн намудани зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ мебинад, муқаррар менамояд (м. 32);

– манъи бисёрникоҳӣ (қ. 3 м. 33);

– риояи қонун вазифаи ҳар шахс дар қаламрави Тоҷикистон (қ. 1 м. 42);

– надонистани қонуни ҷиноятӣ ҷавобгариро истисно намекунад (қ. 2 м. 42) муайян менамояд.

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ва ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷараёнҳои ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз ёфт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафкураи нави сиёсӣ пойдор гардид, ки ҳамчун асоси фаъолияти берунӣ ва дохилии давлати нав ташкил - эътирофи бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро муайян намуда, дар баланд бардоштани нақши он дар низоми қонунгузории миллӣ мусоидат кард. Бо мурури замон қонунгузории Тоҷикистон хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалиро касб намуда, дар он меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшуда мустаҳкам мегарданд, шартномаҳои байналмилалии нав мавриди татбиқ (имплементатсия) қарор дода мешаванд.

Агар дар маъхазҳои ҳуқуқӣ нисбат ба масъалаи ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ эътироф шудан ё нашудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муносибати духӯра ҷой дошта бошад, пас дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала ба таври мусбат ҳалл шудааст. Масалан, дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» [1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон маҳдуд намешавад. Дар он инчунин афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҷумҳурӣ дар назди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки «агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [1].

Дар соҳаи муқовимат бо киберҷиноятҳо шартномаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мавҷуданд. Яке аз мисолҳо, Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо аз соли 2001 мебошад. Ҳадафи ин конвенсия ягонакунии қонунгузории миллӣ, такмили усулҳои тафтиши ҷиноятҳои киберӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад [6, с. 222]. Он инчунин ба давлатҳои аъзои Конвенсия оид ба чораҳои андешидашуда дар сатҳи миллӣ оид ба муқовимат бо ҷиноятҳои киберӣ, аз ҷумла, ворид намудани тағйироту иловаҳои қонуни моддӣ (масалан, ҷиноят эътироф кардани кирдорҳои марбут ба киберҷиноят) ва қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (масалан, муайян кардани тартиби таъқиби ҷиноятӣ ва пешбурди судӣ). Конвенсия инчунин ба давлатҳои узв оид ба кӯмаки мутақобила тавсияҳо медиҳад ва ҳамчун шартномаи ёрии ҳуқуқии мутақобила хизмат мекунад (яъне созишномаҳои байни кишварҳо дар бораи ҳамкорӣ дар таҳқиқ ва таъқиби баъзе ва ё ҳама ҷиноятҳое, ки дар қонунҳои миллии ҳарду ҷониб чунин эътироф шудаанд).

Якчанд созишномаҳо дар соҳаи муқовимат бо киберҷинояткорӣ вуҷуд доранд, ки хусусияти минтақавӣ доранд:

1) Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар муқовимат бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, ки аз ҷониби кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 2001 имзо шудааст. Ин созишнома аз давлатҳо тақозо мекунад, ки қонунҳои миллиро барои иҷрои муқаррароти созишнома қабул кунанд ва қонунгузории миллиро дар соҳаи муқовимат бо киберҷинояткорӣ мувофиқ созанд;

2) Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ, ки соли 2010 аз ҷониби

Созмони ҳамкории Шанхай қабул шудааст. Самараи ин созишнома аз доираи ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ ва амнияти киберӣ фаротар буда, чораҳои таъмини амнияти иттилоотии давлатҳои иштирокчӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии созишнома, инчунин чораҳои назорати миллии низомҳои иттилоотӣ ва мундариҷаи онҳоро дар бар мегирад.

Гуфтаҳои боло муҳиммият ва зарурати омӯзиши масоили марбут ба мафҳумҳо, бандубаст, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи Интернет ва захираҳои электронии иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳо ва дигар захираҳо) содир мешаванд, таҳияи тавсияҳо ҷиҳати пешгирии онҳо, стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин усулҳои муқовимат ба ин категорияи ҷиноятҳоро асоснок менамоянд.

Солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави қабули кодексҳо оғоз гардид. Дар ин давра дар баробари қабул гардидани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав кодификатсияи қонунгузорӣ гузаронида шуд. Дар Тоҷикистон қариб хамаи соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳоло кодексҳои худро доранд.

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунҳои иттилоотӣ дар кодексҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ пешбинӣ гардидааст. Хусусан, дар Кодекси ҷиноятӣ моддаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

– 144 (Ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ);

– 145 (Ошкор намудани сирри тиббӣ);

– 162 (Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон);

– 173 (Ифшои сирри писархондӣ (духтархондӣ));

– 180 (Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ);

– 182 (Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа);

– 208 (Ниҳон доштани иттилоот оид ба ҳолатҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок мебошанд);

– 221 (Қасдан ниҳон доштан ё таҳриф кардани маълумот оид ба олудагии муҳити зист);

– 241 (Ғайриқонунӣ тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ);

– 277 (Ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ);

– 278 (Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ);

– 298 (Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ);

– 299 (Тағйир додани иттилооти компютерӣ);

– 300 (Тахрибі компютерӣ);

– 301 (Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ);

– 302 (Тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ);

– 303 (Таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар);

– 304 (Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ);

– 308 (Ҷосусӣ);

– 311 (Ифшои сирри давлатӣ);

– 312 (Гум кардани асноди дорои сирри давлатӣ) [4].

Ҷавобгариҳои маъмурӣ барои вайрон кардани қонунгузории вобаста ба иттилоот дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфассал танзим шудааст, аз ҷумла, чунин моддаҳо муқаррар шудааст:

– 365 (Иҷро накардани амрнома ё қарори мақомоти ваколатдори давлатии назорат ва танзими соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ);

– 368 (Монеъ шудан ба иҷрои вазифаҳои хизматии шахсони салоҳиятдори мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи алоқа ва иттилоот);

– 373 (Риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои ахбори омма);

– 501[1] (Пинҳон кардани иттилоот дар бораи доштани шаҳрвандии давлати дигар);

– 507 (Риоя накардани қоидаҳои ҳифзи техникии иттилоот);

– 506 (Бе иҷозати дахлдор иҷро намудани фаъолияте, ки бо сирри давлатӣ алоқаманд аст);

– 507 (Риоя накардани қоидаҳои ҳифзи техникии иттилоот);

– 520 (Риоя накардани тартиби расонидани нусхаи ҳатмӣ);

– 521 (Риоя накардани қоидаҳои нигоҳдории иттилоот);

– 535 (Риоя накардани қоидаҳои пешниҳоди ҳисобот ва иттилоот дар бораи фаъолияти бонкӣ);

– 546 (Рекламаи бардурӯғ);

– 562 (Истифодаи бевиҷдононаи иттилооти хизматӣ);

– 563 (Пешниҳод кардани иттилооти нодуруст);

– 508 (Риоя накардани қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи сирри давлатӣ аз интишор кардани он дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма);

– 554[1] (Ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратии субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳад) [3].

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар ба ҷавобгарии маданӣ барои расонидани зарари маънавӣ барои паҳн кардани иттилоотии зараровар нигаронида шудааст, ки дар моддаҳои зерин ифода ёфтаанд:

– 16 (Товони зарари маънавӣ);

– 243 (Ҳуқуқ ба эҳтирмои шаъну шараф ва эътибори корӣ);

– 455 (Товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадори расонида шудааст);

– 527 (Товони зарари маънавӣ ба истеъмолкунанда) [2].

Мусаллам аст, арзишҳои Конуситутсия ба замми хислати мустақим доштан боз давом ва рушди мантиқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ низ пайдо мекунад. Агар ба шумораи қонунҳои қабулшуда назар намоем, пас доир ба иттилоот қабул шудани зиёда аз 20 қонуни соҳавӣ кам нест. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба танзими ҳуқуқи муносибатҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (2001); «Дар бораи алоқаи барқӣ» (2002); «Дар бораи иттилоот» (2002); «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2002); «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (2002); «Дар бораи алоқаи почта» (2003); «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (2007); «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (2008); «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» (2011); «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (2013); «Дар бораи сирри давлатӣ» (2014); «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» (2016); «Дар бораи маълумоти шахсӣ» (2018) ва ғайра.

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иттилоот консепсияҳои гуногун қабул шудаанд, аз ҷумла, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 (бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали с. 2018, № 1005 тасдиқ шудааст); Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали с. 2011, № 1021 тасдиқ шудааст); Консепсияи ташаккули хукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2011, № 643 тасдиқ шудааст); Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри с. 2009, № 529 тасдиқ шудааст); Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели с. 2008, № 451 тасдиқ шудааст); Консепсияи системаи иттилоотии идораи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри с. 2007, № 530 тасдиқ шудааст) ва ғайра.

Ҳамзамон якчанд барномаҳои давлатӣ дар ин самт низ қабул шудаанд, аз ҷумла, Барномаи давлатии амалӣ

намудани технологияҳои иттиллоотӣ-коммуникатсоинӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри с. 2017, № 443 тасдиқ шудааст); Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми июли с. 2014, № 428 тасдиқ шудааст); Барномаи амалинамоии Консепспяи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми майи с. 2009, № 307 тасдиқ шудааст); Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми июни с. 2005, № 188 тасдиқ шудааст) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини амнияти иттлоотӣ қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз руйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Зери мафҳуми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини амнияти иттлоотӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои дар ин самти фаъолият ба миён меомадаро танзим менамоянд. Чунин муносибатҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудаанд, устувор ва доимоамалкунанда буда, аз ҷониби субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ пурра бо риояи меъёрҳои дар чунин санадҳо ифодаёфта ба роҳ монда мешаванд.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22-юми майи с. 2016). - Душанбе: «Маориф», 2017. 86 с.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри с. 2022, № 1918 (Кодекси мазкур аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд).
3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри с. 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 12. қ.1 м. 989-990 (Қ ҶТ аз 20.06.2024 № 2051, аз 02.01.2025 № 2120).
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. м. 68-69 (Қ ҶТ аз 13.11.2023, № 1984; аз 13.11.2023, № 1985; аз 20.06.2024, № 2050).
5. Ғафаров, Ф.М. Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши амнияти иттилоотӣ / Ф.М. Ғафоров // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2022. – № 3 (50). – С. 137-144.
6. Давлатзода, К.Д. Аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 2. – С. 221-229.
7. Морозов, А.В. Правовое обеспечение информационной безопасности / А.В. Морозов. – М.: РПА Минюста России, 2012. – 346 с.
8. Муҳаммад, А.Н., Сафарализода, Х.Қ. Амнияти миллӣ: монография / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ Сафарализода. – Душанбе: Империал-Групп, 2019. – 224 с.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри с. 2023 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://prezident.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 18.03.2025).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-уми декабри с. 2022 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://prezident.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 18.03.2025).
11. Ятимов, С.С., Холиқов, Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он / С.С. Ятимов, Ф.А. Холиқов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3 (52). – С. 204-216.

## References

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (as amended on May 22, 2016). - Dushanbe: "Maorif", 2017. 86 p.
2. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 22, 2022, №. 1918 (This Code came into force on July 1, 2023).
3. Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, №. 455 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2008. №. 12. p.1 art. 989-990 (Court of the Republic of Tajikistan dated 20.06.2024, №. 2051, dated 02.01.2025 №. 2120).
4. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, №. 574 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 1998. №. 9. p. 68-69 (Court of the Republic of Tajikistan dated 13.11.2023, №. 1984; dated 13.11.2023, №. 1985; dated 20.06.2024, №. 2050).
5. Gafarov, F.M. Theoretical aspects of information security studies / F.M. Gafarov // Bulletin of the Technological University of Tajikistan. – 2022. – No. 3 (50). – Pp. 137-144.
6. Davlatzoda, K.D. The importance of international instruments in combating cybercrime / K.D. Davlatzoda // Message of the National University of Tajikistan. Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2023. – No. 2. – Pp. 221-229.
7. Morozov, A.V. Legal support of information security / A.V. Morozov. - M.: RPA of the Ministry of Justice of Russia, 2012. - 346 p.
8. Muhammad, A.N., Safaralizoda, H.Q. National Security: monograph / A.N. Muhammad, H.Q. Safaralizoda. – Dushanbe: Imperial-Group, 2019. – 224 p.
9. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic” dated December 28, 2023 // [Electronic resource] - Access schedule: https://prezident.tj/event/missives/36370 (access date: 03.18.2025).
10. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic” dated December 23, 2022 // [Electronic resource] - Access schedule: https://prezident.tj/event/missives/36370 (access date: 18.03.2025).
11. Yatimov, S.S., Kholikov, F.A. Information security of the Republic of Tajikistan and the main directions of its provision / S.S. Yatimov, F.A. Kholikov // State Management. – 2021. – No. 3 (52). – Pp. 204-216.

**УДК 343.98:378.147**

# О МЕТОДИКЕ ПРЕПОДАВАНИЯ УЧЕБНОЙ ДИСЦИПЛИНЫ «ОРГАНИЗАЦИЯ И ТАКТИКА ВЫЯВЛЕНИЯ И РАСКРЫТИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СФЕРЕ КОМПЬЮТЕРНОЙ ИНФОРМАЦИИ»

# ОИД БА УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪЛИМИИ «ТАШКИЛ ВА ТАКТИКАИ ОШКОР ВА КУШОДАНИ ҶИНОЯТҲО ДАР САМТИ ИТТИЛООТИ КОМПЮТЕРӢ»

# ON THE METHODOLOGY OF TEACHING THE ACADEMIC DISCIPLINE «ORGANIZATION AND TACTICS OF IDENTIFICATION AND DISCOVERY OF CRIMES IN THE SPHERE OF COMPUTER INFORMATION»

БЕЛОКОБЫЛЬСКАЯ О.И.
BELOKOBYLSKAYA O.I.
*Доцент кафедры оперативно-разыскной деятельности и специальной техники Волгоградской академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент, полковник полиции*
*Дотсенти кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва техникаи махсуси Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия*
*Associate Professor of the Department of Operational Investigative Activities and Special Equipment of the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Candidate of Law, Associate Professor, Police Colonel*



e-mail: belokob-olga@yandex.ru

*Научная специальность:* 12.00.12 – криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность (5.1.4. Уголовно–правовые науки).
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ).
*Scientific specialty:* 12.00.12 – criminalistics, forensic activities, operational investigative activities (5.1.4. Criminal law sciences).

*Рецензент:* АЛЕКСЕЕВА А.П. – профессор кафедры уголовного права, криминологии и уголовно-исполнительного права Калининградского филиала Санкт-Петербургского университета МВД России, доктор юридических наук, профессор, Заслуженный юрист Российской Федерации, полковник полиции.
*Тақриздиҳанда:* АЛЕКСЕЕВА А.П. – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии филиали Калинингради Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, полковники политсия.
*Reviewer:* ALEKSEEVA A.P. – Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Criminal-Executive Law of the Kaliningrad branch of the St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Doctor of Law, Professor, Honored Lawyer of the Russian Federation, Police Colonel.

*Аннотация.* Статья посвящена первостепенной задаче, направленной на подготовку грамотных и высококвалифицированных профессионалов для оперативных подразделений системы внутренних дел, в частности, подразделений уголовного розыска. Для успешного решения перечисленных задач в Волгоградской академии МВД России с 2023 года осуществляется

преподавание учебной дисциплины «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации». Изучение предмета позволяет приобрести знания, сформировать у курсантов и слушателей умения и навыки, необходимые для дальнейшей профессиональной деятельности в сфере противодействия рассматриваемым преступлениям. Предполагается, что успешное освоение курса обучающимися должно в дальнейшем способствовать повышению уровня раскрываемости таких преступлений.

*Ключевые слова:* учебная дисциплина, методика преподавания, преступления, компьютерная информация, киберпреступность, информационно-аналитический комплекс «Орион».

*Аннотация.* Мақола ба вазифаи аввалиндараҷаи омода намудани мутахассисони босалоҳият ва баландихтисос барои воҳидҳои оперативии низоми корҳои дохилӣ, аз ҷумла, воҳидҳои кофтукови ҷиноятӣ бахшида шудааст. Барои бомуваффақият ҳалл намудани вазифаҳои дар боло зикршуда Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград аз соли 2023 фанни таълимии «Ташкил ва тактикаи ошкор ва кушодани ҷиноятҳо дар самти иттилооти компютерӣ» омӯзонида мешавад. Омӯзиши фанни мазкур ба курсантон ва шунавандагон имкон медиҳад, ки дониш ва малакаи заруриро пайдо намуда, барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ дар соҳаи муқовимат ба ҷиноятҳои зикршуда маҳорати худро инкишоф диҳанд. Гумон карда мешавад, ки аз ҷониби курсантон бомуваффақият гузаштани курс минбаъда бояд ба баланд шудани сатҳи ошкор намудани чунин ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

*Вожаҳои калидӣ:* фанни таълимӣ, усули таълим, ҷиноятҳо, иттилооти компютерӣ, ҷиноятҳои киберӣ, маҷмааи иттилоотӣ-таҳлилии «Орион».

*Annotation.* The article is devoted to the primary task aimed at training competent and highly qualified professionals for operational units of the internal affairs system, in particular, criminal investigation units. To successfully solve the listed tasks, the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia has been teaching the academic discipline «Organization and tactics of identifying and solving crimes in the field of computer information» since 2023. Studying the subject allows you to acquire knowledge, form in cadets and students the skills and abilities necessary for further professional activity in the field of combating the crimes in question. It is assumed that successful mastering of the course by students should further contribute to an increase in the level of detection of such crimes.

*Key words:* academic discipline, teaching methods, crimes, computer information, cybercrime, information and analytical complex «Orion».

В современном мире информационные технологии и программное обеспечение вплотную проникли во все сферы жизнедеятельности человечества. Мы сами предоставляем цифровую информацию, которая накапливается, хранится, модифицируется и передается по различным каналам связи.

Развитие информационного пространства, позволяющее решать в кратчайшие сроки самые разнообразные задачи, к сожалению, используется далеко не всегда в благих целях. Это развитие активизировало и противоправную деятельность с целью «легкой наживы».

Преступления в данной сфере и организация противодействия определяется общим термином «киберпреступность». Сюда можно отнести и преступления в сфере информационных технологий, что гораздо шире преступлений в сфере компьютерной информации. Основная терминология по данным вопросам закреплена в действующих нормативных правовых актах [1; 2; 3].

Лица, причастные к совершению таких преступлений, зачастую объединяются в организованные группы (сообщества), отличаются особой организованностью, используют последние достижения науки и техники, владеют изощренными методами для сокрытия следов своей преступной деятельности.

Используя главный принцип оперативно-розыскной деятельности «наступательность», обязывает оперативных сотрудников органов внутренних дел постоянно и

непрерывно совершенствоваться в своей деятельности, искать и развивать наиболее действенные и эффективные, результативные пути для противодействия преступлениям в сфере компьютерной информации, применять современные методики, тактики.

Первостепенная задача направлена на подготовку грамотных и высококвалифицированных профессионалов для оперативных подразделений системы внутренних дел, в частности подразделений уголовного розыска, в связи с чем, особо актуальны вопросы повышения уровня и качества преподавания учебных дисциплин, знания по которым, несомненно, необходимы для продуктивной и эффективной работы в данной сфере.

Качественное и полное выявление, раскрытие и расследование преступлений в сфере компьютерной информации во многом зависят от ясного и четкого понимания того, что будет являться предметом преступного посягательства. Это обуславливает и его квалификацию. Установление способа совершения преступления помогает выявить причины и условия, способствующие совершению таких преступлений [6, с. 144].

Для успешного решения перечисленных задач в Волгоградской академии МВД России на факультете подготовки экспертов-криминалистов и оперативных сотрудников полиции с 2023 года осуществляется преподавание учебной дисциплины «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации». Изучение предмета позволяет приобрести знания, сформировать у курсантов и слушателей умения и навыки, необходимые для дальнейшей профессиональной деятельности в сфере противодействия рассматриваемым преступлениям. Предполагается, что успешное освоение курса обучающимися должно в дальнейшем способствовать повышению уровня раскрываемости таких преступлений.

Обеспечиваемыми дисциплинами данного курса являются «Уголовное право», «Уголовный процесс», «Криминалистика», «Оперативно-розыскная деятельность органов внутренних дел» и «Специальная техника органов внутренних дел». По сравнению с ними дисциплина «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации» является прикладной, так как в рамках ее изучения углубленно рассматриваются организация и тактика выявления, предупреждения, пресечения и раскрытия конкретных составов преступления, относящихся к совершенным в сфере компьютерной информации.

В результате изучения дисциплины обучающийся должен овладеть следующими учениями и навыками:

а) знать:

– правовую основу деятельности оперативных подразделений полиции по направлению деятельности в сфере компьютерной информации;

– правовую основу для формирования оперативных и иных учетов, использования информационных ресурсов и технологий для решения задач оперативно-розыскной деятельности;

– способы выявления, предупреждения, пресечения и раскрытия преступлений и иных правонарушений, в том числе совершаемых с использованием информационно-телекоммуникационных технологий;

– особенности проведения оперативно-розыскных мероприятий, направленных на выявление, предупреждение, пресечение и раскрытие преступлений, в том числе совершаемых с использованием информационно-телекоммуникационных технологий;

– основные понятия, структуру, виды и назначение информационных технологий, информационных систем и ресурсов глобальных компьютерных сетей, применяемых в оперативно-розыскной деятельности.

– средства и способы получения, хранения, систематизации, обработки, поиска и передачи информации.

б) уметь:

– выбирать основные направления оперативного поиска для получения оперативно-значимых сведений;

– планировать и проводить оперативно-розыскные мероприятия, в том числе в глобальных компьютерных сетях;

– анализировать и оценивать информацию, полученную в результате их проведения;

– использовать полученную информацию в выявлении, пресечении, предупреждении, раскрытии преступлений и иных правонарушений, в том числе совершаемых с использованием информационно-телекоммуникационных технологий;

– использовать оперативные и иные учеты, информационные ресурсы и технологии для выявления сведений, а также связей между различными объектами, в целях решения задач оперативно-розыскной деятельности.

в) владеть:

– навыками составления оперативно-служебной документации по направлению деятельности в сфере компьютерной информации;

– навыками проведения оперативно-розыскных мероприятий в целях выявления, предупреждения, пресечения и раскрытия преступлений, в том числе обнаружения скрытой и удаленной информации на электронных носителях и средствах вычислительной техники;

– навыками обращения к различным информационным ресурсам и технологиям получения, поиска и передачи информации.

– навыками поиска и анализа значимой информации в глобальных компьютерных сетях в целях решения задач оперативно-розыскной деятельности.

Первая тема занятия по данной учебной дисциплине посвящена оперативно-розыскной характеристике преступлений в сфере компьютерной информации, что логично предваряет изучению вопросов, связанных с организацией и тактикой раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации, особенностями документирования преступных действиях. В ней рассматривается дефиниция оперативно-розыскной характеристики преступлений в сфере компьютерной информации, её содержание, место и значение в теории и практике оперативно-розыскной деятельности, понятие оперативной обстановки в данной сфере, задачи и основные направления деятельности оперативных подразделений, характеристика их сил и средств, основные направления оперативного поиска для получения оперативно-значимых сведений.

Целесообразно при изучении данной учебной дисциплины использовать различные виды лекций: проблемную лекцию, лекцию вдвоем, лекцию с заранее запланированными ошибками.

Проблемная лекция является одним из основных методов обучения, применение которого не только позволяет раскрыть учебные вопросы, но и дает возможность акцентировать внимание на отдельных аспектах практической деятельности, проявить пробелы в правовом регулировании и разночтения в понимании закона, предложить решение имеющихся проблем, а также при анализе конкретных ситуаций составить верный алгоритм выбора решений. Лекция с заранее запланированными ошибками нуждается в тщательной проработке, подготовке в части эмпирического материала. Необходимо с особой точностью подходить к планированию ошибок, чтобы они не имели чисто теоретического характера, а помогали раскрыть проблемы, связанные с практикой противодействия киберпреступности [6, с. 144-147].

Важным фактором при выборе вида (формы) проведения занятий является целевая аудитория. Если дисциплина преподается для слушателей, которые проходят обучение заочно, необходимо учитывать уровень уже имеющейся их подготовки и стажа профессиональной деятельности. В данном случае классическая академическая форма проведения занятия не подойдет. Здесь более целесообразно выбрать беседу, дискуссию, анализ конкретных ситуаций [5].

Если техническое оснащение учебного заведения, наличие игровой атрибутики, специализированных полигонов позволяет применение имитационно-профессиональных игр, то это несомненно положительно скажется на качестве усвоения материала. Интерактивные методы обучения обеспечивают развитие познавательной деятельности,

развивают критичность в подходе к анализу и синтезу занимаемых позиций членов игрового коллектива, обучающиеся осознают свою роль, что несомненно приводит к быстроте, глубине и гибкости мышления.

Целью обучения является подготовка квалифицированных специалистов в области права, которые не только обладают обширными теоретическими познаниями, но и способны к самостоятельному творческому анализу действующих правовых актов и овладению навыками их практического применения в условиях динамично развивающейся правовой действительности.

Для этого в Волгоградской академии МВД России на кафедре оперативно-разыскной деятельности и специальной техники апробирован и внедрен информационно-аналитический комплекс «Орион», который позволяет сформировать у курсантов и слушателей представление о способах получения оперативно-значимой информации из различных баз данных органов государственной власти. Таким образом, они получают практические навыки информационно-аналитической работы, а также проведения конкретных оперативно-розыскных мероприятий. Например, в результате проведения оперативно-розыскного мероприятия «Наведение справок» комплекс представляет образец выписки из единого государственного реестра юридических лиц и индивидуальных предпринимателей, учет которых ведется в Федеральной налоговой службе; при обращении в Госавтоинспекцию МВД России – данные о владельцах транспортных средств по заранее смоделированному учебному сценарию.

Помимо этого, комплекс «Орион» способствует развитию у курсантов и слушателей аналитического мышления. Они сопоставляют сведения из информационных лент по заданным сценариям. Это позволяет систематизировать в служебных документах полученные сведения и способствует решению поставленных в рамках занятий семинарского типа задач.

Формирование опыта, основанного на умении самостоятельно совмещать имеющиеся теоретические знания с ситуационными конструкциями практической деятельности, а проще с реальностью, свободно рассуждать, благодаря углубленному освоению учебного материала, а также его твердое усвоение и закрепление обучаемыми – общая цель информационно-аналитического комплекса «Орион». Обучение с использованием указанного комплекса более качественно, интересно и продуктивно, поскольку интерактивные и мультимедийные средства призваны усилить мотивацию обучающегося к стремлению овладеть новыми знаниями.

Интерактивные инновационные методы соответствуют тому способу восприятия информации, которым отличается новое поколение обучающихся, выросшее на зрительном восприятии информации посредством использования, телевидения, компьютеров и мобильных телефонов.

Проведение занятий семинарского типа в предложенной интерактивной форме позволит обучающимся выработать навыки самостоятельного принятия решений, отработать вопросы, касающиеся деятельности оперативного сотрудника, в условиях максимально приближенных к оперативно-тактическим ситуациям, складывающимся в деятельности подразделений уголовного розыска, в соответствии с предложенной задачей.

Комплекс включен в перечень информационных технологий, используемых при реализации дисциплин оперативно-розыскного цикла.

Таким образом, использование комплекса «Орион» позволяет сформировать необходимые компетенции для осуществления оперативно-розыскной деятельности у обучающихся, которые уже «завтра» пополнят ряды территориальных органов внутренних дел.

Информационно-аналитический комплекс «Орион» также активно используется при обучении в Нижегородской академии МВ России и Уральском юридическом институте МВД России.

Недостатки материального обеспечения, недоступность восприятия учебного материала в обычном формате

образовательного процесса возможно частично компенсировать использованием мультимедийного оборудования, которое дает возможность обеспечить наглядно-образную демонстрацию материалов занятия. В качестве вспомогательного средства можно применить видеофрагменты и видеофильмы. Использование учебных фильмов наиболее целесообразно, поскольку, отмечают психологи, принцип визуализации относится к числу наиболее важных принципов использования средств обучения: информация, воспринятая органами зрения, лучше осмысливается и дольше сохраняется в памяти [4, с. 74-76]. Фильм как средство обучения способствует закреплению полученных знаний, систематизации изученного, оставаясь надолго ярким моментом в памяти обучающегося. Методика работы с учебным фильмом предусматривает не только его просмотр, но и обязательное обсуждение, выделение основных положений содержания, выполнение заданий. Такой алгоритм активизирует внимание обучающихся, исключая формальный подход к просмотру [7, с. 197-198].

С целью практикализации образовательного процесса кафедра оперативно-разыскной деятельности и специальной техники активно взаимодействует с оперативными подразделениями органов внутренних дел, в частности, с Управлением уголовного розыска (далее – УУР) Главного управления (далее – ГУ) МВД России Волгоградской области. По совместному Плану-графику сотрудники оперативных подразделений на регулярной основе приглашаются на лекционные занятия (лекция вдвоем), где преподаватели кафедры представляют лекционный материал с теоретической точки зрения, а оперативные сотрудники иллюстрируют информацию примерами из собственной практической деятельности. Кроме того, по договорам о безвозмездном оказании услуг сотрудники оперативных подразделений самостоятельно выполняют учебную нагрузку, в том числе по дисциплине «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации».

Также, совместно с УУР ГУ МВД России по Волгоградской области и профессорско-преподавательским составом кафедры оперативно-разыскной деятельности и специальной техники в кроссплатформенной системе мгновенного обмена сообщениями «Telegram» созданы рабочие профильные группы по направлениям деятельности «Киберполицейский», в которых задействовано 52 курсанта академии:

– по направлению незаконный оборот наркотических средств, психотропных веществ и их аналогов (группа создана 16 ноября 2023 г.) в УКОН ГУ МВД России по Волгоградской области в ходе мониторинга выявлена и направлена информация для отработки и оперативного использования о функционировании телеграм-каналов, распространяющих наркотические вещества.

– по направлению противодействия лицам, совершающих преступления с использованием информационных и телекоммуникационных технологий (группа создана 16 ноября 2023 г.) в ОБК ГУ МВД России по Волгоградской области в ходе мониторинга выявлена и направлена информация для отработки и оперативного использования о функционировании: 1 канала для обмена валюты; 1 канала для вывода денежных средств с пушкинской карты; 5 каналов для покупки сим-карт; 10 каналах с возможным распространением детской порнографии; 5 каналов с различными схемами нелегального заработка; 1 канала с предложением взлома аккаунтов; 42 профилей и аккаунтов со склонностью к девиантным проявлениям к несовершеннолетним. В результате чего сотрудниками ОБК ГУ МВД России по Волгоградской области направлено 10 материалов в Федеральную службу по надзору в сфере связи, информационных технологий и массовых коммуникаций для блокировки. По остальным данным проводится проверка.

– по направлению противодействия экстремистской деятельности (группа создана 15 февраля 2024 г.) в ЦПЭ ГУ МВД России по Волгоградской области в ходе

мониторинга выявлена и направлена информация для отработки и оперативного использования о 8 комментариях, содержащих негативные высказывания о СВО; 35 комментариях, содержащих негативные высказывания об органах и представителях государственной власти; 10 комментариях, содержащих негативные высказывания в отношении лиц по признакам расы, национальности, отношения к религии.

По переданным данным проводится проверка на предмет наличия составов административных либо уголовных правонарушений, установления лиц, опубликовавших запрещенный контент.

В результате проведенного небольшого исследования можно сделать некоторые выводы:

1. В современном мире высоких технологий и постоянного их развития, изучение учебной дисциплины «Организация и тактика выявления и раскрытия преступлений в сфере компьютерной информации» несомненно актуально.

2. Качество и успешность изучения данной дисциплины напрямую зависит от того, насколько грамотно и четко, с точки зрения методики, подготовлено и проведено занятие.

3. При проведении учебных занятий (лекций, занятий семинарского типа) важно и необходимо применять интерактивные методы и средства обучения, воссоздавать обстановку, свойственную профессиональной деятельности сотрудников оперативных подразделений в противодействии преступлениям в сфере компьютерной информации.

4. Максимально взаимодействовать при организации и проведении учебных занятий с сотрудниками оперативных подразделений органов внутренних дел.

**Использованная литература**

1. Соглашение о сотрудничестве государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями в сфере информационных технологий (заключено в г. Душанбе 28 сентября 2018 г.) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://cis.minsk.by/page/866 (дата обращения: 12.03.2025)

2. Распоряжение Президента Российской Федерации «О подписании Соглашения о сотрудничестве государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями в сфере информационных технологий» от 26 августа 2017 г., № 297-рп // [Электронный ресурс] - Официальный интернет-портал правовой информации. Режим доступа: http://publication.pravo.gov.ru/Document/View/0001201708280006 (дата обращения: 17.03.2024).

3. Постановление Правительства Российской Федерации «О представлении Президенту Российской Федерации предложения о подписании Соглашения о сотрудничестве государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями в сфере информационных технологий» от 19 августа 2017 г., № 983 // [Электронный ресурс] - Правительство России [сайт]. Режим доступа: http://government.ru/all/29253/ (дата обращения: 17.04.2025).

4. Дедов, С.Г. Обучающие видеоролики в системе современного образования / С.Г. Дедов // Актуальные исследования. – 2021. – № 42 (69). – С. 74-76

5. Преподаватель вуза: технологии и организация деятельности: практическое пособие / Под ред. С.Д. Резника; 5-е изд., доп. и переработ. – М.: ИНФРА-М, 2023. – 339 с.

6. Сезонова, Т.В. Об опыте преподавания учебной дисциплины «Расследование преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров» / Т.В. Сазонова // Вестник Калининградского филиала Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2023. – № 1 (71). – С. 144-147.

7. Харитонова, И.В. Использование учебных фильмов при обучении в вузе / И.В. Харитонова // Проблемы и перспективы развития образования: материалы I Международной научной конференции (г. Пермь, апрель 2011 г.). Т. 2. – Пермь: Меркурий, 2011. – С 197-198.

## References

1. Agreement on cooperation between the Member States of the Commonwealth of Independent States in combating crimes in the field of information technology (concluded in Dushanbe on September 28, 2018) // [Electronic resource] - Access mode: https://cis.minsk.by/page/866 (date of access: 12.03.2025)
2. Order of the President of the Russian Federation «On signing the Agreement on cooperation between the Member States of the Commonwealth of Independent States in combating crimes in the field of information technology» dated August 26, 2017, No. 297-rp // [Electronic resource] - Official Internet portal of legal information. Access mode: http://publication.pravo.gov.ru/Document/View/0001201708280006 (date of access: 17.03.2024).
3. Resolution of the Government of the Russian Federation «On submitting to the President of the Russian Federation a proposal to sign the Agreement on cooperation of the member states of the Commonwealth of Independent States in combating crimes in the field of information technology» dated August 19, 2017, No. 983 // [Electronic resource] - Government of Russia [website]. Access mode: http://government.ru/all/29253/ (date of access: 04/17/2025).
4. Dedov, S.G. Educational videos in the modern education system / S.G. Dedov // Current research. – 2021. – No. 42 (69). – Pp. 74-76
5. University teacher: technologies and organization of activities: a practical guide / Ed. S.D. Reznik; 5th ed., suppl. and rev. – M.: INFRA-M, 2023. – 339 p.
6. Sezonova, T.V. On the experience of teaching the discipline «Investigation of crimes related to the illegal trafficking of narcotic drugs, psychotropic substances and their precursors» / T.V. Sazonova // Bulletin of the Kaliningrad branch of the St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2023. – No. 1 (71). – Pp. 144-147.
7. Kharitonova, I.V. Use of educational films in teaching at the university / I.V. Kharitonova // Problems and prospects for the development of education: materials of the I International scientific conference (Perm, April 2011). T. 2. – Perm: Mercury, 2011. – Pp. 197-198.

**УДК 340.13**

# МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚӢ-БАРНОМАВИИ ЭКОЛОГИКУНОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

# ПРАВОВЫЕ И ПРОГРАММНЫЕ МЕХАНИЗМЫ ЭКОЛОГИЗАЦИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

# LEGAL AND PROGRAMMATIC MECHANISMS FOR GREENING LEGISLATION: THEORETICAL AND LEGAL RESEARCH



ҚОДИРЗОДА М.А.
QODIRZODA M.A.
*Мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Заведующий кафедрой теории и истории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент*
*Head of the Department of Theory and History of State and Law of the Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Law, Associate Professor*

E-mail: mirzokodir-1@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)

*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда*: БОБОҶОНЗОДА И.Ҳ. – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент*: БОБОДЖОНЗОДА И.Х. – заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук.

*Reviewer*: BOBOJONZODA I.KH. – Head of the Department of Theoretical Problems of the Modern State and Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law.

*Аннотатсия:* Дар мақола механизмҳои ҳуқуқӣ-барномавии экологикунонии қонунгузорӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда, санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва ғояҳои илмии дохилидавлатӣ ва хориҷӣ оид ба соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳуқуқи экологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар замони имрӯза масоили ҳифзи муҳити зист яке аз равандҳои мураккаби сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва муаммои байналмилалиро ташкил карда истодааст ва ба ақидаи муаллиф, дар ҷараёни мазкур яке аз воситаҳои муҳимми беҳтар кардани вазъи муътадили муҳити зист ин экологикунонии қонунгузорӣ ба шумор меравад.

*Вожаҳои калидӣ*: экологикунонии қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, ҳифзи муҳити зист, иқтисоди сабз, рушди қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ, сиёсати экологӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, устувории экологӣ.

*Аннотация:* В статье рассматриваются правовые и программные механизмы экологизации законодательства на основе действующего законодательства, нормативных правовых актов, программных документов, отечественных и зарубежных научных идей в области охраны окружающей среды и экологического права. В настоящее время вопросы охраны окружающей среды становятся одними из самых сложных политических, правовых и экономических процессов и международных проблем и по мнению автора, в этом процессе одним из важных средств улучшения экологической ситуации является экологизация законодательства.

*Ключевые слова:* экологическое законодательство, программные документы, правовые основы, теория правовой науки, охрана окружающей среды, зеленая экономика, развитие законодательства, государственная политика, экологическая политика, правовая политика, экологическая устойчивость.

*Annotation:* The article examines legal and program mechanisms for the greening of legislation based on current legislation, regulatory legal acts, program documents, domestic and foreign scientific ideas in the field of environmental protection and environmental law. At present, environmental protection issues are becoming one of the most complex political, legal and economic processes and international problems, and in the author's opinion, one of the important means of improving the environmental situation in this process is the greening of legislation.

*Key words:* environmental legislation, policy documents, legal framework, theory of legal science, environmental protection, green economy, development of legislation, public policy, environmental policy, legal policy, environmental sustainability.

Дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ ҷараёнҳои муосири таҳқиқотӣ бо назардошти талаботҳои нав ба нави ҷомеа рӯи кор омада истодааст. Албатта, дар заминаи қоидаи маъмули умуминазариявӣ тамоми илми ҳуқуқшиносиро дар заминаҳои соҳаҳои мустақил ва комплексии он таснифбандӣ менамоянд. Дар заминаи соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ падида ва ҷараёнҳои муосири илмӣ низ дар доираи ғояҳои самтноки илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегиранд. Дар асоси ғояҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ ва илми ҳуқуқи экологӣ яке аз падидаҳои бисёр муҳим ва хусусияти пешравидоштаро «экологикунонии қонунгузорӣ» ташкил менамояд.

Экологикунонӣ яке аз самтҳои муҳим барои ташаккули низоми қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки мақсади меҳварии он ба як зинаи дигар бурдани муносибати инсоният нисбати табиат мебошад.

Дар бисёре аз таҳқиқотҳои илми ҳуқуқшиносӣ экологикунонӣ ҳамчун экологикунонии маҳз қонунгузорӣ баррасӣ карда мешавад [9, с. 202]. Аз ҷумла, экологикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин ҷорӣ намудани талаботҳои экологӣ-ҳуқуқӣ дар мундариҷа ва моҳияти ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад[2, С. 95]. Экологикунонии қонунгузорӣ бошад, ин ворид намудани талаботҳои экологӣ ба қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ (гражданӣ, соҳибкорӣ, маъмурӣ, кишоварзӣ ва ғайра) мебошад.

Дар баробари ин яке аз ҷузъҳои консептуалии сиёсати ҳуқуқии кишварро «ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ва арзёбии стратегии экологӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисодиёти сабз» [1], ташкил менамояд.

Экологикунонӣ ин усули ҳуқуқи экологӣ, ки ба ҳадафи мутобиқгардонии муносибат байни ҷомеа ва муҳити зист равонагашта мебошад. Экологикунонии қонунгузорӣ ин раванди рушдкунанда мебошад, ки ба такмили механизми ҳуқуқии истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист равона шудааст [8, с. 16].

Ба ақидаи баъзе аз олимон истилоҳи экологикунонӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ ғайрианъанавӣ мебошад [10, с. 149], яъне чунин истилоҳ бештар дар соҳаҳои

иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Роҷеъ ба экологикунонии қонунгузорӣ аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ҳуқуқшинос Бобоҷонзода И.Ҳ. [15], Раҳимзода М.З. [16], Қодирзода М.А. [11], Голиченков А.К. [7, с. 151], Макарова Т.И. [12], Титарева М.Н. [17], Абанина Е.Н. [6] Тютюник А.С. [18] таҳқиқотҳои муайян анҷом дода шудааст, ки ҳолати мазкур аз муҳиммияти он барои расидан ба ҳадафҳои устувори экологӣ дарак медиҳад.

Оре, экологикунонӣ ҷараёни мураккабӣ илмӣ ва амалӣ буда, ҷараёни амалигардонии ғояи мазкур метавонад ҳам барои сармояи инсонӣ, иқтисодиёт ва ҳолати муътадиди олами табиии иҳоташуда, таъсири бевосита ва ё бавоситаи худро расонида бошад.

Боиси зикр аст, ки худи ҷараёни экологикунонии қонунгузорӣ ба раванди арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист пайвандии ногусастанӣ дорад.

Бо дарназардоши дараҷаи хатарнокии объектҳо барои таҳияи ҳисобот оид ба арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист таҳқиқоти экологӣ оид ба арзёбии таъсиррасонии объекти банақшагирифташаванда ба қисматҳои зерини муҳити зист гузаронида мешавад:

– арзёбии таъсиррасонии эҳтимолӣ ба ҳавои атмосфера;

– арзёбии таъсиррасонии акустикӣ;

– арзёбии таъсиррасонии фаъолияти банақшагирифташаванда ба обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ;

– арзёбии таъсиррасонии эҳтимолӣ ба қабати хокӣ ва набототӣ;

– арзёбии таъсиррасонии рекреатсионӣ ба ҳудудҳои ҳамшафат;

– таҳияи чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, ки барои кам кардани оқибати нохуб мусоидат менамоянд [5].

Аз нишондоди болозикр маълум мегардад, ки мавқеи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист барои танзим, идоракунӣ, ҳифз, истифодаи самаранок, барқарорсозӣ ва амалинамоии сиёсати давлатӣ дар партави баамалбарории функсияи экологии давлат ҷойгоҳи муҳимро доро мебошад.

Таъмини бехатарии экологӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии мамлакат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба таври зерин мусоидат менамояд:

– пешгирии ифлосшавӣ ва вайроншавии муҳити зист ва барқарорсозии минтақаҳои экологии вайроншуда;

– паст намудани хатари фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ; - кам кардани хатари умумиҷаҳонии тағйирёбии иқлим ва муҳити зист;

– таъмини истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ;

– беҳтар намудани истифодаи захираҳои маъданӣ ва энергетикӣ;

– беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва саломатии аҳолӣ;

– кам кардани пайдоиш, истифода ва нигоҳдории бехатари партовҳо;

– ҷобаҷогузории муносиби қувваҳои истеҳсолкунанда бо дарназардошти ғунҷоиши экологии муҳити табиӣ;

– таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сифати хӯрок;

– беҳтар намудани системаи давлатии идоракунии бехатарии экологӣ [2].

Дар маҷмуъ, зимни нишондоди болозикр маълум мегардад, ки дар амалинамоии раванди экологикунонии қонунгузорӣ мавқеи таъмини бехатарии экологӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати экологии давлат, бисёр муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Барои доштани тасаввурот оид ба муҳити зист ҳамчун омили афзоиш ва имкониятҳо барои тиҷорат, ба таҳиягарони сиёсати давлатӣ лозим меояд, ки системаи истифодакунандаи иқтидори бозаргонии сармояҳои экологӣ ва таҳқиқоту дастовардҳои илмиро ҷиҳати манфиати тарафайн байни муҳити зист ва иқтисодиёт ташкил диҳанд.

Роҳҳои асосие, ки барои расидан ба ин ҳадаф заруранд, инҳо мебошанд:

– мутобиқгардонии қонунгузории ҷории ҳифзи табиат ба талаботи рушди бахши хусусӣ;

– истифодаи воситаҳои нави иқтисодӣ ва иттиллоотӣ барои ҷалби технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ асоснок;

– иштироки ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои соҳибкорон, сармоягузорон, истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳукуматӣ вобаста ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла ҷиҳати ба устувории экологӣ расидан [2].

Яке аз ҷараёнҳои илмӣ, амалӣ ва барномавии рӯйи кор омадаро амалисозии раванди иқтисодиёти сабз дар истеҳсолоти сатҳи гуногун ташкил карда истодааст, ки мақсади меҳварии онҳоро таъмин намудани ояндабинии солими ҳифзи муҳити зист барои таъмини наслҳои оянда ташкил менамояд.

Раванди пешрафти иқтисоди "сабз" идомаи мантиқии рушди устувор буда, дар фарқият аз охирин ҳамбастагии унсурҳои рушди иқтисодӣ ва устувории экологиро инъикос менамояд. Ташаббуси иқтисоди "сабз" ба се принсипи асосӣ такя мекунад: истифодаи механизмҳои бозоргонӣ барои ба даст овардани рушди устувор, нигоҳдории сармояи табиӣ дар сатҳи милливу байналмилалӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ аз ҳисоби ташкил кардани ҷойҳои кории "сабз"[4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта ҷонибдори амалисозии принсипҳои иқтисоди "сабз" мебошад. Дар ин раванд таҳияи заминаи муносиби ҳуқуқӣ тавассути қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, инчунин қабули стратегия ва барномаҳо дар маҷмуъ барои амалисозии иқтисоди "сабз" заминаи муносиб фароҳам оварда, рушди кишвар ва нигоҳ доштани мувозинати экологиро таъмин менамояд.

Айни замон дар ҷаҳон раванди иқтисоди "сабз"-ро ҳамчун низоми томи муносибатҳо тавсиф намуда, ба принсипҳои зерин тақсим менамоянд:

– адолат (баробарӣ дар дастрасӣ ба табиат);

– эҳтиром (ба шукуфоӣ ва некӯаҳволӣ);

– эҳтиёткорӣ (баҳисобгирии сарбориҳои ҳудудӣ ба сайёра);

– иштирок (иштироки васеъ ҳангоми қабул кардани қарорҳо);

– идоракунӣ (ҳисоботдиҳӣ);

– устуворӣ (ноил гардидан ба устувории иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ);

– самаранокӣ (истеҳсоли устувор ва истеъмоли босубот);

– робитаи байни наслҳо (сармоягузорӣ барои оянда) [4].

Дар ин замина Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: «Пешрафти ояндаи ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зиёд дорад. Зеро он омили муҳимми таъмин намудани тараққиёти босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбон мебошад» [13].

Қобили зикр аст, ки тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ Тоҷикистон аз рӯйи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил гардида, имрӯз истеҳсоли ин намуди энергия дар кишвари мо 98 фоизро ташкил медиҳад.

Ин саҳми Тоҷикистон дар пешгирӣ кардани оқибатҳои харобиовари гармшавии иқлим ва татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мебошад [14].

Дар ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се самти имконияти ташаккули иқтисоди "сабз" -ро ҷудо кардан мумкин аст:

– самти иқтисодӣ, ки дар он бо мақсади пешбурди иқтисодиёти босамар ва камкарбон, аввалан истифодабарӣ аз чораҳои маъмурии маҳдудкунии ҳаҷми ихроҷҳо ба атмосфера ва дуюм аз воситаҳои иқтисодӣ, ки асоси онҳоро андозбандии «сабз», пардохтҳои экологӣ ва субсидияҳои «сабз» ташкил медиҳанд; сеюм чораҳои ихтиёриро дар бар мегирад, ки ташкили махзани маълумоти дахлдор ва низоми идоракунии ба шарикии давлату бахши хусусӣ тақозо мекунад;

– самти иҷтимоии иқтисоди «сабз» аз ҳисоби мусоидат ба сармоягузории «сабз» ба технологияҳо, сайёҳии экологӣ, маориф ва илм, афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ, кам кардани ихроҷи гази карбон ва ифлосшавии муҳити зистро таъмин менамояд ва ба баланд бардоштани самарабахшии энергия ва захираҳо ташаккул хоҳад ёфт;

– самти экологии иқтисоди «сабз» тақозо менамояд, ки манбаъҳои маъданӣ (зеризаминӣ)-и энергияи тамомшаванда самаранок истифода шавад, чунончи истифодабарии бошиддати онҳо аз як тараф ба иқлим таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар боиси маҳдудияти захираҳои табиӣ барои наслҳои оянда мегардад. Аз ин рӯ, асоси ин самти иқтисоди «сабз» ё ба таври дигар иқтисоди пасткарбониро он принсипҳои таъмини боэътимоди энергия ташкил медиҳанд, ки ба сарфаи энергия, самаранокии он ва гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия такя мекунанд [4].

Зикр кардан ба маврид аст, ки тибқи банди 3 самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 28-уми феврали соли 2025, № 114 иқтисоди сабз (таҳқиқоти таъсири иқтисоди сабз ба рушди устувор, экология, ҳифзи захираҳо ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, таҳияи технологияҳои нав, таҷрибаи идоракунӣ ва сиёсат барои гузариш ба моделҳои устувори иқтисодӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва камшавии захираҳои табиӣ) муқаррар карда шудааст.

Ҳолати мазкур гувоҳӣ аз муҳимияти меҳварии масоили вобаста ба иқтисоди сабзро дар 5-солаи минбаъда муайян ва муқаррар менамояд. Ба андешаи мо дар заминаи ҳадафи болозикр бояд тамоми ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ва ҳадафҳои пешгузоштаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар баробари мақоми ваколатдори давлатӣ ҳамзамон, аз ҷониби сохторҳои дигари давлатӣ, аҳолии ҷумҳурӣ дар амал татбиқ карда шаванд.

Бояд аз мадди назар дур насозем, ки чораёни дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегии давлатӣ дар баробари доштани махсусияти меъёрӣ, ҳамзамон ҷабҳаҳои густурдаи илмиро дар худ таҷассум кардаанд, ки ҳолати мазкурро мо аз ҳуҷҷатҳои барномавии самти ҳифзи муҳити зист бевосита мушоҳида карданамон мумкин аст. Аз ин хотир мо чунин мешуморем, ки дар вақти иҷроиши ҳадафҳои пешгузоштаи ҳуҷҷатҳои барномавӣ дар самти ҳифзи муҳити зист бояд ба таври ҳатмӣ дар низоми субъектони иҷрокунанда муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таълимие, ки ба самти мазкур риштаи махсуси фаъолиятро доранд ҷалб карда шаванд, зеро ба самаранокии татбиқи воқеӣ замина мешавад

Ба андешаи мо экологикунонии қонунгузорӣ метавонад боиси рушди низоми қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гардида, барои мукаммал гардонидани онҳо ва аз байн бурдани мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (байни қонунгузории соҳаи экологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мақсад ва таъинот) мусоидат намояд [11, с. 132].

Ҳамин тариқ чунин паҳлуҳои муҳимми аҳаммиятнокии экологикунонии қонунгузории экологиро барои ҳифз, истифода, барқарорсозӣ ва нигоҳдории сарватҳои муҳими табиии мавҷуда иброз карданамон мумкин аст:

– экологикунонии қонунгузорӣ имкон фароҳам меоварад, ки арзишҳои бунёдии ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон дар низоми қонунгузории таъсиргузор нисбат ба танзими муносибатҳои экологӣ ворид гардад;

– раванди экологикунонии қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки ғояҳои принсипиалии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ворид карда шуда, ба фазои сиёсати ҳуқуқии давлат мутобиқ карда шавад;

– экологикунонии қонунгузорӣ барои ҳарчи бештар аз нуқтаи назари илмӣ, консептуалӣ ва соҳавӣ мукаммалу устувор гардонидани мазмуну моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидати амалӣ менамояд;

– ҷараён гирифтани экологикунонии қонунгузорӣ шароити густурдаро баҳри васеъ намудани фазои созгори таъсири мутақобилан судманди истеҳсолот ва табиатро ба тариқи расмӣ (меъёрӣ) ба амал меоварад.

– амалинамоии экологикунонии қонунгузорӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва доктринаҳои мавҷуда ба шаклгирии низоми қонунгузории ба талаботҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва моделӣ ҷавобгӯй боис мегардад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали с. 2018, № 100 тасдиқ гардидааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
2. Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри с. 2008, № 645 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
3. Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали с. 2025, № 114 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.04.2025).
4. Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри с. 2022, № 482 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
5. Тартиби арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри с. 2018, № 532 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
6. Абанина, Е.Н. Экологизация как процесс достижения устойчивого развития / Е.Н. Абанина // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2018. - № 3 (122). – С. 201-207.
7. Бобылев, А.И., Минниахметов, Р.Г. Актуальные теоретические проблемы правовой системы общества // Право и политика. - М.: Nota Bene, 2004, № 5. - С. 134-143).
8. Бринчук, М.М. Теоретические проблемы экологизации законодательства: развитие идей О.С. Колбасова о концепции экологического права / М.М. Бринчук // Экологическое право. – 2007. – №6. – С. 16–21.
9. Бринчук, М.М. Проблемы экологизации законодательства / М.М. Бринчук // Права человека и современное государственно-правовое развитие. – М.: Институт государства и права РАН, 2007. – 542 с.
10. Гумерова, А.Р. Экологизация отраслей российского законодательства / А.Р. Гумерова // Журнал российского права. – 2004. – № 12. – С. 149–154.
11. Қодирзода, М.А. Функсияи экологии давлат дар шарити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: монография, нашри аввал / М.А. Қодирзода. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф» 2024. – 216 с.
12. Макарова, Т.И. Хотько, О.А. Экологизация земельного законодательства в Республике Беларусь: состояние и проблемы совершенствования / Т.И. Макарова, О.А. Хотько // Современное право. – 2014. - № 7. - С. 123-129.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми январи с. 2016 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри с. 2016 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2025).
15. Проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / зери таҳрири Бобоҷонзода И.Ҳ. ва Нематов А.Р. – Душанбе: МН “Дониш”, 2024. – 664 с.
16. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” // зери таҳрири Раҳимзода М.З. – Душанбе: “Империал-Групп”, 2015. – 229 с.
17. Титарева, М.Н. Регулирование процесса экологизации использования земельных ресурсов / М.Н. Титарева // Кадастр недвижимости и мониторинг природных ресурсов: международная научно-техническая интернет-конференция // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи

воридшавӣ: http://kadastr.org/conf/2012/pub/prirresurs/regul-ekologiz-zu.htm (санаи мурoҷиат: 03.03.2025).
18. Тютюник, А.С. Охрана земли в системе принципов земельного права: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Аэлита Сергеевна Тютюник. – М., 2017. – 211 с.

**References**

1. The Concept of Legal Policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated February 6, 2018, No. 100 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://www.adlia.tj (access date: 03.03.2025).
2. The Concept of Environmental Protection in the Republic of Tajikistan, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, No. 645 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://www.adlia.tj (access date: 03.03.2025).
3. Priority areas of scientific and scientific-technical research in the Republic of Tajikistan for the period until 2030, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated February 28, 2025, No. 114 // [Electronic resource]. – Access schedule: URL: http://www.adlia.tj (access date: 04.04.2025).
4. Strategy for the development of the "green" economy in the Republic of Tajikistan for 2023-2037, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated September 30, 2022, No. 482 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://www.adlia.tj (access date: 03.03.2025).
5. The procedure for environmental impact assessment, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated November 1, 2018, No. 532 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://www.adlia.tj (access date: 03.03.2025).
6. Abanina, E.N. Greening as a process of achieving sustainable development / E.N. Abanina // Bulletin of the Saratov State Law Academy. - 2018. - No. 3 (122). - Pp. 201-207.
7. Bobylev, A.I., Minniakhmetov, R.G. Actual theoretical problems of the legal system of society // Law and Politics. - M.: Nota Bene, 2004, No. 5. - Pp. 134-143).
8. Brinchuk, M.M. Theoretical problems of greening legislation: development of O.S. Kolbasov's ideas on the concept of environmental law / M.M. Brinchuk // Environmental law. – 2007. – No. 6. – Pp. 16-21.
9. Brinchuk, M.M. Problems of greening legislation / M.M. Brinchuk // Human rights and modern state-legal development. – M.: Institute of State and Law of the Russian Academy of Sciences, 2007. – 542 p.
10. Gumerova, A.R. Greening of branches of Russian legislation / A.R. Gumerova // Journal of Russian Law. – 2004. – No. 12. – Pp. 149-154.
11. Qadyrzoda, M.A. Ecological function of the state in modern conditions: issues of theory and practice: monograph, first edition / M.A. Qadyrzoda. – Dushanbe: «Mehroy-graf» 2024. – 216 p.
12. Makarova, T.I. Khotko, O.A. Greening of land legislation in the Republic of Belarus: status and problems of improvement / T.I. Makarova, O.A. Khotko // Modern law. – 2014. – No. 7. – Pp. 123-129.
13. Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated January 20, 2016 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://president.tj (access date: 03.03.2025).
14. Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 22, 2016 // [Electronic resource]. - Access schedule: http://president.tj (access date: 03.03.2025).
15. Problems of law enforcement in the Republic of Tajikistan: monograph / edited by Bobojonzoda I.H. and Nematov A.R. – Dushanbe: Publishing House "Donish", 2024. – 664 p.
16. Comments to the Law of the Republic of Tajikistan "On Environmental Protection" // edited by Rahimzoda M.Z. – Dushanbe: "Imperial-Group", 2015. – 229 p.
17. Titareva, M.N. Regulation of the process of greening the use of land resources / M.N. Titareva // Real estate cadastre and monitoring of natural resources: international scientific and technical Internet conference // [Electronic resource]. - Access source: http://kadastr.org/conf/2012/pub/prirresurs/regul-ekologiz-zu.htm (access date: 03.03.2025).
18. Tyutyunik, A.S. Land protection in the system of principles of land law: dis. … candidate of legal sciences: 12.00.06 / Aelita Sergeevna Tyutyunik. – M., 2017. – 211 p.

ТДУ 343.326:343.211

# “ДАЪВАТИ ОММАВӢ” ҲАМЧУН КАТЕГОРЯИ МАРКАЗИИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ “ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ БО РОҲИ ЗӮРОВАРӢ ТАҒЙИР ДОДАНИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”

# “ПУБЛИЧНЫЙ ПРИЗЫВ» КАК ЦЕНТРАЛЬНАЯ КАТЕГОРИЯ ОБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ПРЕСТУПЛЕНИЯ «ПУБЛИЧНЫЕ ПРИЗЫВЫ К НАСИЛЬСТВЕННОМУ ИЗМЕНЕНИЮ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»

# “PUBLIC CALL” AS THE CENTRAL CATEGORY OF THE OBJECTIVE SIDE OF THE CRIME OF “PUBLIC CALLS TO FORCED CHANGE OF THE CONSTITUTIONAL ORDER OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN”

ҚУДРАТОВ Н.А.
KUDRATOV N.A.
*Сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Начальник Управления науки и инновации Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор*
*Head of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor*



E-mail: nek-kudratov@mail.ru

АКМАЛЗОДА А.Ҳ.
AKMALZODA A.H.
*Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Соискатель Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики*
*Applicant of the Tajik State University of Law, Business and Politics*



E-mail: mirkhon1313@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. – Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).

*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. – Уголовно-правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law (5.1.4. – Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда:* ГАЙРАТОВ Т.М. - дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

*Рецензент:* ГАЙРАТОВ Т.М. - доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук, доцент.

*Reviewer:* GAYRATOV T.M. - Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Law, Associate Professor.

*Аннотатсия:* Мақола ба таҳлили категорияи “даъвати оммавӣ” ҳамчун унсури марказии тарафи объективии ҷиноятe, ки дар моддаи 307 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бахшида шудааст. Муаллифон таъкид мекунанд, ки «даъвати оммавӣ» як унсури калидии таркиби ин ҷиноят мебошад, ки таъсири мустақим ба шуур ва иродаи шахсони дигар мерасонад ва онҳоро ба содир кардани амалҳои зӯроварона, ки ба сохти конститутсионии давлат таҳдид мекунанд, ҳидоят мекунад. Дар мақола хусусиятҳои ҳуқуқии даъвати оммавӣ, ки дар моддаи 307 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифта, намудҳои гуногуни даъвати оммавӣ вобаста ба мазмун, шакли баён ва усули таъсир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Инчунин, масъалаи мутаносибии маҳдудиятҳои озодии сухан ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ гардида, зарурати дақиқ кардани ҳадди равшани байни озодии баён ва даъватҳои ҷинояткорона таъкид карда мешавад.

*Вожаҳои калидӣ:* даъвати оммавӣ, ҷиноят, сохти конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, озодии сухан, экстремизм, амнияти давлатӣ, қонунгузорӣ, мубориза.

*Аннотация:* Статья посвящена анализу категории «публичный призыв» как центрального элемента объективной стороны преступления, предусмотренного статьей 307 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Авторы подчеркивают, что «публичный призыв» является ключевым элементом состава данного преступления, который оказывает прямое воздействие на сознание и волю других лиц, побуждая их к совершению насильственных действий, представляющих угрозу конституционному строю государства. В статье рассматриваются правовые особенности публичного призыва, предусмотренные статьей 307 УК РТ, анализируются различные виды публичных призывов в зависимости от их содержания, формы выражения и способа воздействия. Также обсуждается вопрос соразмерности ограничений свободы слова и защиты общественных интересов, подчеркивается необходимость четкого разграничения между свободой выражения мнений и преступными призывами.

*Ключевые слова:* публичный призыв, преступление, конституционный строй, уголовное право, свобода слова, экстремизм, государственная безопасность, законность, противодействие.

*Annotation:* This article is devoted to the analysis of the category of «public call» as a central element of the objective side of the crime provided for in Article 307 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The authors emphasize that the «public call» is a key component of this crime, directly influencing the consciousness and will of others, encouraging them to commit violent acts that threaten the constitutional order of the state. The article examines the legal characteristics of public calls provided for in Article 307 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan and analyzes various types of public calls depending on their content, form of expression, and method of influence. Additionally, the issue of proportionality between freedom of speech and the protection of public interests is discussed, highlighting the need for a clear distinction between the right to freedom of expression and criminal incitement. The article has significant theoretical and practical value for combating extremism and crime in Tajikistan.

*Key words:* public call, crime, constitutional order, criminal law, freedom of speech, extremism, state security, legality, counteraction.

Ҳар як фаъолияти инсон, аз ҷумла, фаъолияти ҷинояткорона, аз ду ҷузъи асосӣ иборат аст: фикрӣ-иродавӣ, ки дар он қабули қарорҳои дахлдор, дарки вазъ ва тархрезии расидан ба ҳадафи пешбинишуда сурат мегирад; ва амалӣ, ки ичрои қарорҳо тавассути кирдори мушаххас таҷассум меёбад. Тарафи дуюми фаъолияти инсон, яъне

амали воқеии ӯ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун тарафи объективӣ маъруф аст.

Вобаста ба тарафи объективии м. 307 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ), ақидаҳои бунёдӣ дар илми ватанӣ кам во мехӯранд. Тарафи объективии ин ҷиноятро, яъне м. 307 КҶ ҶТ, ба ақидаи С.Э. Баҳриддинов, кирдорҳои зерин ташкил медиҳанд:

а) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯровари ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ;

б) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ;

в) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ;

г) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [11, с. 676].

Ақидаи мазкур минбаъд аз тарафи дигар олимон низ дастгирӣ ёфтааст, аз ҷумла, М.П. Ҳайдарзода ақидаи мазкурро дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки дар баробари ин кирдорҳо, қонунгузор соли 2016 ба КҶ ҶТ тағйирот ворид намуда, мусоидат кардан ба содиркунии ин кордорҳоро ба тарафи объективии м. 307 КҶ ҶТ ворид намуд [12, с. 51].

Дар ҳақиқат, пешниҳодҳои ин олимон қобили дастгирӣ мебошад ва мо низ ба онҳо ҳамақида буда, эътироф менамоем, ки тарафи объективии м. 307 КҶ ҶТ дар кирдорҳои зерин ифода мегарданд:

а) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ;

б) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ;

в) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ;

г) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ғ) мусоидат кардан ба содир намудани кирдорҳои зикршуда.

Категорияи муҳимме, ки дар тарафи объективии м. 307 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин "даъвати оммавӣ" мебошад.

Мафҳуми расмии даъвати оммавӣ дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ (минбаъд – СО ҶТ), таҳти № 1 аз 12-уми июни с. 2014 "Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта" чунин омадааст "Таҳти мафҳуми даъват (моддаи 307(1) КҶ) ин таъсир расонидан ба шуур ва иродаи одамон бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти экстремистӣ фаҳмида мешавад. Шаклҳои даъват метавонанд шифоҳӣ, хаттӣ бошанд ё тавассути воситаҳои техникӣ ифода гарданд. Агар даъват аз тариқи истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернетӣ содир гардад, он гоҳ таркиби ҷинояти бо қ. 2 м. 307(1) КҶ пешбинишударо ташкил медиҳад" [2]. Таҳти мафҳуми даъват, ки дар ин қарори СО ҶТ пешбинӣ шудааст, асосан таъсир расонидан ба шуур ва иродаи одамон бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти экстремистӣ фаҳмида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки шахс бо истифода аз сухан, навиштаҷот, ҳаракат ё дигар василаҳо ба зеҳн ва қарорҳои дигарон таъсир мерасонад, то онҳоро ба анҷом додани амалҳои дорои хусусияти экстремистӣ ташвиқ кунад.

Даъват бояд қасдан ва бо мақсади муайян сурат гирад ва мазмуни он бо фаъолиятҳои экстремистӣ алоқаманд бошад, ки метавонанд амалҳои зӯроварона, таҳдид ба тартиботи ҷамъиятӣ ё дигар амалҳои манъшударо дар бар гиранд. Дар доираи ин мафҳум, даъват метавонад ҳам дар шакли ошкоро, масалан тавассути суханронӣ ё нашрияҳои расмӣ, ва ҳам дар шакли пинҳонӣ, тавассути паҳн кардани маводҳои таблиғотӣ ё муносибатҳои шахсӣ, анҷом дода шавад. Ин амал дорои хусусияти ҳуқуқӣ мебошад, зеро барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс бояд исбот шавад, ки вай дониста ва қасдан дигаронро ба фаъолиятҳои экстремистӣ ташвиқ кардааст. Даъват ҳамчун як унсури

ҷиноятӣ метавонад боиси ташаккули вазъияте гардад, ки ба ҷамъият зарари ҷиддӣ мерасонад.

Тамоюли васеъшавии доираи амалҳое, ки даъватҳои ошкоро ба онҳо боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд ва онҳо дар КҶ ҶТ, инчунин КҶ давлатҳои дигар мушоҳида мешаванд, пеш аз ҳама масъалаи асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро барои чунин самти сиёсати ҷиноятӣ ба миён меоранд.

Қайд намудан ба мавридаст, ки ба таври маънидодкунии таҳтулафзӣ, даъвати ошкоро ба чизе – ин пеш аз ҳама сухан аст [3; 4]. Дар ин ҷо бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои суханони баённамудаи шахс дар қонуни ҷиноятии муосири ватанӣ мавқеи густарда надорад. Чунин вазъият зарурати эҳтиёткории махсусро ҳангоми ҷиноят эътироф кардани кирдорҳое, ки асосан дар шакли сухан (вербалӣ) на ин, ки амал зоҳир мешаванд, нишон медиҳад.

Бешубҳа, аз мавқеи таълимоти тарафи объективии таркиби ҷиноят, сухан низ ҳамчун амал (дар муқоиса бо беамалӣ) эътироф мегардад. Аммо дар маърифати маъмулӣ, байни сухан ва амал тафриқа мавҷуд аст. Дар фалсафаи ҳуқук, ин ҷудошавӣ бо намудҳои моддӣ ва маънавии фаъолият иртибот дорад. Намуди охиринро метавон бо назардошти шаклҳои мавҷудаи шуури ҷамъиятӣ ва шахсӣ (фаъолияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, динӣ) тасниф кард [7, с. 153].

Ба озодии инсон ба сухан ба ҳар гуна шакл наметавон шубҳа гузошт. Вале ифодаи фикрҳои ӯ масъалаи дигар аст – дар ин маврид ҳуқуқ метавонад нақши танзимкунанда дошта бошад. Мувофиқан ба қ. 1 м. 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Ҳамзамон, тибқи қисмҳои 2, 3 ва 4-и ҳамин модда, таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад [1].

А.А. Балашов вобаста ба масъалаи мазкур чунин менависад “тавре ки дар ҳуқуқи конститутсионӣ зикр мешавад, озодии фикр озодии маънавии инсон ва дунёи ботинии ӯро инъикос мекунад, ки худ ба худ наметавонад объекти танзими ҳуқуқӣ бошад. Бо вуҷуди ин, тафаккур ва андеша асоси тамоми фаъолияти инсонро ташкил дода, рафтори иҷтимоии ӯ, муносибат бо дигарон, ҷамъият ва давлатро муайян мекунад, яъне ба муҳит таъсир мерасонад. Шакли зоҳирии фикр ба воситаи забон – ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ – ва дигар низомҳои рамзии муоширати, аз ҷумла шаклҳои бадеӣ, ифода мегардад” [5, с. 17-18].

Маҳз аз он сабаб, ки фикрҳои инсон, ҳангоми ба сухан табдил ёфтан, шакли муайяни воқеӣ пайдо мекунанд, онҳо метавонанд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расонанд. Суханони баённамудаи шахс на танҳо эҳсоси шахсияти дигарро озор дода метавонанд, балки ба амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ низ таъсир мерасонанд. Масалан, ошкор намудани сирри тиббӣ (м. 145 КҶ ҶТ), ифшои сирри писархондӣ (духтархондӣ) (м. 173 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (м. 277 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ ( м. 179(3) КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307(1) КҶ ҶТ), ифшои сирри давлатӣ (м. 308 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона (м. 396 КҶ ҶТ) амнияти шахсияту ҷамъият ва давлатро зери хатар мегузорад.

Аз тарафи дигар, даъватҳои ошкоро ба содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ низ метавонанд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири назаррас

расонанд, пеш аз ҳама аз он ҷиҳат, ки онҳо метавонанд тамоюлҳои муайян, аксар вақт манфӣ, дар афкори умум эҷод намоянд.

Ҳамзамон, А.А. Балашов бар он ақида аст, ки озодии сухан, ки яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва умумэътирофшудаи инсон ба шумор меравад, ҳадду канор надорад. Маҳдудияти он асосан ба он вобаста аст, ки суханони инсон дар шароити муайян метавонанд ба муносибатҳои таҳти ҳимояи қонун зарар расонанд [5, с. 19]. Чунин ақидаронӣ чандон қобили қабул нест. Зеро андешаи А.А. Балашов ба таври возеҳ таъриф намекунад, ки «шароити муайян» кадомҳоянд ва чӣ гуна муайян карда мешаванд, ки ин метавонад ба нофаҳмиҳо ва таҳрифҳои ҳуқуқӣ оварда расонад. Дар амалия, таърифи норавшани «зарар ба муносибатҳои таҳти ҳимояи қонун» метавонад боиси маҳдудиятҳои номутаносиб ва истифодаи қонун барои фишор ба озодии баён гардад. Ҳамчунин, масъалаи муҳими санҷиши мутаносибии маҳдудиятҳо нодида гирифта шудааст. Тавре ки дар ҳуқуқи инсон қайд мешавад, ҳар гуна маҳдудият бояд зарурат ва мутаносибӣ дошта бошад, яъне танҳо дар ҳолатҳое, ки ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ё шахсӣ воқеан талаб мекунад ва бо ҳадафи қонунии муқарраршуда мутобиқат дорад. Аз ин рӯ, ин ақида бояд бо назардошти принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва амалияи судҳои ҳуқуқи инсон такмил дода шавад.

Масалан, қ. 2 м. 30 Конституцияи ҶТ муқаррар менамояд, ки таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Ҳамчунин, тибқи м. 14 Конституцияи ҶТ "Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад". Зикр кардан ба маврид аст, ки меъёрҳое, ки мустақиман ҳадди қобили қабул будани озодии суханро маҳдуд мекунанд, дар м. 14 ва 30 Конститутсияи ҶТ бевосита муқаррар шудаанд.

Муқаррароти ҳуқуқӣ - конститутсионии зикршуда шаҳодати онанд, ки ҳадди асосии озодии сухан дар асоси ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, манфиатҳои ҷомеа ва давлат муайян мкарда мешавад. Яъне инсон метавонад фикрҳои худро бо ҳар гуна суханон баён кунад, аммо танҳо дар доираи он, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳифз шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст таъкид мешавад, ки "озодии фикр ва сухан, изҳори ақида барои ифодаи воқеии озодии инсон аҳамияти бузург дорад. Аммо ин озодӣ наметавонад мутлақ ва бе ҳадду канор бошад. Сухан, ҳамчун воситаи асосии муоширати инсонӣ, ба шуур ва рафтори одамон таъсири бузург мерасонад. Он метавонад ҳам созанда бошад ва ҳам вайронкунанда; ҳам барои пешрафти иҷтимоӣ даъват кунад ва ҳам ба хушунат таҳрик диҳад; ҳам ҷаҳонбинии ботинии шахсро ғанӣ гардонад ва ҳам шаъну шарафи ӯро паст занад. Бинобар ин, зарурати маҳдудиятҳои муайяни ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо амалӣ гардонидани озодии сухан алоқамананд, ба таври объективӣ асоснок мебошад. Дар шароити муосир, маҳдудиятҳо дар ин соҳа ҳам дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар қонунгузории миллӣ муқаррар карда шудаанд.

Бо ин ҳама, масъалаи мутаносибии чунин маҳдудиятҳо ва хатари истифодаи онҳо барои маҳдуд кардани озодии баён низ бояд ба назар гирифта шавад. Таносуби ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои

ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи инсон мебошад.

Маълум аст, ки асоси асосии тарғибот ва ташвиқот маҳз калом аст, ки метавонад дар шакли нутқ, матн ё рамзҳои дигар баён гардад. Аммо, мувофиқи ин муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, манъи баён ба ҳамаи изҳорот дар бораи афзалияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонӣ дахл надорад, балки танҳо ба изҳороте, ки хусусияти тарғиботӣ ва ташвиқотӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки худи суханон танҳо дар он сурат метавонанд ғайриқонунӣ эътироф шаванд, ки агар онҳо бевосита ба барангехтани адоват ё афзалияти гурӯҳӣ равона шуда бошанд, на танҳо изҳори ақидаи шахсӣ бошанд. Ин нукта муҳим аст, зеро он ба масъалаи фарқ гузоштан байни озодии баён ва ташвиқи адоват дахл дорад, ки дар амалия ва таҳлили ҳуқуқӣ метавонад душвориҳои ҷиддӣ эҷод кунад.

Муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқии зикршуда бар пояи принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд. Масалан, “Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар м. 18 тасдиқ мекунад, ки ҳар шахс ҳуқуқи озодии фикр, виҷдон ва динро дорад. Ҳамчунин, дар моддаи 19 ҳамин Паймон ҳуқуқи шахс ба доштани ақидаҳои худ бидуни монеа эътироф шудааст. Ин ҳуқуқ ҳамчунин озодии ҷустуҷӯ, қабул ва паҳн намудани ҳар гуна иттилоот ва андешаҳо-ро дар бар мегирад – новобаста аз марзҳои давлатӣ ва бо усулҳои гуногун, аз ҷумла шифоҳӣ, хаттӣ ё дигар воситаҳои интихоби шахс”. Ин меъёрҳо нишон медиҳанд, ки озодии баён яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон мебошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳимоя мешавад. Аммо, ҳамзамон, ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ имконияти маҳдуд кардани ин озодиро дар ҳолатҳое, ки ҳифзи ҳуқуқҳои дигарон ва манфиатҳои ҷамъиятӣ зарур бошад, пешбинӣ мекунанд.

Тавре ки мушоҳида мешавад, меъёрҳои Конститутсияи ҶТ (м. 14 ва м. 30) принсипҳои асосии байналмилалии озодии сухан ва маҳдудиятҳои онро пурра татбиқ кардаанд. Конститутсияи Тоҷикистон ҳам ҳуқуқи баён ва ҳам зарурати маҳдудияти он дар ҳолатҳои муайянро эътироф менамояд. Аммо зарур аст, ки мувофиқати меъёрҳои қонуни ҷиноятии миллӣ (м. 307, 307(1) КҶ ҶТ ва ғайра) дар бораи ҷавобгарӣ барои суханоне, ки ҳамчун даъватҳои ошкоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ дониста мешаванд, бо меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Барои ин бояд ду масъалаи калидӣ баррасӣ шаванд:

1) то кадом андоза қонуни ҷиноятӣ озодии баёнро маҳдуд мекунад? Оё маҳдудиятҳо мутобиқи принсипи мутаносибият ва зарурат (proportionality and necessity) татбиқ мешаванд? Оё онҳо танҳо ба фаъолиятҳои воқеан таҳдидовар дахл доранд ё метавонанд барои таҳрим кардани баёноти баҳсбарангез истифода шаванд?

2) чӣ гуна маҳдудиятҳои қонуни ҷиноятӣ бо стандартҳои байналмилалӣ муқоиса мешаванд? Оё онҳо ба меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966) мутобиқат доранд? Оё меъёрҳои миллӣ имкони сӯиистифода барои фишор ба озодии суханро фароҳам намеоранд? Таҳлили ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки сатҳи мутобиқати КҶ ҶТ бо меъёрҳои конститутсионӣ ва байналмилалӣ муайян гардад, инчунин, заруратиислоҳоти эҳтимолии қонунгузорӣ арзёбӣ шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми таҳқиқи таркиби ҷиноятҳое, ки бо даъватҳои ошкоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ алоқамананданд, таҳлил барои муайян кардани мутобиқати онҳо ба меъёрҳои конститутсионӣ ва байналмилалӣ анҷом дода шудааст [8, с. 159]. Коршиносон дар ин замина назарияҳои гуногунро низ пешниҳод намудаанд. Масалан, З.А. Шибзухов бар он ақида аст, ки маҳдудиятҳои ҷиноятӣ нисбат ба озодии сухан, ки дар КҶ пешбинӣ шудаанд, ба пуррагӣ ба муқаррароти Конститутсия ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мувофиқат

мекунанд [14, с. 10]. Ба гуфтаи ӯ, ин муқаррарот худи ҳуқуқи озодии суханро бекор намекунад, балки танҳо ҳудуди истифодаи онро муайян менамояд. Аз ин рӯ, ҷиноят эътироф шудани амал тибқи моддаи 307 КҶ ҶТ на ба худи амалисозии ҳуқуқ ба сухан, балки ба сӯиистифода аз он, яъне баромадан аз доираи муқарраршудаи он, марбут аст.

Ба назари мо, чунин мантиқро метавон ба дигар навъҳои даъватҳои ошкоро ба содир намудани амалҳои ҷиноятколона (м.м. 145, 173, 277, 307, 307(1), 308, 396 КҶ ҶТ) низ татбиқ кард. Ин маънои онро дорад, ки танҳо суханоне, ки хатар ва таҳдиди воқеӣ, бахусус ба сирри шахсӣ, тиббӣ, оилавӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, давлатӣ, истиқлолияти давлатӣ, дахлнопазирии арзӣ, иқтидори мудофиавӣ ва ё амнияти берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, яъне асосан объектҳои бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти коснтитутсионӣ ва амнияти давлатӣ (боби 29 КҶ ҶТ) доранд, метавонанд ҷиноят эътироф шаванд. Бо вуҷуди ин, масъалаи сарҳади возеҳи байни озодии баён ва сӯиистифода аз он ҳанӯз ҳам баҳсбарангез боқӣ мемонад. Дар амалия, таҳлили ин масъала бояд бо назардошти меъёрҳои мутаносибият ва зарурат сурат гирад, то ки маҳдудиятҳои ҷиноятӣ барои фишор ба озодии баён истифода нашаванд. Барои ин, ба назар гирифтани таҷрибаи судҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҳуқуқи инсон аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Ҳангоми таҳлили зарурати иҷтимоӣ-ҳуқуқии муқовимати ҷиноятӣ ба даъватҳои ошкоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ (ба монанди даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307(1) КҶ ҶТ)), муҳим аст, ки сабабҳои ҷиноят эътироф шудани суханони баёншуда баррасӣ шаванд. Тавре ки қаблан зикр гардид, муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар ин самт бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ мебошанд, ва таҷрибаи қонунгузории аксарияти кишварҳои хориҷӣ низ нишон медиҳад, ки маҳдуд кардани чунин даъватҳо амри маъмулӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, зарурати таҳлили аломатҳои ҳуқуқии муҳими даъватҳои ошкоро вуҷуд дорад, то муайян гардад, ки то кадом андоза худи баён, новобаста аз мундариҷаи амали ғайриқонуние, ки гунаҳкор ба он даъват мекунад, метавонад ҷиноят ҳисобида шавад.

Дар ин замина, саволҳои зерин бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд: оё ҳар як сухани баёншуда метавонад ҳамчун даъвати ошкоро арзёбӣ шавад, масалан, оё изҳори ақидаи шахсӣ ё баҳсҳои назариявӣ метавонанд ҷавобгарии ҷиноятӣ ба бор оранд, чӣ гуна фарқи байни изҳори андешаи шахсӣ ва даъвати ошкоро ба амали ғайриқонунӣ муайян карда мешавад, инчунин кадом хусусиятҳои ҳуқуқии даъвати ошкоро бояд собит шаванд, то ки он ҷавобгарии ҷиноятӣ дошта бошад, оё бояд мақсади мустақими таҳрик ба содир кардани ҷиноят исбот карда шавад, то кадом андоза бояд зарари воқеӣ ё хатари он собит гардад ва оё шакли баёни сухан (оммавӣ, шахсӣ, дар ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ) аҳамият дорад. Таҳлили ин масъалаҳо барои муайян кардани ҳадди равшани байни озодии сухан ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои суханони баёншуда муҳим мебошад. Инчунин, муҳим аст, ки мувозинати дурусти ҳуқуқи инсон ва амнияти ҷамъиятӣ таъмин карда шавад, то қонунгузории ҷиноятӣ аз ҳадди зарурӣ берун наравад ва барои маҳдуд кардани озодии баён истифода нашавад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, масъалаи мазкур ҳанӯз ҳам ҳалли яксони худро наёфтааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун, баъзан ҳатто комилан зиддиятнок, изҳор мегарданд. Масалан, А.М. Сисоев бар он назар аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои ошкоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ дар асл ҷазо барои нияти шахсро ифода мекунад. Бо ин изҳор, муаллиф эътироф менамояд, ки муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки чунин

даъватҳоро манъ мекунанд, бо мафҳуми классикии ҷиноят, ки танҳо амалро ҷиноят эътироф менамояд, дар ихтилоф қарор доранд [10, с. 866]. Ин назариёт муҳим ва ва дар навбати худ баҳсбарангез аст, зеро тибқи принсипҳои анъанавии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноят танҳо дар сурати мавҷудияти амали воқеӣ содиршуда эътироф мешавад, дар ҳоле ки даъватҳои ошкоро метавонанд танҳо дар сатҳи нияти шахс боқӣ монанд.

Бояд гуфт, ки аксарияти олимони ватанӣ бар он ақида ҳастанд, ки ҳаракати ҷиноякорона бо имою ишора содир шуданаш мумкин аст. Масалан, таҳқир (ҳаракат), яъне беадабона бо алфози қабеҳ паст задани обрӯ ва эътибори шахси дигар (банди аввали м. 136 КҶ ҶТ). Ҳаракати ҷиноятkорона бо сухан ҳам содир мешавад. Масалан, таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 120 КҶ ҶТ), фош кардани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ (м. 361 КҶ ҶТ) ва дигар ҷиноятҳои монанди инҳо асосан бо сухан содир мешаванд [13, С. 98].

Қудратов Н.А. чунин мешуморад, ки даъват – ин ба шуур ва иродаи одамон таъсири фаъолона расонидан бо мақсади онҳоро ҷалб намудан ба ҳарактҳое, ки мақсади ҷинояти м. 307 КҶ ҶТ дар он ифода ёфтааст, ба монандӣ зуроварӣ оид ба ғасби ҳокимият, бо роҳи зуроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият ё тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ғайра мебошад. Шаклҳои даъваткунӣ гуногунанд – шифоӣ, хаттӣ, бо воситаи таҷҳизоти техникӣ ва ғайра. Даъват бояд хусусияти оммавиро дошта бошад, яъне он дар баромадҳои шифоҳӣ назди шумораи муайяни шунавандагон низ ҷой дошта бошад (ҳангоми митингҳо, ҷамъомадҳо, консертҳо ва ғ.) сурат гирифта бошад [9, с. 119]. Ҳамин тавр, масъалаи муайян кардани сарҳади байни озодии баён ва ташвиқи ҷиноят ниҳоят ҳассос боқӣ мемонад.

Аммо, ба назари мо, изҳороти он, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои ошкоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ ҳамчун ҷазо барои ният арзёбӣ мешавад, комилан нодуруст аст. Дар шароити ҳуқуқи муосир, ҳатто аз лиҳози назариявӣ, имконияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фикрҳо раднопазир аст, зеро ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо амал ё беамалиро танзим менамояд.

Вале масъала инҷо дигар аст, агар даъватҳои ошкоро ҳамчун зуҳури ошкорои нияти шахс арзёбӣ шаванд, дар ин маврид, чунин даъватҳо на танҳо ифодаи фикр, балки қадами мушаххас ба сӯйи таҳрик ба ҷиноят мебошанд, ки метавонанд оқибатҳои воқеӣ ба вуҷуд оваранд. Дар ин замина, мувофиқ аст, ки мисоле аз таҷрибаи судӣ оварда шавад, ки нишон медиҳад, чӣ гуна даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 307 КҶ ҶТ), даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307(1) КҶ ҶТ) ҳамчун фазои ошкорои таҳрик ба ҷиноят арзёбӣ шуда, ҷавобгарии ҷиноятиро асоснок менамоянд.

Дар робита ба ин, Баришева И.И. чунин андеша баён мекунад, ки «Моддаи 280 Кодекси ҷиноятӣ, ҳамчун василаи таъмини амнияти давлатӣ, маҳдудияти озодии ифодаи назарҳоро ҷорӣ мекунад. Дар маҷмуъ, қонунгузор паҳн кардани андешаҳо (аз ҷумла дар шакли даъватҳои ошкоро) дар бораи зарурати тағйири сохтори давлатӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеаро манъ намекунад. Кафолати чунин фаъолият барои рушди демократия ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ зарур аст. Қонунгузор танҳо паҳн кардани он гуна андешаҳоро манъ мекунад, ки зарурати истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ ва ғайриконститутсионии тағйири сохтори ҷомеаро талқин менамоянд [6, с. 109]».

Ин нуктаи назар муҳим аст, зеро он фарқияти байни озодии баён ва даъватҳои зиддиқонунӣ-ро шарҳ медиҳад. Ҳангоми таҳлили м. 307 КҶ ҶТ, аён мегардад, ки танҳо даъватҳое, ки истифодаи роҳҳои ғайриқонунӣ ва ғайриконститутсиониро тарғиб мекунанд, аз қабили даъватҳои оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани он ё бо роҳи зӯроварӣ

тағйир додани сохти конститутсионӣ ё бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба содиркунии чунин кирдорҳо (м. 307 КҶ ҶТ), ҷиноят ҳисобида мешаванд. Аз ин рӯ, ин меъёр озодии сиёсӣ ва ҳуқуқи баёнро комилан бекор намекунад, балки танҳо ҳадди конститутсионӣ ва ҳуқуқии онро муайян мекунад. Ҳамин тавр, дар КҶ ҶТ сарҳад байни озодии сиёсӣ ва даъватҳои ҷинояткорона дақиқан муайян карда шудааст, ки ин аз лиҳози Конститутсияи ҶТ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва стандартҳои демократӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ назарияҳои боз ҳам васеътар ва гуногунмӯҳтаво дар бобати моҳияти ҳуқуқии даъватҳои ошкоро мавҷуданд. Масалан, Шибзухов З.А. даъвати ошкороро чунин муайян мекунад: «Ин таъсири иттилоотӣ ба гурӯҳи ашхоси номаълуми муайян бо ҳадафи водорсозии онҳо ба содир кардани ҷиноятҳое, ки тавассути паҳн кардани маълумот дар бораи мувофиқ, зарур ё ҳатто хоҳишманд будани фаъолияти ҷиноятӣ анҷом дода мешавад» [14, с. 96].

Аз ин таъриф бармеояд, ки муаллиф даъвати ошкороро бо паҳн кардани ақидаҳо, назарияҳо ё дидгоҳҳо баробар намегузорад, балки онро бо шартҳои мушаххас маҳдуд мекунад, ки барои эътироф шудани суханон ҳамчун даъвати ошкоро бояд мавҷуд бошанд, аз ҷумла:

а) таъсири иттилоотӣ – яъне сухан бояд инсонҳоро таҳти таъсир қарор диҳад ва танҳо баён кардани фикр набошад;

б) ҳадафи водорсозӣ ба рафтори ғайриқонунӣ – сухан бояд ба амали ҷиноятӣ ҳидоят кунад, на танҳо баҳс ё танқид бошад;

в) паҳн кардани маълумот дар бораи мувофиқ, зарур ё хоҳишманд будани ҷиноят – яъне сухан бояд дорои унсури ташвиқот ё ҳидоят ба амал бошад.

Ин назария кӯшиш мекунад, ки сарҳади байни озодии баён ва ташвиқи амалҳои ҷинояткоронаро равшан созад. Бо вуҷуди ин, масъалаи то чӣ андоза ин меъёрҳо метавонанд субъективона татбиқ шаванд ва оё онҳо бо стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқат доранд, ҳанӯз ҳам баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Тибқи изҳороти Пудовочкин Ю.Е., даъват шакли таъсири равонӣ ба шуур ва иродаи одамон мебошад, ки ҳадафи он водор кардани онҳо ба содир кардани амалҳои муайян аст. Ба андешаи ӯ, мақсаднокӣ омили асосии фарққунанда мебошад, ки даъватро аз ифодаи ақидаи шахсӣ дар бораи масъалаҳои давлатӣ, сиёсӣ ё миллӣ дар муошрати оилавӣ ва дӯстона ҷудо месозад [6, с. 125]. Муаллиф таъкид мекунад, ки мақсади даъват на танҳо таъсир ба шуури одамон, балки муттаҳид кардани шаҳрвандон, фаъол кардани иродаи онҳо ва раҳнамоии рафтори онҳо ба самти амалҳои мушаххаси фаъолиятҳои ҷинояткорона, бахусус даъватҳои оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани он ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ё бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба содиркунии чунин кирдорҳо (м. 307 КҶ ҶТ) мебошад.

Аз ин назар, даъват танҳо як баён кардани фикр нест, балки шакли ҳидоят ва барангехтани рафтор ба амали ғайриқонунӣ, содир намудани ҷиноят мебошад. Ин нуқтаи назар кӯшиш мекунад, ки фарқи байни изҳори андеша ва даъвати ҷинояткоронаро равшан намояд. Бо вуҷуди ин, таҳлил бояд нишон диҳад, ки то чӣ андоза ин таъриф ба стандартҳои байналмилалии озодии баён мутобиқат мекунад, зеро маҳдудиятҳои норавшан ва таърифҳои ғайридақиқ метавонанд барои таҳрим кардани афкоре, ки бо сиёсати давлатӣ мувофиқ нестанд, истифода шаванд.

Дар доираи таҳқиқоти мавриди баррасии мо, нуқтаи калидӣ дар андешаҳои Пудовочкин Ю.Е. ишора ба он аст, ки даъвати ҷиноятӣ ҳамчун таъсири равонӣ ба шахс, шуур ва иродаи ӯ фаҳмида мешавад. Муаллиф бо чунин мавқеъгирӣ моҳияти таъсири иттилоотӣ дар даъватро дақиқтар муайян менамояд, яъне он набояд танҳо интиқоли маълумот ё ифодаи ақида бошад, балки таъсири

равоние бошад, ки метавонад одамонро ба содир кардани амалҳои ҷинояткорӣ ҳидоят кунад. Аз ин бармеояд, ки агар таъсири равонӣ ба шуури шахс вуҷуд надошта бошад, пас маълумоти паҳнкардаи шахс дорои хусусияти даъвати ҷиноятӣ нахоҳад буд ва ҷавобгарии ҷиноятӣ надорад. Ин таъриф барои ҳалли масъалаи фарқ гузоштан байни озодии баён ва даъватҳои ҷинояткорона аҳамияти бузург дорад, зеро он нишон медиҳад, ки на ҳар як изҳори назар ё интиқоли иттилоот метавонад ҷиноят ҳисобида шавад, балки танҳо он маълумоте, ки дорои таъсири равонӣ ва ангезандаи амал мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки набудани таърифи қонунгузорӣ оид ба мафҳуми даъватҳо то ҳадде бо шарҳи судии он, ки ҳангоми татбиқи он ба ҷиноятҳои мушаххас сурат мегирад, ҷуброн мешавад. Масалан, дар моддаи 307 КҶ ҶТ, даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии ҶТ чунин маънидод мешаванд: даъватҳои оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани он ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ё бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии ҶТ, инчунин мусоидат кардан ба содиркунии чунин кирдорҳо (м. 307 КҶ ҶТ).

Ҳангоми тафсири моддаи мазкур Бахриддинов С.Э. чунин менависад, ки “даъват чунин шакли таъсиррасонӣ ба шуур, ирода ва рафтори инсон мебошад, ки натиҷаи он ангезаи содир кардани фаъолияти конкретӣ мегардад. Дар ин ҳолати пешбинишуда бошад, мақсади таъсиррисони конкретӣ ва муайян аст, яъне бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [11, с. 404], маънидод шудааст.

Ин нукта муҳим аст, зеро он нишон медиҳад, ки ҷиноят донистани даъватҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар онҳо дорои ҳадафи барангехтани рафтори ғайриқонунӣ, ъне он рафтеоре, ки дар м. 307 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шудаанд ва тарафи объективии ин ҷиноятро ташкил медиҳанд, бошанд. Аз ин бармеояд, ки танҳо интиқоли иттилоот ё ифодаи ақидаи шахсӣ набояд бо даъвати ҷинояткорона баробар карда шавад, агар он бевосита талқини рафтори ҷиноятиро дар бар нагирад. Ҳамин тариқ, дар қарори Пленуми СО ҶТ бояд муқаррартое ҷой карда шавад, ки хатти фарқи байни озодии баён ва даъватҳои ҷиноятӣ мушаххастар гардонад, то ба таври нораво маҳдуд кардани изҳори ақида пешгирӣ карда шавад.

Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ чунин банд илова карда шавад: “чунин амал ҳамчун ҷиноят эътироф шавад, бояд ҳадафи рӯшани водор кардани шахсони дигар ба содир кардани амали ҷинояткорӣ мавҷуд бошад, яъне шахсро ба содир намудани бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани он ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ё бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба содиркунии чунин кирдорҳо таҳрик намояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки ифода ва паҳн кардани ҳар гуна ақидаҳо, идеяҳо ва назарҳо худ ба худ наметавонанд ҳамчун даъватҳои ҷиноятӣ арзёбӣ шаванд. Дар маънои ҳуқуқи ҷиноятӣ, даъватҳои ошкоро бояд таъсири равонии мушаххас ба шахсони қабулкунанда дошта бошанд, ки ҳадафи онҳо майл додан ва водор кардани шахсони дигар ба содир кардани амалҳои ҷиноятӣ, ки дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, мебошад. Ин нуқтаи назар бо таҷрибаи судӣ низ тасдиқ карда мешавад, зеро дар як қатор қарорҳои судӣ махсус таъкид шудааст, ки барои он ки суханони шахс ҳамчун даъвати ҷиноятӣ арзёбӣ шаванд, бояд таъсири ангезанда ва ҳидояткунанда ба дигарон муайян карда шавад [5, с. 22]. Аз ин рӯ, фарқ кардани изҳори озоди ақида ва даъвати ҷиноятӣ бояд на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар амалияи ҳуқуқӣ низ риоя карда шавад, то ки ҳуқуқи озодии баён беасос маҳдуд

нагардад ва ҳамзамон, даъватҳои воқеан хатарнок пешгирӣ карда шаванд.

Намудҳои даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноят, аз ҷумла, ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинишуда, метавонанд вобаста ба мазмун, ҳадаф, шакли баён ва усули паҳншавӣ гурӯҳбандӣ шаванд. Дар доираи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин намудҳои даъватҳо фарқ карда мешаванд:

1. Вобаста ба мазмун ва хусусияти ҷиноят:

а) моддаи 179 (3) КҶ ҶТ - даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ;

б) моддаи 307 КҶ ҶТ - даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) моддаи 307(1) КҶ ҶТ - даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм;

г) моддаи 396 КҶ ҶТ - даъвати оммавӣ барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона.

2. Вобаста ба шакли баён:

*а) даъвати шифоҳӣ (нутқӣ)* – тавассути суханрониҳои оммавӣ, ҷаласаҳо, гирдиҳамоиҳо ё сӯҳбатҳои шахсӣ содиргардидани ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинишуда. Даъвати шифоҳӣ (нутқӣ) – яке аз шаклҳои маъмултарини даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноят мебошад. Он метавонад дар шакли суханрониҳои оммавӣ, ҷаласаҳо, гирдиҳамоиҳо, мулоқотҳои гурӯҳӣ ё ҳатто сӯҳбатҳои шахсӣ сурат гирад. Хусусияти асосии он дар он аст, ки мавҷудияти шунавандагони мустақим зарур аст, зеро даъват тавассути сухан ба гурӯҳи одамон расонида шуда, метавонад ба онҳо таъсири равонӣ расонад. Нутқи зинда аксар вақт таъсири фаврӣ ва эмотсионалӣ дорад, ки метавонад ҳавасмандии шунавандагонро барои амалҳои ғайриқонунӣ бештар гардонад. Ин навъи даъват метавонад дар шакли амри мустақим, талқин, таҳрик ё ташвиқ сурат гирад.

Масалан, дар гирдиҳамоиҳои сиёсӣ ё мазҳабӣ, роҳбарони гурӯҳҳои радикалӣ метавонанд бо истифода аз нутқи эҳсосӣ, фишори равонӣ ва баҳонаҳои идеологӣ одамонро ба содир кардани амалҳои ҷиноятӣ барангезанд. Инчунин, дар муколамаҳои шахсӣ ё мулоқотҳои махфӣ, шахс метавонад ба дигарон маслиҳат диҳад, ташвиқ кунад ё ҳатто онҳоро таҳдид кунад, то ба содир кардани ҷиноят розӣ шаванд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати шифоҳӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза суханони гуфташуда дорои ҳадафи рӯшани таҳрик ба ҷиноят буда, шунавандагонро ба иҷрои амалҳои ғайриқонунӣ ташвиқ мекунанд. Масалан,

б) *даъвати хаттӣ* – яке аз шаклҳои даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинишуда мебошад, ки дар шакли навиштаҷот, матолиби нашршуда, плакатҳо, брошюраҳо, китобҳо ва дигар воситаҳои хаттӣ ба амал меояд. Хусусияти асосии он дар он аст, ки маълумоти дорои хусусияти ҷиноятиро шахс дар шакли хаттӣ интишор мекунад, ки метавонад доираи васеи хонандагон ё гурӯҳҳои муайяни одамонро фаро гирад. Даъвати хаттӣ метавонад дар шакли мурочиатномаҳо, барномаву варақаҳо, маводи таблиғотӣ ё нашрияҳои ғайриқонунӣ сурат гирад, ки дар онҳо бо далелҳо, пешниҳодҳо ё ҳатто фармонҳо одамон ба содир кардани ҷиноят ташвиқ карда мешаванд. Ин навъи даъват потенсиали таъсири дарозмуддат дорад, зеро маводи хаттӣ метавонад такроран хонда шавад ва паҳн гардад.

Масалан, плакатҳо ё варақаҳои таблиғотӣ метавонанд одамонро ба иштирок дар амалҳои хушунатомез барангезанд, дар ҳоле ки китобҳо ё манифестҳои идеологӣ метавонанд ғояҳои экстремистӣ ва ҷиноятконаро ташвиқ кунанд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати хаттӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза маводи паҳншуда дорои мазмуни таҳриккунанда ва ҳадафи ташвиқи ҷиноят бошад. Дар амалия, чоп ва паҳн кардани маводи дорои хусусияти даъвати ҷиноятӣ метавонад дар доираи қонунгузории зидди экстремизм, терроризм ва бетартибиҳои оммавӣ ҷавобгарӣ дошта

бошад.

в) *даъвати расонаӣ* (тавассути ВАО) – яке аз шаклҳои таъсирбахши даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинишуда мебошад, ки тавассути воситаҳои ахбори омма (телевизион, радио, матбуот, сайтҳои хабарӣ ва дигар васоити иттилоотӣ) паҳн карда мешавад. Хусусияти асосии он дар он аст, ки таъсири он метавонад ба доираи васеи шунавандагон ва хонандагон расад, зеро ВАО имконияти паҳн кардани маълумоти ҷиноятиро дар миқёси миллӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад. Ин навъи даъват метавонад дар шакли баромадҳои мустақим, мусоҳибаҳо, гузоришҳо, мақолаҳо, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ амалӣ шавад, ки дар онҳо ба амалҳои ғайриқонунӣ даъват карда мешавад.

Масалан, як шахс метавонад тавассути барномаи телевизионӣ ё радиоӣ мардумро ба бетартибиҳои оммавӣ, исён ё амалҳои хушунатомез ташвиқ кунад, ё дар матбуот мақолае нашр карда шавад, ки амалҳои экстремистиро асоснок ва тарғиб намояд. Даъвати расонаӣ қувваи таъсири оммавӣ дорад, зеро ВАО метавонад дар ташаккули афкори ҷомеа нақши муҳим бозад ва ғояҳои хатарнокро ба аудиторияи васеъ паҳн намояд.

Аз ин рӯ, қонунгузории аксар кишварҳо барои паҳн кардани маводи дорои хусусияти ҷиноятӣ тавассути ВАО ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати расонаӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза маълумоти интишоршуда дорои хусусияти таҳриккунанда ва ҳадафи барангехтани ҷиноят бошад. Дар бисёр ҳолатҳо, таҳлил ва баҳодиҳии ҳуқуқии чунин даъватҳо ба муҳтавои сухан ва контексти паҳншавии онҳо вобаста мебошад, зеро на ҳар як изҳори назар тавассути ВАО метавонад ҳамчун даъвати ҷиноятӣ арзёбӣ шавад.

г) *даъвати интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ* – яке аз шаклҳои муосири даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТ пешбинишуда мебошад, ки тавассути интернет, вебсайтҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳо, блогҳо, платформаҳои паёмнависӣ ва дигар васоити рақамӣ паҳн карда мешавад. Хусусияти асосии ин навъи даъват дар он аст, ки он метавонад фавран ва бидуни маҳдудияти ҷуғрофӣ ба доираи васеи одамон расад, инчунин маводи ҷиноятиро паҳн ва такрор кардан мумкин аст, ки таъсири он давомдор боқӣ мемонад. Даъвати интернетӣ метавонад дар шакли постҳо, видеоҳо, аудиофайлҳо, мақолаҳо, шарҳҳо, паёмҳо дар гурӯҳҳои онлайнӣ ва дигар мундариҷаи рақамӣ баён карда шавад.

Масалан, як шахс метавонад дар шабакаҳои иҷтимоӣ даъват ба бетартибиҳои оммавӣ, зӯроварӣ, тундгароӣ ё терроризмро паҳн кунад, ё тавассути паёмнависии хусусӣ дигаронро барои содир кардани ҷиноят тарғиб намояд. Даъватҳои интернетӣ метавонанд ба шакли мустақим ё ғайримустақим сурат гиранд. Масалан, таҳияи муҳтавои таблиғотӣ, нашри мундариҷаи барангезанда ё пешниҳод кардани дастурҳои амалӣ барои содир кардани ҷиноят метавонад ҳамчун даъвати интернетӣ арзёбӣ шавад. Ин шакли даъват муносибати махсуси ҳуқуқӣ талаб мекунад, зеро интернет як муҳити динамикӣ ва зуд тағйирёбанда буда, имкониятҳои пинҳон кардани шахсият ва паҳн кардани маводи ҷиноятиро фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, бисёр кишварҳо қонунгузории махсус барои назорат ва пешгирии даъватҳои ҷиноятӣ дар интернетро қабул намудаанд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза мундариҷаи интишоршуда дорои хусусияти таҳриккунанда буда, ба содир кардани ҷиноят водор мекунад. Дар амалия, таҳлили ҳуқуқии чунин мавод вобаста ба контекст, ангеза ва таъсири воқеии он ба шунавандагон анҷом дода мешавад, то ки ҳудуди байни озодии баён ва таҳрики ҷиноят равшан муайян гардад.

д) *даъвати рамзӣ ва аломатӣ* – шакли ғайримустақими даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти дар м. 307 КҶ ҶТТ пешбинишуда мебошад, ки тавассути нишонаҳо, рамзҳо, тасвирҳо,

ишораҳо, аломатҳо ва дигар васоити ғайрисуханӣ ифода мегардад. Хусусияти асосии ин навъи даъват дар он аст, ки он метавонад дорои маънои пинҳонӣ ё рамзӣ бошад, ки барои гурӯҳи муайяни одамон фаҳмо аст, аммо дар баробари ин, он метавонад таъсири ҷиддӣ ба шунавандагон гузорад ва онҳоро ба содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ барангезад. Даъвати рамзӣ ва аломатӣ метавонад дар шакли:

- истифодаи рамзҳо ва аломатҳои тундгароӣ, экстремистӣ ва террористӣ – нашри нишонаҳои маълуми гурӯҳҳои ҷинояткор, рамзҳои радикалӣ ва шореҳиҳои тасвирӣ, ки амалҳои ғайриқонуниро ташвиқ мекунанд.
- паҳн кардани тасвирҳои таҳриккунанда – расмҳо, карикатураҳо, граффити, нишонаҳои рамзӣ, ки зӯроварӣ, хушунат ё амалҳои ғайриқонуниро тарғиб мекунанд.
- ишораҳои рамзӣ ва бадеӣ – аломатҳо ё ибораҳое, ки маънои пинҳонӣ доранд ва ҳамчун даъват ба амалҳои ҷиноятӣ ё экстремистӣ хизмат мекунанд.
- истифодаи рамзҳои фарҳангӣ ва таърихӣ бо ҳадафи таҳрик – истифодаи образҳои таърихӣ, ки метавонанд ҳамчун ташвиқи зӯроварӣ ё нофармонӣ маънидод шаванд.

Даъватҳои рамзӣ ва аломатӣ метавонанд бо роҳи истифодаи ҳунарҳои визуалӣ, филмҳо, мусиқӣ, наққошиҳо ва тарғиботи графикӣ паҳн шаванд. Масалан, тасвирҳои дорои рамзҳои террористӣ ё экстремистӣ метавонанд ҳамчун воситаи барангехтани афкори ҷиноятӣ ва ташвиқи амалҳои ғайриқонунӣ хизмат кунанд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати рамзӣ ва аломатӣ вобаста ба контексти паҳншавии он ва таъсири воқеии он ба шунавандагон муайян карда мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо, санҷиши ҳуқуқӣ бояд исбот кунад, ки чунин рамзҳо ё аломатҳо воқеан ҳамчун таҳрики ҷиноятӣ истифода мешаванд ва на танҳо як шакли ифодаи бадеӣ ё фарҳангӣ мебошанд.

3. Вобаста ба усули таъсир чунин намудҳои даъвати оммавӣ ҷой дорад:

а) даъвати мустақим – даъвати рӯирост ва возеҳ ба содир кардани ҷиноят;

б) даъвати ғайримустақим – истифодаи ишораҳо, рамзҳо ва ибораҳое, ки метавонад ҳамчун даъват ба ҷиноят тафсир шаванд;

в) даъвати иҷборӣ ё таҳдидомез – маҷбур ё таҳдид кардани шахсон барои иштирок дар ҷиноят;

г) даъвати таҳриккунанда – бо роҳи ташвиқ, талқин ё муҷассам кардани ғояҳо ҷиноятро ҷолиб нишон додан.

4. Вобаста ба шумораи шахсони таъсиршуда чунин намудҳои даъвати оммавӣ ҷой дорад:

а) даъвати умумӣ – равона ба гурӯҳи васеи одамон ё ҷомеаи умумӣ;

б) даъвати гурӯҳӣ – нигаронида ба гурӯҳи муайян (масалан, гурӯҳҳои сиёсӣ, этникӣ, мазҳабӣ);

в) даъвати коллективӣ – даъвати коллективӣ ба гуруҳи мушаххас бо мақсади водорсозии онҳо ба ҷиноят.

Ҳар як намуди даъвати оммавӣ метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 307 **КҶ ҶТ** пешбинишуда гардад, агар он дорои аломатҳои таъсири равонӣ ва ҳадафи барангехтани шахсони дигар ба содир кардани ҷиноят бошад.

Вобаста ба тарафи объективии м. 307 **КҶ ҶТ**, дар илми ватанӣ таҳлилҳои илмӣ кам вомехӯранд ва олимон ба таври муфассал нақши даъватҳои оммавӣ ва дигар хусусиятҳои онро дар умум бо ҷиноятҳои зидди амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии кишвар таҳлил мекунанд. Дар мафҳуми даъвати оммавӣ, ки дар Қарори Пленуми Суди Олии Тоҷикистон дақиқ карда шудааст, танҳо суханоне, ки ба фаъолияти экстремистӣ ё ҷинояткорона таъсир мерасонанд, ба эътибор гирифта мешаванд. Таъсири ин гуна даъватҳо бояд ба шуур ва иродаи одамон таъсир гузорад ва онҳоро барои содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ ташвиқ кунад.

Баррасии қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки маҳдудиятҳои ҷиноятӣ дар мавриди озодии баён танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ва мутаносибат бо манфиатҳои ҷамъиятӣ метавонанд татбиқ шаванд. Қисми

муҳимми таҳлили масъала шомили муайян кардани марзи байни озодии баён ва даъватҳои ҷинояткорона мебошад, ки бо пешниҳоди муқаррароти қонуни ҷиноятӣ ва таҷрибаи судии байналмилалӣ риоя мешавад.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд) // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/.
2. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми июни с. 2014, № 1 "Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта" // Бюллетени Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014. № 2. – С.7-8.
3. Абдухамитов, В.А. Проблемы детерминации экстремизма и терроризма в Республике Таджикистан / В.А. Абдухамитов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2019. – № 1(41). – С. 17-20;
4. Абдухамитов, В.А. Современный религиозный экстремизм как угроза мировому порядку / В.А. Абдухамитов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2014. – № 2(22). – С. 5-9.
5. Балашов, А.А. Уголовная ответственность за публичные призывы к совершению противоправных действий: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Антон Анатольевич Балашов. – М., 2017. - 194 с.
6. Барышева, И.И. Уголовно-правовое ограничение свободы слова как средство защиты государственной безопасности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / И.И. Барышева. – Ростов-на-Дону, 2008. – 179 с.
7. Кальной, И.И. Философия права / И.И. Кальной. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2006. – 257 с.
8. Кудратов, Н.А. Бунт (мятеж) как преступление против государства в исламском уголовном праве: история и современность / Н.А. Кудратов, А.Г. Кибальник // Государство и право. – 2023. – № 5. – С. 158-167.
9. Кудратов, Н.А., Курбонова А.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Законодательство. – 2022. – № 1(45). – С. 118-125.
10. Сысоев, А.М. К вопросу совершенствования уголовной ответственности за публичные призывы к экстремистской деятельности / А.М. Сысоев // Человек: преступление и наказание. – 2009. – № 1. – С. 85-88.
11. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Шарипов Х.Ҳ. - Душанбе: Глобус, 2005. – 850 с.
12. Ҳайдарзода, М.П. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат: дастури таълимӣ-методӣ / М.П. Ҳайдарзода. - Душанбе: Эр-граф, 2023. – 157 с.
13. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: "Ашуриён", 2023. – 320 с.
14. Шибзухов, З.А. Уголовная ответственность за публичные призывы к осуществлению террористической деятельности или публичное оправдание терроризма: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Заурбек Амурбекович Шибзухов. – М., 2012. – 181 с.


**References**


1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (amendments and additions were made to it by a national referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016) // [Electronic resource] - Access schedule: https://mmk.tj/content/.
2. Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan of June 12, 2014, No. 1 "On the application of legislation when considering criminal cases of an extremist (extremist) nature" // Bulletin of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. 2014. No. 2. – Pp.7-8.
3. Abdukhamitov, V.A. Problems of determination of extremism and terrorism in the Republic of Tajikistan / V.A. Abdukhamitov // Works of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan. - 2019. - No. 1 (41). - Pp. 17-20;

4. Abdukhamitov, V.A. Modern religious extremism as a threat to the world order / V.A. Abdukhamitov // Works of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan. - 2014. - No. 2 (22). - Pp. 5-9.
5. Balashov, A.A. Criminal liability for public calls to commit illegal acts: dis. ... Cand. of Law: 12.00.08 / Anton Anatolyevich Balashov. - M., 2017. - 194 p.
6. Barysheva, I.I. Criminal-legal restriction of freedom of speech as a means of protecting state security: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / I.I. Barysheva. - Rostov-on-Don, 2008. - 179 p.
7. Kalnoy, I.I. Philosophy of Law / I.I. Kalnoy. - St. Petersburg: R. Aslanov Publishing House "Legal Center Press", 2006. - 257 p.
8. Kudratov, N.A. Riot (rebellion) as a crime against the state in Islamic criminal law: history and modernity / N.A. Kudratov, A.G. Kibalnik // State and Law. - 2023. - No. 5. - Pp. 158-167.
9. Kudratov, N.A., Kurbonova A.A. Globalization as a factor in the development of transnational organized crime / N.A. Kudratov, A.A. Kurbonova // Legislation. - 2022. - No. 1 (45). - Pp. 118-125.
10. Sysoev, A.M. On the issue of improving criminal liability for public calls for extremist activity / A.M. Sysoev // Man: crime and punishment. - 2009. - No. 1. - Pp. 85-88.
11. Commentary on the Criminal Code of the Republic of Tajikistan / Edited by Sharipov Kh.H. - Dushanbe: Globus, 2005. – 850 p.
12. Haydarzoda, M.P. Crimes against the foundations of the constitutional system and state security: educational and methodological manual / M.P. Haydarzoda. - Dushanbe: Er-graf, 2023. – 157 p.
13. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: educational tool: first edition / Edited by N.I.H., Associate Professor M.N. Rajabzoda. – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2023. – 320 p.
14. Shibzukhov, Z.A. Criminal liability for public calls to commit terrorist activities or public justification of terrorism: dis. … candidate of legal sciences: 12.00.08 / Zaurbek Amurbekovich Shibzukhov. - M., 2012. - 181 p.

ТДУ 343.72/.73

# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН НИҲОДИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ШАХС

# УПОЛНОМОЧЕННЫЙ ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН КАК ИНСТИТУТ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЛИЧНОСТИ

# HUMAN RIGHTS COMMISSIONER IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS AN INSTITUTE FOR THE PROTECTION OF PERSONAL RIGHTS



МАНСУРЗОДА А.М.
MANSURZODA A.M.
*Сардори факултети № 2-юми Академияи ВКД ҶумҳурииТоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
*Начальник факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции*
*Head of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, ccandidate of Law, associate professor, lieutenant colonel of militia*
e-mail: tam300986@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки).
*Scientific specialties: 12.00.01* – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* БУРИЗОДА Э.Б. – мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
*Рецензент:* БУРИЗОДА Э.Б. – заведующий отделом истории государства и права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
*Reviewer:* BURIZODA E.B. – Head of the Department of History of State and Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Анотатсия:* Дар мақола вобаста ба масъалаи падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша гардидааст. Гуфта мешавад, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон ниҳоди Ваколатдор ҳамчун институти «мазолим» арзи ҳастӣ намудааст. Имрӯз Ваколатдор ҳамчун ниҳоди ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар самти таъмини ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Новобаста аз қабули қонун, мушаххас намудани мақоми Ваколатдор имрӯз таъмини мустақилият ва базаи моддиву молиявии он беҳбудиро меҳоҳад. Аз таҳлил бармеояд, ки шаҳрвандон вобаста ба фаъолияти Ваколатдор дорои маълумоти зарурӣ намебошанд ва ба ин ниҳод кам муроҷиат менамоянд.
*Вожаҳои калидӣ*: ҳуқуқи инсон, Ваколатдор, ниҳод, муносибати ҷамъиятӣ, ҳимоя, кафолат, шаҳрванд, стандарҳои байналмилалӣ.

*Аннотация:* В статье излагается точка зрения на феномен Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан. Говорится, что в истории таджикской

государственности институт Уполномоченного по правам человека существовал как институт «мазолим». Сегодня Уполномоченный по правам человека, как несудебный институт защиты прав человека играет важную роль в обеспечении прав человека в Таджикистане. Независимо от принятия закона, уточнение статуса Уполномоченного сегодня обеспечит его независимость и улучшит материально-финансовую базу института. Анализ показывает, что граждане не имеют необходимой информации о деятельности Омбудсмена и редко обращаются в этот институт.

*Ключевые слова*: права человека, Уполномоченный, институт, общественные отношения, защита, гарантии, гражданин, международные стандарты.

*Annotation:* The article presents a point of view on the phenomenon of the Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan. It is said that in the history of Tajik statehood, the institution of the Commissioner for Human Rights existed as the institution of "mazolim". Today, the Commissioner for Human Rights, as a non-judicial institution for the protection of human rights, plays an important role in ensuring human rights in Tajikistan. Regardless of the adoption of the law, clarifying the status of the Commissioner today will ensure his independence and improve the material and financial base of the institution. The analysis shows that citizens do not have the necessary information about the activities of the Ombudsman and rarely contact this institution.

*Key words:* human rights, Commissioner, institution, public relations, protection, guarantees, citizen, international standards.

Соли 1991 баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир ёфтанд. Ҳадафи асосии давлат бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ дониста шуд.

Бояд иброз намуд, ки дар шароити бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд инсон ва арзишҳои ӯ дар меҳвари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ қарор дода мешавад. Дар ин радиф Тоҷикистон, ки роҳи тӯлонии давлатдории шуравиро паси сар намуда буд, вориди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ гардид. Чунин тағйироти куллӣ дар низоми ҳуқуқӣ ва низоми давлатдории кишвар нигоҳи навро тақозо менамуд, зеро, бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд тақозо менамуд, ки манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои давлатӣ боло гузошта шуда, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арҷ гузошта шавад.

Аз ин рӯ, имрӯз дар асоси моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат – инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ дониста, эътироф, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст [1]. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ин сегонаи калидие мебошад, ки амалигардӣ ва тадбиқи онҳо барои инсоният шароити зиндагии арзандаро фароҳам меорад. Ногуфта намонад, ки дар сатҳи Конститутсия мустаҳкам гардидани ин мафҳумҳо барои рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Эътироф намудани ҳуқуқҳои инсон ин маънои пазируфтани арзишмандии инсон ва ҳуқуқҳои ӯ мебошад, ки имрӯз ҳамчун ченаки баҳодиҳии фаъолияти давлат ва мақомоти он баромад менамояд. Бояд иброз намуд, ки бо таъсиси Созмони Милали Муттаҳид ва қабули Оинномаи он, қабул гардидани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин, протоколҳои иловагӣ ба ин паймонҳо, имрӯз стандарти байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон рӯи кор омадааст, ки бояд ба онҳо арҷ гузошта шаванд. Эътироф намудани чунин стандарҳои байналмилалӣ тақозои замон ва кафили осоиштагии инсоният дар рӯйи замин мебошад.

Риоя намудани ҳуқуқҳои инсон ин доираи амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла, давлат дар доираи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Ин чаҳорчӯбаеро таҷассум

менамояд, ки фаъолият ва муносибат бояд дар доираи он амалӣ карда шаванд.

Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон маҷмуи муносибатҳое мебошанд, ки дар доираи он барои инсон шароити зарурӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳояш фароҳам оварда мешавад. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз давлат тақозо менамояд, ки механизми дахлдорро барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои инсон таъсис диҳад.

Профессор Ализода З.вобаста ба масъалаи мазкур бамаврид иброз менамояд, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар ҷомеа ба сифати арзиши олӣ эътироф шудааст, таъмини онҳо, яъне фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои амалӣ шудани онҳо вазифаи давлат, яъне сохтору мақомоти он мебошад [7, с. 37].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани ҳуқуқҳои инсон механизми миллии ҳимояи ҳуқуқи инсонро тарҳрезӣ намудааст, ки аз механизми судӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ғайрисудӣ) ва квазисудӣ (ҷамъиятӣ) иборат мебошад.

Дар низоми миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Ваколатдор) (Омбудсмен) муҳим мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода мешавад. Ин ниҳод ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад [2].

Новобаста аз оне, ки Омбудсмен аввалин маротиба соли 1809 дар Шветсия ба вуҷуд омадааст [11, с. 26, с. 304], муҳаққиқи ватанӣ Искандаров Ш.Ф. дуруст иброз менамояд, ки таҳаввули ниҳодҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон бо ташаккул ва инкишофи фаҳмишҳо оид ба ҳуқуқи инсон алоқаманд мебошад. Ин ниҳодҳо чи дар тамаддуни ғарбӣ ва чи дар шарқӣ инкишоф ёфтаанд. Дар тамаддуни ғарбӣ ин ниҳодҳо дар марҳилаи аввали инкишофи худ ҳамчун имконияти муроҷиат кардан ба шоҳ фаҳмида мешуд, ки минбаъд ба пайдоиши ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё «Омбудсмен» оварда расонд. Дар навбати худ, дар тамаддуни шарқӣ низ ниҳоди муроҷиат барои ҳимоя ба шоҳ, бо номи «додхоҳӣ» мавҷуд буд, ки баъдан номи «мазолим»-ро гирифт. Ба андешаи муаллиф, дар ташаккули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, яъне «Омбудсмен», ниҳоди «додхоҳӣ» ё «мазолим» таъсири аввалиндараҷа расонидааст [9, с. 10].

Ба андешаи Буризода Э.Б. ба вуҷуд омадани девони «мазолим» дар давраи Сомониён ва давраҳои баъдӣ ҳамчун институти давлатдорӣ, тақозои ҷомеа ба хотири барқарор намудани адолат ба ҳисоб мерафт [8, с. 12]. Одиназода Р.С. бевосита дар ин самт таҳқиқоти илмӣ гузаронида, дар он андеша аст, ки ба мазолим функсияи назорати хос мебошад. Он нисбати институтҳои судӣ ва мақомоти идоракунӣ функсияи назоратиро ба амал мебаровард [10, с. 9]. Раҳмон Д.С. ҳамчунин иброз менамояд, ки таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ собит менамоянд, ки масъалаи авлавияти ҳуқуқҳои инсон ва таҳкими вазъи ҳуқуқии ӯ баъд аз шаклгирии низоми ҳуқуқи исломӣ ва амалкарди он дар паҳнои салтанати ҳукуматҳои мухталиф, хосатан дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ, минбаъд низ мубрам будааст. <...> Мавҷудияти девони «мазолим» дар қаламрави давлатҳои мансуб ба Тоҷикистони таърихӣ, ки таъйинот ва мазмуни фаъолияташ ба падидаи муосири Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мушобеҳ мебошад, гувоҳи ин гуфтаҳост [12, с. 208-209]. Вобаста ба масъалаи мазкур Чуксина В.В. барҳақ иброз менамояд, ки дар бисёр кишварҳо то ташаккули мафҳуми «ҳуқуқи

инсон» ва ҷаҳонишавии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, дар баробари суд сохторҳои ғайрисудӣ – миёнаравҳо ҷиҳати ҳифзи одамон аз сӯиистифодаи шахсони мансабдор ба вуҷуд омадаанд, ки баъдтар дар доираи парламентаризми Шветсия – институти Омбудсмен инкишоф ёфтаанд [20, с. 23-24].

Дар асоси гуфтаҳои боло ҳаминро бояд иброз намуд, ки ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар шакл ва мазмуни гуногун ташаккул ёфта, имрӯз ба як ниҳоди муҳимми ҳимояи ҳуқуқи инсон табдил ёфтааст.

Масъалаи таъсиси ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳанӯз ҳангоми таҳияи Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибихтиёр дар солҳои 1991-1994 ба вуҷуд омада буд. Аммо, дар солҳои аввали истиқлолият ташаккули ин ниҳод бо монеаву мушкилоти дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ пешомада рӯ ба рӯ гардид. Бо барпо намудани сулҳ ва бунёди низоми идоракунии давлатии комил, дар заминаи принсипҳои демократӣ ва ҳуқуқӣ, бо эътирофи ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олии конститутсионӣ, тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, раванди таъсиси ниҳоди Ваколатдор суръат гирифт [9, с. 21].

Соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд ва 27 майи соли 2009 аввалин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъин карда шуд [5].

Имрӯз дар илми ватанӣ вобаста ба мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон андешаҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе аз муҳаққиқон ин ниҳодро ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ [11, с. 28], дигаре, ҳамчун мақомоти давлатӣ [19, с. 64-69], сеюмин, ҳамчун ниҳоди махсусгардонидашуда [9, с. 20], чорумин, ҳамчун шахси мансабдори давлатии бевосита ба ҳуқуқи инсон алоқамандбуда [13, с. 174] меҳисобанд. Бояд иброз намуд, ки ҳар яке аз ин муҳаққиқон бо мақсади асоснокнамоии нуктаи назари худ далелҳои заруриро овардаанд, ки қобили қабул мебошанд.

Бояд иброз намуд, ки новобаста аз ин андешаҳо дар б. 2 м. 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври мушаххас оварда шудааст, ки «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахси ҳуқуқӣ буда, дорои суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо, муҳру бланкҳо бо номи худ ва тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [2]. Гузашта аз ин, дар қ. 1 м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таалуқ доштани Ваколатдор ва Дастгоҳи он алоҳида меъёр мустаҳкам гардидааст [4].

Аз таҳлили мафҳуми Ваколатдор, ки дар м. 33 Қонуни «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, бармеояд, ки дар он як андоза норавшанӣ дида мешавад, зеро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам гардидааст. Аммо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], мафҳуми «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» шарҳ дода нашудааст. Аз ин рӯ, имрӯз зарурати мушаххас намудани мафҳуми мазкур ҷой дорад. Мо дар ин росто андешаи Хамдамов Ш.М.-ро ҷиҳати дар б. 2 м. 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҷойи истилоҳи «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» истифода намудани истилоҳи «мақоми давлатӣ»-ро ҷонибдорӣ менамояд [19, с. 64-69].

Имрӯз тибқи қонун мустақилияти Ваколатдор ва дахлнопазирии ӯ кафолат дода шудааст. Ваколатдор ба ягон ниҳоди давлативу ғайридавлатӣ ҳисоботдиҳанда намебошад. Ӯ ҳуқуқ дорад, ки бе монеа ба мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, изоляторҳои нигоҳдории муваққатӣ, изоляторҳои тафтишотӣ, марказҳои ҷойгиркунии муҳоҷирони хориҷӣ ё шахсони

панохҷуянда, муассисаҳое, ки ёрии иҷтимоӣ, тиббӣ ё равонпизишкӣ мерасонанд ва дигар ҷойҳои маҳдудкунии озодӣ ташриф орад. Ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки аз роҳбарон ва шахсони мансабдор маводҳоро талаб карда гирад, баёнот гирад, санҷиши фаъолияти ниҳодҳои болозикрро дар самти ҳуқуқи инсон гузаронад, бо парвандаҳо шинос шуда, аз онҳо маълумоти зарурирo руйнавис ё нусхабардорӣ кунад. Инчунин, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд ба Ваколатдор вобаста ба қарор ё амал (беамалии) шахсони мансабдор ва ё мақомоти давлативу ғайридавлатӣ шикоят оранд.

Тибқи қонун салоҳият ва ваколатҳои Ваколатдор бозгӯйи онанд, ки ин ниҳод метавонад ҳамчун сохтори бетараф дар ҳалли баҳсҳо иштирок намуда, ҷиҳати таъмини ҳуқуқ инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Новобаста аз гуфтаҳои боло, имрӯз таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ба ниҳоди Ваколатдор дар самти таъмини ҳуқуқи инсон муроҷиати шаҳрвандон кам ба назар мерасанд. Масалан, соли 2022 ба ин мақомот 362 муроҷиати хаттӣ, 825 шифоҳӣ, 1 адад электронӣ ва 3 муроҷиати телефонӣ [16], дар нимсолаи якуми соли 2023 бошад 871 адад муроҷиат, ки аз анҳо 79 муроҷиати хаттӣ, 105 муроҷиати шифоҳӣ ва 8 муроҷиати электронӣ [17], дар ҳамин давраи соли 2024 бошад 787 муроҷиат, ки аз он 67 муроҷиати хаттӣ ва 514 шифоҳиро [14] ташкил медиҳанд.

Гуфтаҳои боло далолат аз он медиҳанд, ки як андоза шаҳрвандон аз имкониятҳои ҷойдошта дар самти таъмини ҳуқуқи инсон ба таври васеъ истифода намебаранд. Гузашта аз ин, тибқи таҳлил як қисме аз аҳолии кишвар аз мақоми Ваколатдор ба таври зарурӣ огаҳӣ надоранд.

Масъалаҳои мазкур аз як тараф баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва аз тарафи дигар бошад, мақоми Ваколатдорро дар кишвар тақозо менамояд. Бояд дар ин самт давлат ба Ваколатдор мусоидати ҳамаҷониба намояд. Зеро, пайваста аз ҷониби ниҳодҳои байналмилалӣ ҳангоми баррасии ҳисоботи Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқи инсон дар ин самт эродҳои зарурӣ пешниҳод карда мешавад. Масалан, Кумита оид ба ҳуқуқи инсони СММ дар банди 10 мулоҳизаҳои ҷамъбастӣ аз рӯйи маърузаи сеюми даврии Тоҷикистон иброз менамояд, ки давлати узв бояд саъю кӯшиши худро ҷиҳати мутобиқати комили институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж, аз ҷумла, дар самти таҳкими мустақилияти он ва таъмини ин ниҳод бо захираҳои кофии молиявӣ ва инсонӣ чораҷӯӣ намояд [15]. Гузашта аз ин, Кумитаи СММ оид ба рафъи табъиз нисбати занон ҳангоми баррасии мулоҳизаҳои ҷамъбастӣ аз рӯи маърӯзаи ҳафтуми даврии Тоҷикистон бо такрор аз тавсияи пешин (CEDAW/C/TJK/CO/6, п. 18) тибқи б. 29 даъват ба амал меорад, ки барои фаъолияти босамар ва мустақил дафтари Ваколатдор бо захираҳои кофии инсонӣ, техникӣ ва молиявӣ табқи Принсипҳои Париж таъмин карда шавад, хосатан дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон ва баррасии муроҷиати занону духтарон вобаста ба хусусияти гендерӣ ва махфияти он. Инчунин, дар б. 28 Кумита нигаронии қаблии худро (CEDAW/C/TJK/CO/6, банди 17) такрор мекунад, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қобилияти маҳдуди тафтиш ва баррасии шикоятҳои занонро дорад ва мустақилияти кофӣ надорад [18].

Албатта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри иҷроиши уҳдадориҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои СММ дар самти таҳкими ҳуқуқи инсон хосатан механизми миллии таъмини он чораҳои зарурирo таҳрезӣ менамояд. Дар бандҳои 8, 9, 10, 11 Нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои болозикр чорабиниҳои мушаххасро мустаҳкам намудааст. Масалан, дар асоси б. 9 таҳия ва пешниҳоди таклифҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба зиёд намудани захираҳои инсонӣ ва воситаҳои молиявӣ барои фаъолияти самараноки мақоми Ваколатдор, марҳила ба марҳила

ба буҷети давлатӣ гузаронидании маблағҳои қабулгоҳҳои ҷамъиятии ин ниҳод ва аз ҳисоби буҷети марказӣ маблағгузорӣ шудани сохторҳои маҳаллии мақомот ба нақша гирифта шудааст [6].

Ҳамин тавр, бояд иброз намуд, ки ниҳоди Ваколатдор таърихи куҳан дошта, дар давлатдории халқиятҳои гуногун дар шакли мухталиф, дар давлатдории тоҷикон бошад зери институти «мазолим» амал намудааст. Ваколатдор ҳамчун ниҳоди ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷиҳати таъмини ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Қонунгузории кишвар ҷиҳати таъмини фаъолияти босамари ин ниҳод меъёрҳои мушаххасро мустаҳкам намудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳангоми шарҳи мақоми Ваколатдор ба ҷойи истилоҳи «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» истилоҳи «мақоми давлатӣ» истифода бурда шавад. Новобаста аз пешравиҳо имрӯз таъмини мустақилияти Ваколатдор ва зиёд намудани захираҳои инсониву воситаҳои молиявии он беҳбудиро тақозо менамояд. Гузашта аз ин, тибқи таҳлилҳо имрӯз шумораи ками шаҳрвандон ба ин ниҳод муроҷиат менамоянд. Аз ин рӯ, зарурати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар ин самт ва ташвиқу тарғиб намудани ниҳоди Ваколатдор дар байни аҳолӣ ҷой дорад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (санаи муроҷиат 27.02.2025).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти с. 2008, № 372 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод. 191; с. 2011, № 6, мод. 453; с. 2012, № 4, мод. 261; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 398; с. 2016, №3, мод. 134.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16-уми апрели с. 2012, № 828 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 278.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти с. 2007, № 233 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; … Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2011.
5. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 // Сомонаи расмии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? (дата обращения: 09.11.2024).
6. Нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи с. 2023, № 357 тасдиқ гардидааст // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? (санаи муроҷиат: 09.02.2025 с.).
7. Ализода, З. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994: Шарҳи мухтасар / З. Ализода. – Душанбе, 2024. – 230 с.
8. Буриев, И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): дис. … док. юрид. наук: 12.00.01 / Имонкул Бозорович Буриев . – М. 2009. – 323 с.
9. Искандаров, Ш.Ф. Ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: автореф. дис. … н.и.ҳ.: 12.00.01 / Шарафҷон Фахриддинович Искандаров. – Душанбе, 2019. – 210 с.
10. Одинаев, Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование): дис…канд. юрид. наук: 12.00.01 / Рамазон Сафарович Одинаев. – Душанбе, 2012. – 174 с.
11. Ойев, Х., Сафаров, Б.А. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводди илмӣ-таҳлилӣ / Х. Ойев, Б.А. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 304 с.

12. Раҳмон, Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. … док. и. ҳуқуқ.: 12.00.01 / Д.С. Раҳмон. – Душанбе, 2019. – 434 с.

13. Саъдизода, Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … н.и.ҳ.: 12.00.01 Ҷаҳонгир Саъдизода. – Душанбе, 2017. – 201 с.

14. Сомонаи расмии Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон ХОВАР // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2024/07/vakolatdor-oid-ba-u-u-i-inson-i-ati-baland-bardoshtani-marifati-u-u-ii-sha-rvandon-46-mashvarati-sajyori-u-u-guzaronid/ (санаи муроҷиат: 10.02.2025 с.)

15. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://www.mid.tj/uploads/main/2020/12/Zaklyuchitel-nie-zamechaniya-po-3-periodicheskomu-dokladu-RT (санаи муроҷиат: 10.02.2025 с.)

16. Сомонаи расмии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://www.dushanbetv.tj/news/879-soli-2022-ba-maomoti-vakolatdor-oid-ba-uui-inson-dar-toikiston-1191-muroiati-shahsoni-voe-va-uu-ba-ajd-girifta-shudaast.html (санаи муроҷиат: 10.02.2025 с.)

17. Сомонаи расмии Радиои «Тоҷикистон» // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://radiotoj.tj/?p=27570 (санаи муроҷиат: 10.02.2025 с.)

18. Сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://documents.un.org/doc/undoc/gen/ (санаи муроҷиат: 10.02.2025 с.)

19. Хамдамова, Ш.М. Место Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан в системе органов государственной власти / Ш.М. Хамдамова // Права человека и международное право. Сборник статей молодых ученых. – М., 2016. – С. 64-69.

20. Чуксина, В.В. Государственные специализированные органы по содействию правам человека и их защите (сравнительно-правовой исследование): автореф. дис. … док. юрид. наук: 12.00.02 / Валентина Валерьевна Чуксина. – Омск, 2016. – 432 с.

## References

1. Constitution of the Republic of Tajikistan with amendments and additions of 26.09.1999, 22.06.2003 and 22.05.2016 // National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. – [Electronic resource] - Access schedule: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (access date 27.02.2025).

2. Law of the Republic of Tajikistan "On the Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan" of March 20, 2008, No. 372 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2008, No. 3, art. 191; p. 2011, No. 6, art. 453; p. 2012, No. 4, art. 261; p. 2014, No. 7, p. 1, art. 398; p. 2016, No. 3, art. 134.

3. Law of the Republic of Tajikistan "On the system of state administration bodies of the Republic of Tajikistan" dated April 16, 2012, No. 828 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2012, No. 4, art. 278.

4. Law of the Republic of Tajikistan "On civil service" dated March 5, 2007, No. 233 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2007, No. 3, art. 166, No. 6, art. 429; … Law of the Republic of Tajikistan dated 13.11.2023 No. 2011.

5. National Strategy of the Republic of Tajikistan in the Field of Human Rights Protection for the Period Until 2038 // Official Website of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan - [Electronic Resource]. – Access: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? (access date: 09.11.2024).

6. Action Plan for 2023-2025 to the National Strategy of the Republic of Tajikistan in the Field of Human Rights Protection for the Period Until 2038, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated August 5, 2023, No. 357 approved // [Electronic resource] - Access schedule: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? (access date: 09.02.2025).

7. Alizoda, Z. The Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994: A Brief Review / Z. Alizoda. – Dushanbe, 2024. – 230 p.

8. Buriev, I.B. Formation and development of statehood institutions on the territory of Tajikistan (pre-Soviet period): dis. … doc. jurid. sciences: 12.00.01 / Imonkul Bozorovich Buriev. – M. 2009. – 323 p.

9. Iskandarov, Sh.F. Formation and development of specialized state institutions for the protection of human rights in Tajikistan: author's abstract. dis. … n.i.h.: 12.00.01 / Sharafjon Fakhriddinovich Iskandarov. – Dushanbe, 2019. – 210 p.

10. Odinaev, R.S. Formation and development of the mazalim institute in pre-Soviet Tajikistan (historical and legal research): diss…cand. jurid. sciences: 12.00.01 / Ramazon Safarovich Odinaev. – Dushanbe, 2012. – 174 p.

11. Oyev, Kh., Safarov, B.A. Mechanisms for the protection of human and civil rights in the Republic of Tajikistan: scientific and analytical materials / Kh. Oyev, B.A. Safarov. – Dushanbe, 2013. – 304 p.

12. Rahmon, D.S. Human rights in the context of globalization and the strengthening of cultural-civilizational differences: theoretical, methodological and practical-legal issues: dis. … doc. i. law.: 12.00.01 / D.S. Rahmon. – Dushanbe, 2019. – 434 p.

13. Saadizoda, J. The formation of a culture of human rights in the context of the establishment of a state based on the rule of law in Tajikistan: dis. … n.i.h.: 12.00.01 Jahongir Saadizoda. – Dushanbe, 2017. – 201 p.

14. Official website of the National Information Agency of Tajikistan KHOVAR // [Electronic resource] - Access mode: https://khovar.tj/2024/07/vakolatdor-oid-ba-u-u-i-inson-i-ati-baland-bardoshtani-marifati-u-u-ii-sha-rvandon-46-mashvarati-sajyori-u-u-u-guzaronid/ (access date: 10.02.2025)

15. Official website of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource] - Access mode: https://www.mid.tj/uploads/main/2020/12/Zaklyuchitel-nie-zamechaniya-po-3-periodicheskomu-dokladu-RT (access date: 10.02.2025)

16. Official website of the Executive power of the city of Dushanbe // [Electronic resource] - Access schedule: https://www.dushanbetv.tj/news/879-soli-2022-ba-maomoti-vakolatdor-oid-ba-uui-inson-dar-toikiston-1191-muroiati-shahsoni-voe-va-uu-ba-ajd-girifta-shudaast.html (access date: 10.02.2025)

17. Official website of Radio "Tajikistan" // [Electronic resource] - Access schedule: https://radiotoj.tj/?p=27570 (access date: 10.02.2025)

18. Official website of the United Nations // [Electronic resource] - Access schedule: https://documents.un.org/doc/undoc/gen/ (accessed: 10.02.2025)

19. Khamdamova, Sh.M. The Place of the Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan in the System of State Authorities / Sh.M. Khamdamova // Human Rights and International Law. Collection of Articles by Young Scientists. - M., 2016. - Pp. 64-69.

20. Chuksina, V.V. State Specialized Bodies for the Promotion and Protection of Human Rights (Comparative Legal Research): author's abstract. dis. ... doc. jurid. sciences: 12.00.02 / Valentina Valerievna Chuksina. - Omsk, 2016. - 432 p.

**УДК 343.13**

# ПРОКУРОР КАК СУБЪЕКТ, УПОЛНОМОЧЕННЫЙ НА ВЫНЕСЕНИЕ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ АКТОВ

# ПРОКУРОР ҲАМЧУН СУБЪЕКТ И ВАКОЛАТДОР ОИД БА БАРОВАРДАНИ САНАДҲОИ МУРОФИАВӢ-ҶИНОЯТӢ

# THE PROSECUTOR AS A SUBJECT AUTHORIZED TO ISSUE CRIMINAL PROCEDURAL ACTS

МИЛИКОВА А.В.
MILIKOVA A.V.
*Доцент кафедры уголовного права и процесса Волгоградского государственного университета Российской Федерации, кандидат юридических наук, доцент*
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии Донишгоҳи давлатии Волгоградии Федератсияи Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Associate Professor of the Department of Criminal Law and Procedure Volgograd State University of the Russian Federation, Candidate of Law, Associate Professor*



e-mail: milikova@volsu.ru

*Научная специальность:* 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ).
*Scientific specialty:* 12.00.09 – Criminal procedure law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Рецензент:* МАРИНИНА В.Н. – доцент кафедры уголовного права, уголовного процесса и криминалистики Волгоградского института управления филиала РАНХиГС, кандидат юридических наук, доцент.
*Тақриздиҳанда*: МАРИНИНА В.Н. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва криминологияи Донишкадаи идоракунии ш. Волгоградi филиали Академияи Россиягии хоҷагии халқ ва идоракунии давлатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Reviewer*: MARININA V.N. – Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminal Procedure and Forensic Science of the Volgograd Institute of Management, branch of the Russian Presidential Academy of National Economy and Public Administration, Candidate of Law, Associate Professor.

*Аннотация*: В статье рассматриваются вопросы, касающиеся правового статуса прокурора в уголовном процессе, современное положение и существующие в научной среде мнения о возможности его совершенствования. Автором предпринимается попытка обобщить и исследовать проблемные аспекты в деятельности прокурора через призму выносимых им уголовно-процессуальных актов. В рамках статьи прокурор рассматривается как субъект, уполномоченный на вынесение уголовно-процессуальных актов.
*Ключевые слова*: уголовно-процессуальный акт, процессуальный документ, процессуальное решение, прокурор, субъект, уголовный процесс, законность.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ, вазъи кунунӣ ва андешаҳои мавҷуда дар ҷомеаи илмӣ оид ба имкони такмили он баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф кушиш мекунад, ки ҷанбаҳои мушкилоти фаъолияти

прокурорро аз лиҳози санадҳои мурофиавӣ-ҷиноятие, ки аз ҷониби ӯ бароварда мешаванд, тадқиқ намояд. Дар доираи модда прокурор ҳамчуни субъекти ваколатдор оид ба бароварданӣ санадҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ баррасӣ карда мешавад.

*Вожаҳои калидӣ:* санади мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ҳуҷҷати мурофиавӣ, қарори мурофиавӣ, прокурор, субъект, мурофиаи ҷиноятӣ, қонуният.

*Annotation*: The article examines issues related to the legal status of the prosecutor in criminal proceedings, the current situation and existing opinions in the scientific community on the possibility of its improvement. The author attempts to generalize and examine problematic aspects in the activities of the prosecutor through the prism of the criminal procedural acts issued by him. Within the framework of the article, the prosecutor is considered as a subject authorized to issue criminal procedural acts.

*Key words*: criminal procedural act, procedural document, procedural decision, prosecutor, subject, criminal process, legality.

Уголовно-процессуальные акты представляют собой особую разновидность процессуальных документов, оформляющих процессуальные решения и обладающих уникальной правовой природой, системой, признаками, а также совокупностью требований, предъявляемых к ним. Кроме того, существует четко определенный круг субъектов, имеющих полномочия на их принятие.

К числу таких субъектов, согласно Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации (далее - УПК РФ) можно отнести должностных лиц государственно-властных органов, а именно следователя, руководителя следственного органа, дознавателя, начальника органа дознания и начальника подразделения дознания, прокурора и судью.

В рамках настоящей статьи рассмотрим прокурора в несколько нетипичной для него роли, поскольку данному вопросу в уголовно-процессуальной науке ранее не уделялось внимания, а именно в качестве субъекта, уполномоченного на вынесение уголовно-процессуальных актов.

Значение прокурора как участника в уголовном процессе сложно переоценить. Как отмечает О.В. Химичева, прокурор в уголовном процессе выступает в качестве ведущего и основного субъекта уголовного преследования, поскольку именно он представляет государственное обвинение в суде. Эффективному выполнению этой функции способствует его надзор за процессуальной деятельностью органов дознания и предварительного следствия [16, с. 20].

Полномочия прокурора определены в ст. 37 УПК РФ, в которой аналогично положениям Федерального закона от 17 января 1992 г., № 2202-1 «О прокуратуре Российской Федерации» говорится о двух осуществляемых им функциях: осуществление уголовного преследования от имени государства и надзор за процессуальной деятельностью органов дознания и предварительного следствия.

А.В. Спирин подчеркивает особую роль прокурора в системе уголовного судопроизводства. На него возложен контроль за действиями всех участников уголовного преследования, что отличает его позицию от других субъектов процесса. При этом две функции, выполняемые им, неразрывны, ввиду отсутствия деления процессуальных прав и обязанностей прокурора в зависимости от реализуемых функций [13, с. 56-57].

Дискуссионным в науке уголовного процесса является вопрос о количестве функций у прокурора. Например, В.Ф. Крюков полагает, что в досудебных стадиях уголовного процесса прокурор дополнительно выполняет функции процессуального продвижения обвинения, правозащитную и организационно-распорядительную, тогда как в судебном производстве появляется функция по реализации государственного обвинения, остается правозащитная, и добавляется выявление судебных ошибок и принятие процессуальных мер к их устранению [6, с. 10].

Подобные предложения о выделении иных, помимо определенных законодателем, функций прокурора видятся необходимыми, но внесение их в УПК РФ представляется

излишним, подобная дискуссия скорее касается разграничения терминологических вопросов между понятиями функции и полномочия или стремления очертить исчерпывающий круг функций прокурора, предусмотренных в ч. 1 ст. 1 Федерального закона «О прокуратуре Российской Федерации» в качестве иных.

В рамках уголовного процесса прокурор реализует свои функции посредством принятия процессуальных решений, оформленных с помощью уголовно-процессуальных актов, предусмотренных законом. Заслуживает внимания предложенное А.Ю. Синдеевым определение процессуального решения прокурора, под которым понимается властный правоприменительный акт прокурора [12, с. 12]. Это совпадает с предложенной нами ранее концепцией понимания уголовно-процессуальных актов [9], ведь все процессуальные решения прокурора направлены на реализацию назначения уголовного судопроизводства, имеют государственно-властный характер и имеют важное значение ввиду наступления юридически значимых последствий.

Несмотря на то, что в связи с внесенными изменениями в УПК РФ и Федеральный закон «О прокуратуре Российской Федерации» в 2007 г. статус прокурора существенно изменился, он потерял возможность руководить предварительным следствием, возбуждать уголовные дела, проводить следственные действия и применять меры процессуального принуждения, функции прокурора, закрепленные законодательно, тем не менее, остались прежними, что, по мнению отдельных авторов, породило недостаток полномочий для реализации обозначенных для прокурора функций уголовного преследования и надзора.

Например, по мнению А.Г. Халиулина, независимо от внесенных в законодательство изменений, функция прокурора в качестве главного субъекта уголовного преследования осталась по-прежнему за органами прокуратуры, потому что следователь собирает доказательства, ведет расследование и готовит материалы, на основании которых прокурор осуществляет уголовное преследование перед судом, а, значит, полномочия прокурора должны быть более широкими [15, с. 27]. Подобного мнения придерживается и В.А. Ефанова, считая, что прокурору следует вернуть некоторые полномочия для большей эффективности выполнения его функций [3, с. 69].

Внесенные в законодательство изменения до настоящего времени не нашли однозначной оценки ученых в уголовно-процессуальной науке, нет и ответа на вопросы внесли ли данные нововведения позитивный вклад в уголовный процесс, стали ли необходимыми и целесообразными, стал ли эффективнее уголовный процесс.

Несмотря на проведенную реформу, Н.С. Манова констатирует наличие фактов неформального руководства прокурорами предварительным расследованием. Согласно ее исследованию, более двух третей сотрудников следственных органов (68,8%) и практически все сотрудники органов дознания (94,2%) подтвердили, что прокуроры продолжают оказывать влияние на ход и направление расследования [8, с. 341]. Если на практике подобная потребность остается, то возможно следует внести изменения на законодательном уровне.

В науке предлагаются различные подходы к развитию процессуальной фигуры прокурора в уголовном процессе путем внесения новых изменений в законодательство, в том числе вносились на обсуждение законопроекты о внесении изменений в УПК РФ с целью расширения полномочий прокурора в досудебном судопроизводстве, которые вызывают активные обсуждения, но пока отклоняются.

Отдельные вопросы возникают и в связи с отведенной прокурору ролью обвинителя. Как справедливо отмечает Е.А. Зайцева, исходя из предположения о реализации прокурором функции уголовного преследования в судебно-контрольных производствах, следовало бы ожидать его безоговорочной поддержки ходатайств органов предварительного следствия и дознания в судебном заседании. Однако практика свидетельствует о несоответствии данного постулата реальности. Возникающее противоборство осложняет деятельность суда ввиду возникающих противоречий со стороны одной

процессуальной стороны [4, с. 36]. Подобная практика, безусловно, только усложняет уголовный процесс. В связи с этим, А.Г. Халиулин отмечает, что роль прокурора как обвинителя ограничена рамками судебного разбирательства, так как исторически прокурор не именовался обвинителем в ходе предварительного следствия, а осуществлял лишь «надзор» за его процессом [14, с. 91].

И все же, несмотря на то, что в досудебном уголовном процессе функция уголовного преследования у прокурора достаточно ограничена, он остается участником уголовного процесса со стороны обвинения, представителем государства, реализующим данную функцию в суде. Осталась у прокурора и возможность влиять на ход расследования, реализуемого следователем и дознавателем, ведь именно прокурор утверждает итоговые уголовно-процессуальные акты следователя и дознавателя, направляемые в суд (обвинительное заключение, обвинительный акт или постановление). В случае выявления нарушений, прокурор вправе принять процессуальные решения, предусмотренные в УПК РФ (ст. 221, 226, 226.8 УПК РФ). Отсюда представляется, что прокурор может не только выносить уголовно-процессуальные акты, но и является своеобразным «соавтором» выносимых следователем и дознавателем итоговых уголовно-процессуальных актов.

Трудно переоценить важность и значение, придаваемые в уголовном процессе итоговым уголовно-процессуальным актам стадии предварительного расследования, но, к сожалению, имеются и проблемные вопросы. С.Б. Россинский отмечает, что некоторые прокуроры, пренебрегая своими прямыми обязанностями по надзору за следствием, уклоняются от всесторонней проверки материалов уголовного дела, поступающих из органов предварительного следствия. Вместо этого они ограничиваются лишь поверхностным ознакомлением с обвинительными заключениями, а порой и вовсе не готовятся должным образом к судебным заседаниям, полагаясь на обвинительные заключения как на шпаргалки [11, с. 103].

Захираҳои иқтидори баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати таъминоти иттилоотии ҳамкорӣ дар муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ бояд пеш аз ҳама дар худи низоми унсурҳои таъмини амнияти миллӣ, дар ташкили кори онҳо ҷустуҷӯ кардан лозим аст, ки онҳо ҳамчун моликияти органикии ҳамаи системаҳои ҷамъиятӣ, ба сифати манбаи дохилии такмилдиҳӣ ва инкишофи ин самти фаъолият баромад мекунанд.

Механизми идоракунии мавҷуда дар муҳити ягонаи фазоӣ-коммуникативии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳои муайянро дорад: низоми мониторинги эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ояндаи субъектони амнияти миллӣ барои дастрасӣ ва истифодаи маълумотҳо дар бораи таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амният пурра таҳия нашудааст; дар ташкили феҳристи ягонаи лоиҳаҳои идоравӣ ва ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъияти иҷрои онҳо камбудиҳо ҷой доранд; масъалаҳо оид ба таҷҳизонидани сохторҳои қудратӣ бо воситаҳои ҳозиразамони автоматика, телекоммуникатсия ва алоқа; мавҷуд набудани мутобиқати пурраи иттилоотии системаҳои автоматикӣ; идомаи ташкили системаи ягонаи идоракунии раванди иттилоотии унсурҳои амнияти миллиро талаб мекунад.

Ҳангоми омӯзиши падидаҳо, равандҳо тавассути модели иттилоотӣ имконияти воқеӣ барои муайян кардани қонуниятҳои объективӣ ва тамоюли онҳо, муайян кардани алоқаҳои сабабӣ-оқибатӣ ба миён меояд, донишҳои нав дар бораи қисми матлуби воқеият ба миён меояд, ки он дар соҳаи манфиати касбӣ қарор дорад. Ин методология имконият медиҳад, ки модели назариявии механизми ташкилии таъмини иттилоотии ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо дигар субъектони таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шавад.

Ташкили сохтори модели назариявии механизми ташкилии таъминоти иттилоотии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар унсурҳои таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипу қоидаҳои ягонаи зерин ба амал бароварда мешавад:

а) аз ҳадафи дақиқи муайяншуда ва вазифаҳо, ки дар доираи тартиботи қатъӣ муқаррар карда шудаанд ва мазмуни онро ташкил мекунанд;

б) бо тартиби муайяншудаи раванди фаъолияти якҷоя;

в) бо роҳи истифодаи шаклу усулҳои дахлдори кор дар муҳити иттилоотӣ.

Таъйиноти (миссияи) он қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии унсурҳои низоми таъмини амнияти миллӣ дар вақти воқеӣ бо имконияти дастрасии мустақими шахсони мансабдори мақомоти роҳбарикунанда ба захираҳои иттилоотӣ тибқи ваколатҳои мавҷудбуда мебошад. Ин тавассути ҳамгироии иттилооти мувофиқ, мукаммал, боэътимод ва сари вақт таъмин намудани он ба даст меояд.

Алгоритми кӯшишҳои ташкилӣ ҳангоми коркарди масъалаҳои таъмини иттилоотии фаъолияти муштарак дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ аз зинаҳои зерин иборат мебошад:

– муайян кардани мақсаду вазифаҳои таъмини иттилоотӣ; тақсимоти уҳдадориҳои кормандон ва шахсони мансабдори воҳидҳо, ки дар таъмини иттилоотии ҳамкорӣ иштирок мекунанд;

– муқаррар намудани ҳаҷм, мазмун, шакл ва воридшавии даврии маълумотҳо ба субъектони таъмини амнияти миллӣ тавассути каналҳои интиқоли маълумот, воситаҳои идоракунии чараёни иттилоот ворид мешаванд, ки барои ҳалли вазифаҳои пешгирикунанда ва кам кардани таҳдидҳо, инчунин ҳангоми таҳияи амалҳои оқилонаи кувваю воситаҳо дар шароити мушаххаси вазъияти воқеӣ зарур мебошад;

– муайян намудани сарчашмаҳои дохилию берунии иттилоот, ки барои гузаронидани корҳои таҳлилӣ, таҳлил ва баҳогузории таҳдидҳои эҳтимолии дохилӣ ва берунӣ зарур мебошад;

– коркарди паҳнкунандагони расмии маълумотҳо дар бораи таҳдиду хатарҳои эҳтимолӣ ба амнияти миллӣ, муайян намудани роҳҳо ва воситаҳои техникии ирсол ва коркарди онҳо;

– муайян намудани андоза ва намудҳои ҳуҷҷатҳои корӣ, гирандагон ва тартиби истифодаи маълумоти ҳуҷҷатшуда дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ;

– таҳия намудани тартиб, ҳаҷм, мазмун ва муҳлати пешниҳоди маълумотҳо дар бораи вазъият дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ барои ҳар як гиранда, роҳбарияти мақомоти маҳалии ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри с. 2003, № 1175 тасдиқ шудаст.
2. Аврутин, Ю.Е., Кикоть, В.Я., Сыдорук, И.И. Правопорядок: организационно-правовое обеспечение в Российской Федерации. Теоретическое административно-правовое исследование: монография / Ю.Е. Аврутин, В.Я. Кикоть, И.И. Сыдорук. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, Закон и право, 2003. – 456 с.
3. Бавсун, М.В. Целесообразность в уголовном праве: монография / М.В. Бавсун. – Омск: Омская академия МВД Росси, 2004. – 186 с.
4. Гафуров, М.Х. Автоматизированные информационные системы и вопросы их использования в деятельности правоохранительных органов / М.Х. Гафуров // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2001. – Вып. 4. – С. 41-47.
5. Гафуров, М.Х., Умаров, М.А. Об информационном обеспечении правоохранительных систем / М.Х. Гафуров, М.А. Умаров // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2006. – Вып. № 9. – С. 162-176.
6. Голобурда, Е.А. Информационно-аналитическое обеспечение управленческой деятельности органов исполнительной власти (на примере работы органов исполнительной власти Москвы по связям с общественностью): дис. … канд. социол. наук: 22.00.08 / Елена Александровна Голобурда. – М.: РАГС, 2005. – 161 с.
7. Кнорринг, В.И. Искусство управления / В.И. Кнорринг. – М.: БЕК, 1997. – 511 с.
8. Крысин, Л.П. Толковый словарь иноязычных слов: св. 25000 слов и словосочетаний / Л.П. Крысин. – М.: Эксмо, 2005. – 939 с.
9. Лопатин, В.В., Лопатина, Л.Е. Малый толковый словарь русского языка: Ок. 35000 слов / В.В. Лопатин, Л.Е. Лопатина. – М.: Рус. яз., 1990. – 704 с.
10. Мубориза бо ҷинояткорӣ – кори умумихалқӣ (маҷмуи суханрониҳо ва мақолаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон). – Душанбе: ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003. – 120 с.
11. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов и Н.Ю. Шведова; 4. изд., доп. – М.: Азбуковник, 2003. – 939 с.
12. Полушкин, О.А. Стратегическое планирование – основа повышения эффективности деятельности МВД России / О.А. Полушкин // Закон и право. – 2007. – № 5. – С. 9 -11.
13. Раджабов, Р.М. Проблемы формирования правовой системы Республики Таджикистан: теоретико-методологический аспект: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Равшан Мухитдинович Раджабов. – Душанбе, 2000. – 184 с.
14. Уколов, В.Ф. Теория управления: пособие / В.Ф. Уколов, А.М. Масс, И.К. Быстряков. -3-е изд., доп. – М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2007. – 575 с.
15. Ульянов, А.Д., Жаглин, А.В. Содержание механизма управления в органах внутренних дел / А.Д. Ульянов, А.В. Жаглин // Вестник Воронежского института МД России. – 2010. – № 2. – С. 65-66.

**References**

1. Information Security Concept of the Republic of Tajikistan: approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated November 7, 2003, No. 1175
2. Avrutin, Yu.E., Kikot, V.Ya., Sydoruk, I.I. Law and order: organizational and legal support in the Russian Federation. Theoretical administrative and legal research: monograph / Yu.E. Avrutin, V.Ya. Kikot, I.I. Sydoruk. – M.: UNITY-DANA, Law and Right, 2003. – 456 p.

3. Bavsun, M.V. Expediency in criminal law: monograph / M.V. Bavsun. – Omsk: Omsk Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2004. – 186 p.
4. Gafurov, M.Kh. Automated information systems and issues of their use in the activities of law enforcement agencies / M.Kh. Gafurov // Works of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2001. – Issue. 4. – Pp. 41-47.
5. Gafurov, M.Kh., Umarov, M.A. On information support of law enforcement systems / M.Kh. Gafurov, M.A. Umarov // Works of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2006. – Issue № 9. – Pp. 162-176.
6. Goloburda, E.A. Information and analytical support of managerial activities of executive authorities (on the example of the work of Moscow executive authorities on public relations): dis. … candidate of sociological sciences: 22.00.08 / Elena Aleksandrovna Goloburda. – M.: RAGS, 2005. – 161 p.
7. Knorring, V.I. Art of management / V.I. Knorring. – M.: BEK, 1997. – 511 p.
8. Krysin, L.P. Explanatory Dictionary of Foreign-Language Words: over 25,000 words and phrases / L.P. Krysin. – M.: Eksmo, 2005. – 939 p.
9. Lopatin, V.V., Lopatina, L.E. Small Explanatory Dictionary of the Russian Language: Approx. 35,000 words / V.V. Lopatin, L.E. Lopatina. – M.: Rus. lang., 1990. – 704 p.
10. The fight against crime is a national affair (a collection of speeches and articles by the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon). – Dushanbe: Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. 2003. – 120 p.
11. Ozhegov, S.I., Shvedova, N.Yu. Explanatory Dictionary of the Russian Language: 80,000 Words and Phraseological Expressions / S.I. Ozhegov and N.Yu. Shvedova; 4th ed., suppl. – M.: Azbukovnik, 2003. – 939 p.
12. Polushkin, O.A. Strategic Planning - the Basis for Improving the Efficiency of the Ministry of Internal Affairs of Russia / O.A. Polushkin // Law and Right. – 2007. – No. 5. – Pp. 9-11.
13. Radzhabov, R.M. Problems of Formation of the Legal System of the Republic of Tajikistan: Theoretical and Methodological Aspect: Dis. ... Cand. of Law: 12.00.01 / Ravshan Mukhitdinovich Radzhabov. – Dushanbe, 2000. – 184 p.
14. Ukolov, V.F. Management Theory: manual / V.F. Ukolov, A.M. Mass, I.K. Bystryakov. - 3rd ed., suppl. – M.: ZAO «Izdatelstvo Economy», 2007. – 575 p.
15. Ulyanov, A.D., Zhaglin, A.V. Contents of the management mechanism in the internal affairs bodies / A.D. Ulyanov, A.V. Zhaglin // Bulletin of the Voronezh Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2010. – No. 2. – Pp. 65-66.

ТДУ 340.114.5:004

# ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИГАРДОНИИ ҶОМЕА

# ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОСОЗНАНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ОБЩЕСТВА

# FORMATION OF LEGAL CONSCIOUSNESS IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF SOCIETY

Шарофзода Р.Ш.
(Сотивалдиев Р.Ш.)
Sharofzoda R.Sh.
(Sotivaldyev R.SH.)
*Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор*
*Professor of the Department of Theory and History of State and Law of the Law Faculty of the Tajik National University, Doctor of Law, Professor*



E-mail: www-rustam-tj@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Назарзода Н.Ҷ. – профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.

*Рецезент*: Назарзода Н.Дж. – профессор кафедры организации управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, полковник милиции.

*Reviwer*: Nazarzoda N.J. – professor of the department of organization of management of law enforcement activities of faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, doctor of legal sciences, colonel of militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар марҳилаи таҳаввулоти куллии рақамии ҷомеа таҳлил карда мешаванд. Зарурати нигоҳ доштан ва ҳимояи талаботи иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккули шуури ҳуқуқӣ, арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии шуури ҳуқуқӣ собит мегардад. Хулоса асоснок карда мешавад, ки технологияҳои рақамӣ нақши ҳуқуқшиносонро дар ташкилу гузаронидани кори васеи таҳлилӣ, ки бо қобилияти фикрӣ, маърифатӣ, идрокӣ, зеҳнии инсон робита дорад, иваз карда наметавонанд. Шуури ҳуқуқӣ дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ва мутобиқан бо технологияҳои рақамии таҳсилотӣ ташаккул меёбад. Вале шуури ҳуқуқӣ аз арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷудо буда наметавонад. Нақши калидиро дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ арзишҳои миллӣ, анъанаҳои фарҳанги миллӣ, хусусиятҳои ҳолати равонӣ ва менталитети аҳолӣ мебозанд.

*Вожаҳои калидӣ:* шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, арзишҳои миллӣ, рақамигардонӣ, технологияҳои рақамӣ.

*Аннотация:* В статье анализируются особенности формирования правового сознания на этапе цифровой трансформации общества. Доказывается необходимость сохранения и защиты национально-культурных условий формирования правового сознания, социально-культурных и правовых ценностей правового сознания. Обоснован вывод о том, что цифровые технологии не могут заменить роль современного юриста в организхации и проведении широкой аналитической деятельности, связанной с умственными, познавательными, интеллектуальными, созидательными, творческими способностями человека. Правовое сознание формируется в рамках юридического профессионального образования и соответственно посредством цифровых образовательных технологий. Однако правовое сознание не может быть оторванным от социально-культурных ценностей. Ключевую роль в формировании профессионального правового сознания играют национальные ценности, традиции национальной культуры, особенности психологии и менталитета населения.

*Ключевые слова:* правовое сознание, правовая культура, социально-культурные ценности, национальные ценности, цифровизация, цифровые технологии.

*Annotation*: The article analyzes the features of the formation of legal consciousness at the stage of digital transformation of society. The need to preserve and protect national and cultural conditions for the formation of legal consciousness, socio-cultural and legal values of legal consciousness is proved. The conclusion is substantiated that digital technologies cannot replace the role of a modern lawyer in organizing and conducting broad analytical activities related to mental, cognitive, intellectual, creative, creative abilities of a person. Legal consciousness is formed within the framework of legal professional education and, accordingly, through digital educational technologies. However, legal consciousness cannot be divorced from socio-cultural values. National values, traditions of national culture, features of psychology and mentality of the population play a key role in the formation of professional legal consciousness.

*Key words:* legal consciousness, legal culture, socio-cultural values, national values, digitalization, digital technologies.

Рақамигардонии ҳаёти ҷомеа ва одамон, ки ҳоло бо суръати баланд дар ҷомеаи ҷаҳон идома дорад, ҳаёти ҳуқуқӣ ва ҳамаи падидаҳои онро (ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, татбиқи ҳуқуқ, адолати судӣ, назорати прокурорӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва ғ.) фаро мегирад. Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба такмили фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, прокурорӣ, судӣ, тафтишотӣ, криминалистӣ, адвокатӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ғ.) мусоидат мекунанд. Ташаккули «фазои ҳуқуқии рақамӣ», «санадҳои меъёрии ҳуқуқии рақамӣ», «ёрии ҳуқуқии электронӣ», «адолати судии электронӣ», «мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ», «шартномаи видеоӣ», «смартшартнома», «интерплейси ҳуқуқӣ» ва ғ. ба рақамигардонии ҳаёти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Роҳҳо ва самтҳои асосии ташаккулу рушди ҷомеаи рақамӣ дар Тоҷикистон дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30-юми майи соли 2024, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ санаи 28-уми декабри соли 2023 ва 28-уми декабри соли 2024 муайян карда мешаванд.

Технологияҳои рақамӣ (техникаи роботӣ, нейротехнологияҳо ва ғ.) дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла дар ҳаёти ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Дурнамои рушди ҳаёти ҳуқуқии Тоҷикистон бо рақамигардонӣ алоқаманд аст, чунки иқтисоди рақамӣ (нақлиёти рақамӣ, савдои электронӣ, алоқаи рақамӣ, телевизиони рақамӣ ва ғ.) таҳлили васеи ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии навро бо мақсади танзими муносибатҳои рақамӣ тақозо дорад.

Айни замон рақамигардонӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқӣ, таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва дигарро фаро мегирад. Рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад, чунки фаъолияти ҳуқуқӣ бо кори эҷодӣ, зеҳнӣ, таҳлилии ҳуқуқшиносон (дар соҳаи эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ё ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳияи лоиҳаи қонун ва санади дигари ҳуқуқӣ бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, таҳлил ва баҳогузории фактҳои ҳуқуқӣ) алоқаманд аст.

Ҳамзамон бо ин, самаранокии фаъолияти ҳуқуқӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар раванди таҳсолоти ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Сатҳи махсуси амалии шуури ҳуқуқӣ ё шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон (шуури ҳуқуқии кормандони суд, мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони гумрук ва диг.) натиҷаи таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Ҳама гуна намуди фаъолияти ҳуқуқӣ (тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, криминалистӣ, адвокатӣ, нотариалӣ ва ғ.) сатҳи кофии шуури ҳуқуқии махсуси касбиро тақозо дорад. Дониши касбии ҳуқуқӣ, маҳорат, қобилият, истеъдоди корӣ, ҳисси эҳтироми қонун, ҳисси оштинопазирӣ бо коррупсия, терроризм, экстремизм, воситаҳои нашъадор ва ғ., дарку эҳсоси афзалияти манфиатҳои миллӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон мебошанд. Унсурҳои идеологӣ (мафкуравӣ) дар байни унсурҳои шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон ҷойи муҳимро ишғол мекунанд, чунки фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон бо ҳимояи манфиатҳои давлат, тадбирҳои давлатӣ, сиёсати давлат алоқаманд аст. Ҳуқуқшиносон маъмулан дар рӯҳияи эҳтироми қонун, ҳимояи Ватан, музаффариятҳои соҳибистиқлолӣ тарбия мегиранд, дар фаъолияти касбии худ бевосита дар амалӣ гардидани сиёсати давлат, баргузории чорабиниҳои сиёсӣ (идҳои давлатӣ, чорабиниҳои оммавии сиёсӣ-фарҳангӣ, ташрифи роҳбарони давлатҳои хориҷӣ, ҳамоишҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ бо иштироки роҳбарони давлатҳо ва ғ.) иштирок мекунанд. Барои ҳамин, шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон хусусиятҳои худро дорад, бо дарназардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқӣ ва салоҳияти хизматии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташаккул меёбад.

Айни замон ҳадафҳо, вазифаҳо, шаклҳо, тарзу воситаҳои таҳсили касбии ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа доимо тағйир меёбанд. Дар ҳаёти имрӯза технологияҳои рақамӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд, чунки дар раванди таълим истифода мешаванд. Рақамигардонии раванди таълим ҳамаи зинаҳои таълимро (ибтидоӣ, миёна, махсус, олӣ) дар бар мегирад. Такмили низоми таҳсилот дар робита бо татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим дар Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040-ум пешбинӣ мешавад.

Ислоҳоти соҳаи маориф ва рақамигардонии раванди таълим табиист, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Аз як тараф технологияҳои рақамӣ, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, ба рушди низоми таҳсил, боло бурдании дониши рақамии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ташаккули саводи рақамии аҳолӣ, омода намудани мутахассисони нав, ки дониши кофии рақамӣ доранд, мусоидат менамоянд. Техноологияҳои рақамии таҳсилотӣ махсус бо ҳамин мақсад татбиқ карда мешаванд.

Аз тарафи дигар, наврасону ҷавонон, ки дар мактабҳои миёна, коллеҷҳо, гимназияҳо, донишкадаҳо, донишгоҳҳо ва

муассисаҳои дигари таҳсилотӣ таълим мегиранд, дар муҳити нави иттилоотӣ-рақамӣ зиндагӣ доранд. Технологияҳои рақамӣ бо суръати баланд дар ҷомеаи ҷаҳон рушд намуда, танҳо бо технологияҳои рақамии таҳсилотӣ маҳдуд намешаванд. Технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва ҳаёти шахсӣ истифода мешаванд ва ба шуур, ирода, рафтори доираи васеи аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Олимон оид ба таъсири технологияҳои рақамӣ ба шуур ва фарҳанги аҳолӣ ақидаҳои гуногун баён мекунанд. Ба ақидаи Николаев М.В., технологияҳои компютерӣ «ба ташаккули фарҳанги умумӣ, ҳамчунин, заминаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ вусъат мебахшанд» [4, с. 81]. Аммо ин ақида мубоҳисавист, чунки технологияҳои компютерӣ дар ҳолатҳои муайян қодиранд, ки ба раванди ташаккули фарҳанги умумӣ, аз он ҷумла, фарҳанги ҳуқуқӣ таъсири манфӣ расонанд. Чунончи, бозиҳои компютерӣ, ки бо мақсади маблағситонӣ ташкил карда мешаванд, боиси вобастагии инсон, алалхусус, кӯдакону наврасон аз компютер мегарданд. Технологияҳои компютерӣ ба мақсадҳои ғаразнок (паҳн намудани арзишҳои ба мо бегона, тарғибу ташвиқи иттилооти яктарафа, дурӯғ ва ғаразнок, таъсиррасонии равонӣ ба шууру амали одамон ва ғ.) истифода мешаванд.

Барои ҳамин, дар асарҳои илмӣ имкониятҳо ва ҳадди таъсири технологияҳои рақамӣ ба шуур ва фарҳанги аҳолӣ таҳқиқ карда мешавад. Таъсири мусбии технологияҳои рақамӣ ба фарҳанг ва шуури одамон мутлақ нест. Чунончи, ба ақидаи Самородов В.Ю., «роботгардонӣ ва компютергардонӣ унсури фарҳангиро (эҷодиро) дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд мекунад ва дар оянда қодир аст, ки онро нобуд созад, агар бо ин фаъолият мошинҳо машғул шаванд» [7, с.169]. Ба ақидаи Синюков В.Н. бошад, ҳар як халқ «модели барои худаш муносиби рақамигардонии фарҳанги ҳуқуқиро интихоб мекунад» [8, с.17]. Ба ақидаи Керимов Д.А., компютергардонии фаъолияти меҳнатӣ, алалхусус, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ қобилияти эҷодиро маҳдуд мекунад, ба автоматигардонии тафаккур мусоидат мекунад [3, с. 52].

Ҳалли масъалаҳои зиёди назариявӣ ва амалие, ки дар раванди рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, аз «ҷорӣ намудани мафҳумҳо ва категорияҳои нави илмӣ («рақамигардонии фазои ҳуқуқӣ», «рақамигардонии қонунгузорӣ», «қонуни рақамӣ», «муҳокимаи электронии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар) дар илми назариявии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад» [13, с. 125].

Ба ақидаи Николаев М.В., захираҳои рақамӣ «иқтидори баланди тарбиявӣ доранд ва метавонанд, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ барои ба роҳ мондани намудҳои гуногуни кори тарбиявӣ истифода шаванд» [4, с. 83]. Айни замон ақидаи муаллиф оид ба имконияти ташаккули «шаҳрвандони рақамӣ», «ватандӯстони рақамӣ» дар ҷомеаи рақамӣ мубоҳисавист [4, с. 81-82]. Дар ҷомеаи рақамӣ инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ нақши худро нигоҳ медорад. Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ пурра нақши инсонро дар ҳаёти оилавӣ, таваллуду тарбияи фарзанд, тағйир додани шароити ҳаёти ҷомеа, таъмини тартиботу интизом дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ, рушди ҷомеа иваз карда наметавонанд.

Рақамигардии ҷомеа ба раванди ҷомеагардии инсон таъсир мерасонад. Айни замон ҷомеагардии иҷтимоии инсон, ки дар ташаккули шахс нақши ҳалкунанда дорад, дар доираи арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, фарҳангӣ ва ғ.) сурат мегирад. Технологияҳои иттилоотии рақамигардида (компютер, бозиҳои компютерӣ, телефони мобилӣ, барномаҳои мобилӣ, Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион, барномаҳои телевизионии рақамӣ ва ғ.) ба раванди ташаккули шахс таъсир мерасонанд.

Аммо технологияҳои рақамии техникӣ ҳиссиёт, эҳсосот надоранд, қобилияти физиологӣ ва равонии инсонро иваз карда наметавонанд. Аз ин хотир, дар

ташаккули шахс накши муҳимро оила, падару модар, хешу таборон, муаллимон, устодон, педагогҳо ва намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, аз он ҷумла кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адвокатҳо, собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигарон мебозанд. Онҳо дар тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, сиёсӣ, эстетикӣ, экологӣ ва дигари инсон таърихан накши ҳалкунанда доранд. Ягон таҷҳизоти техникӣ аз ухдаи иҷрои ин вазифа намебарояд.

Ҷомегардии ҳуқуқӣ ҳамчун намуд ва сатҳи ҷомегардии иҷтимоӣ бо арзишҳо, меъёрҳо, падидаҳо ва сохторҳои ҳаёти ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Тавре Осипов Р.А. қайд мекунад, ҷомеагардии ҳуқуқӣ яке аз омилҳои муҳимми «рушди ҳуқуқӣ» буда, ба «паҳлуҳои зеҳнӣ ва фарҳангии ҳаёти одамон таъсир мерасонад», ба «инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва такмили сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд» [5, с. 340].

Аммо ҷомегардии шахс дар ҷомеаи рақамӣ хусусиятҳои нав пайдо мекунад. Тавре Бекиров С.Н. қайд мекунад, дар шароити «рақамигардии ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ», бо дарназардошти воридшавии ҷавонон ба фазои иттилоотӣ «шуури ҳуқуқии виртуалӣ» [1, с. 38] ташаккул меёбад.

Дар робита бо рақамигардии ҷомеа дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои нав, ба мисли «фарҳанги ҳуқуқии рақамӣ» ва «шуури ҳуқуқии рақамӣ» пешниҳод шудаанд. Ба ақидаи Сироткин А.А., фарҳанги ҳуқуқии рақамӣ «низоми арзишҳои моддӣ-маънавӣ мебошад, ки сатҳи дахлдори рақамигардии ҷомеаро инъикос мекунад ва дар он шуури ҳуқуқии рақамии фард инъикос мегардад» [9, с. 123].

Мебояд зикр намуд, ки мафҳумҳои нав, аз қабили « шуури ҳуқуқии виртуалӣ», «шуури ҳуқуқии рақамӣ», «фарҳанги ҳуқуқии рақамӣ» ва ғ., ки ҳоло аз тарафи як қатор муҳаққиқон пешниҳод шуда истодаанд, аз як тараф бо суръати баланди рақамигардии ҷомеа алоқаманд буда, аз тарафи дигар ҳамчун кӯшиши ворид намудани навоварӣ ба илм баҳогузорӣ карда мешавад. Ин мафҳумҳо ҳоло аз тарафи ҳама ё доираи васеи олимон пазируфта нашудаанд. Илова бар ин, ин гуна мафҳумҳои нав хусусиятҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро пурра ба инобат намегиранд, накши технологияҳои рақамиро дар ташаккули умуман шуури инсон ва фарҳанги ҷомеа мутлақ мегардонанд.

Технологияҳои рақамӣ табиист, ки ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Айни замон шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ на танҳо аз тасаввурот, мафҳумҳо, ғояҳо, дониши ҳуқуқӣ, балки арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ иборат аст. Арзишҳои фарҳанги миллӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ яке аз шаклҳои маъмулии таъсири арзишҳои фарҳангӣ ба шуури ҳуқуқӣ мебошад. Илова бар ин, фарҳанги ҳуқуқӣ ҷузъи фарҳанги умумӣ буда, дар алоқамандӣ бо ҳамаи унсурҳои фарҳанги умумии ҷомеа ташаккул меёбад.

Ҳуқуқ ҷузъи фарҳанг ва тамаддун буда, таърихан дар алоқамандӣ ва робитаи устувор бо меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ташаккул ёфта, инкишоф ёфтааст. Робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ дар ҳаёти имрӯза низ бештар зоҳир мешавад, чунки дар шароити бухрони арзишҳои ахлоқӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон, талабот ба риояи меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ зиёд мешавад. Зарурати риояи одоби хизмати давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қабули кодексҳои одоб дар мақомоти гуногуни давлатӣ, аз он ҷумла, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мисоли ин гуфтаҳоянд.

Ҳуқуқ ифодакунандаи арзишҳои ахлоқӣ мебошад, якҷоя бо ахлоқ инкишоф меёбад, наметавонад, ки хилофи арзишҳои ахлоқӣ бошад. Арзишҳои волои ахлоқӣ-маънавӣ (адолат, озодӣ, баробарӣ, инсоф, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва дигар) ҳоло дар матни Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтаанд. Аз ин хотир, ҳуқуқи зиддиахлоқӣ дар асл ҳуқуқ нест, ё падидает, ки танҳо шакл дораду, вале мазмун надорад. Таърихи инсоният гувоҳи он аст, ки маҳз санадҳои меъёрие, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хилофи

арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ қабул шуда буданд, дар воқеъ санадҳои беадолат буданд, чунки ҳолати ғуломиро расман эътироф намуда буданд, нобаробарии то ҳадди имкон беадолатонаи байни табақаҳои аҳолиро ҳимоя менамуданд, барои намояндагони табақаҳои боло ва поёни аҳолӣ барои ҳамон як ҷиноят ҷазоҳои гуногун пешбинӣ намуда буданд.

Барои ҳамин, робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ масъалаи мубрами илм ва амалия, аз он ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Доир ба ин масъала мутафаккирони намоён (Абӯалӣ ибни Сино, Фороби, Насуриддини Тӯсӣ, Низомулмулк, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон) ибрози андеша намудаанд. Робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ дар маркази таваҷҷуҳи олимони муосир қарор дорад. Ба ақидаи Салников В.П., Брилева Е.А., Галиев Ф.Х., «қонуне, ки аз табиати ахлоқии инсон ҷудо карда шудааст, ягон аҳаммият надорад ва ҳато барои ҷомеа зараровар аст, чунин қонун ба ҳимояи иллатҳо тавассути ҳуқуқ ва дар ниҳояти кор таназзули ахлоқӣ мусоидат карда метавонад» [6, с. 190].

Робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ дар он зоҳир мешавад, ки дар якҷоягӣ ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонанд. Шуури ҳуқуқӣ шакли ифодаи арзишҳои ахлоқӣ мебошад, дар доираи ин ё он навъи фарҳанг ва тамаддун, дар фазои ахлоқӣ-маънавӣ ташаккул ёфта, мунтазам инкишоф меёбад,. Арзишҳои ахлоқӣ дар раванди таҳсил ва тарбия (педагогӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ғ.) истифода мешаванд.

Арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ олами ботинӣ, табиати биологию иҷтимоии инсон, симои шахсро муайян мекунанд, дар тарбия ва таълими инсон нақши ҳалкунанда мебозанд. Аз ин хотир, ҳимояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ яке аз роҳҳои аввалиндараҷаи ташаккул ва ҷомеагардии инсон дар ҷомеаи рақамӣ мебошад.

Тавре Дроздова А.М. менависад, «қадри инсон, шуури ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, ҳисси шаҳрвандӣ, софдилӣ, батамизӣ арзишҳо ё ғояҳое мебошанд, ки фаъолияти амалии ҳар як инсони боақлро муайян мекунанд». Ин арзишҳо «аз ибтидо арзишҳои ахлоқӣ, бунёдии миллӣ буданд» ва илова бар ин, «арзишҳои миллӣ шахс, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии ӯ, муносибаташро ба гузашта, имрӯза ва ояндаи мамлакат ва халқ, ҳисси масъулияташро барои ҳимоя ва ғанӣ гардонидани музаффариятҳои миллии давлат ташаккул медиҳанд» [2, с. 30].

Технологияҳои рақамӣ табиист, ки дар соҳаи таҳсилот нақши муҳим мебозанд, аз ҷумла, ба такмили сифат, мазмун ва технологияҳои таҳсилотӣ мусоидат мекунанд, аммо арзишҳои ахлоқӣ-маънавиро иваз карда наметавонанд. Инсон дар ҳолати заволёбии арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ба шахси беирода, бемасъулият табдил меёбад, тарзи ҳаёти анъанавиро аз даст медиҳад, тарзи ҳаёти носолимро, ки хилофи ақлу хирад аст, интихоб мекунад. Ҳолати мазкурро ҳоло дар дар як қатор кишварҳои ҷаҳон, ки бо сабаби поймол намудани азишҳои ахлоқӣ-маънавӣ анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаро дар соҳаи никоҳ ва оиладорӣ сарфи назар намуданд, мушоҳида намудан мумкн аст.

Технологияҳои итттилоотӣ бо мақсади тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани ақидаҳои барои мо бегонаи зиддахлоқӣ истифода мешаванд. Бо ин мақсад захираҳои иттилоотӣ ва рақамӣ (видеофилмҳо, наворҳои бешармона, сайтҳои беҳаё ва ғ.) истифода мешаванд. Аз ин хотир, ҳимояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии фарҳанги миллӣ яке аз вазифаҳои ҳаётан муҳимми давлат ва аҳли ҷомеа дар ҷомеаи рақамӣ мебошад.

Технологияҳои рақамӣ барои танзим ва рушди устувори ҳаёти ҳуқуқӣ аҳаммият доранд. Ин технологияҳо ба амалигардӣ ва татбиқи ҳуқуқ тавассути дастрасии электронӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ, ба адолати судӣ, ба ёрии ҳуқуқӣ ва ғ., бо суръати баланд ба роҳ мондани ҷамъу таҳлили иттилооти ҳуқуқӣ, қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунӣ тавассути хизмати ҳуқуқии рақамӣ мусоидат мекунанд.

Айни замон технологияҳои рақамӣ хусусияти техникӣ дошта, сифатҳои

шахсӣ, пеш аз ҳама, ҳиссиёт, эҳсосот, арзишҳои ахлоқӣ-маънавии инсонро дар худ инъикос карда наметавонанд. Аз ин хотир, технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти ҳуқуқӣ бо дарназардошти унсурҳои равонӣ ва арзишии шуури инсон, аз ҷумла, шуури ҳуқуқӣ бояд истифода гарданд. Тавре Суменков С.Ю. ва Осипов Р.А. қайд мекунанд, технологияҳои рақамӣ «бо дарназардошти ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба иродаи инсон ва арзишҳо бояд тобеъ карда шаванд» [11, с. 272].

Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад. Чунончи, дар муносибатҳои ҳуқуқӣ одамон бо дарназардошти сифатҳои биологӣ, физиологӣ ва дигари шахсӣ (синну сол, ҳолати рӯҳӣ, ҳолати равонӣ ва ғ.) иштирок мекунанд. Ин сифатҳои шахсӣ бо мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «қобилияти амалкунӣ», «қобилияти деликтӣ» ифода карда мешаванд. Технологияҳои рақамӣ ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, масалан, дар доираи адолати судии электронӣ, ёрии ҳуқуқии электронӣ, имзои рақамӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ғ. таъсир расонида метавонанд. Вале технологияҳои рақамӣ сифатҳои физиологӣ, биологӣ, равонии инсонро дошта наметавонанд.

Барои ҳамин, нақши ҳалкунандаи ҳуқуқшиносоне, ки лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонун, кодекс ва ғ.) ва санадҳои ҳуқуқтатбиқкунандаро (ҳукми суд, ҳалномаи суд, эътирози прокурор ва ғ.) таҳия мекунанд, дар ҷомеаи рақамӣ боқӣ мемонад, чунки ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти эҳсос намудани талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд. Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми қабули қарори ҳуқуқӣ ҳамаи ҳолатҳои ҳаётии корро ҷамъ намуда, ҳаматарафа месанҷад, симои равонии шахси дахлдорро муайян мекунад, ҳолати равонии шахсеро, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир намудааст, ба инобат мегирад. Ин гуна қобилиятро танҳо инсон дошта метавонад.

Санадҳои судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ бо дарназардошти таҳлили ҳаматарафаи ҳолатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кор (фактҳои ҳуқуқии объективӣ ё ҳаётӣ ва субъективӣ), ҳолати равонӣ ва физиологии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ (синну сол, қобилияти дарки рафтор ва оқибатҳои он, ҳолати равонӣ ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ё ба роҳ мондани амали ҳуқуқӣ, масалан, бастани шартномаи маданӣ, меҳнатӣ, акди никоҳ) қабул карда мешаванд. Технологияҳои рақамӣ чунин қобилият надоранд. Аз ин хотир, технологияҳои рақамӣ бо дарназардошти хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, вазъи равонӣ, физиологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда бояд истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеаи рақамӣ хусусиятҳо, унсурҳо, вазифаҳо ва нақши худро ҳамчун падидаи фарҳангӣ нигоҳ медорад. Технологияҳои рақамӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Технологияҳои рақамии таҳсилотӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд. Аммо ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ, равонӣ, мафкуравӣ хусусиятҳои худро дорад. Ғояҳои бунёдии ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, арҷгузорӣ ба мероси таърихӣ, ба арзишҳои ахлоқӣ-маънавии фарҳанги миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, масъулиятшиносӣ якҷоя бо арзишҳои ҳуқуқии фарҳангӣ (эҳтироми қонун, риоя ва иҷрои бечунучарои муқаррароти меъёрӣ, эҳтироми инсон ва ҳуқуқҳояш, иҷрои софдилонаи вазифаҳои хизматӣ ва дигар) унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон мебошанд. Технологияҳои рақамӣ бо дарназардошти афзалияти ин арзишҳои фарҳанги миллӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бояд татбиқ гарданд.

Арзишҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, ки заминаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошанд, ҷузъи фарҳанги миллӣ мебошанд. Шуури одамон ва фарҳанги аҳолӣ таърихан дар байни халқу миллатҳо бо таъсири арзишҳои иҷтимоӣ ва дар муҳити фарҳангӣ ташаккул меёбад. Шуури ҳуқуқӣ низ дар иртибот бо

хусусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ, анъанаҳо ва таҷрибаи давлатдории миллӣ ташаккул меёбад.

Арзишҳои фарҳангии шуури одамон, аз он ҷумла, шуури ҳуқуқӣ ҷузъи фарҳанги миллӣ буда, аз насл ба насл мегузаранд. Ҳимояи онҳо барои рушди ҷомеа ва пойдории давлат нақши ҳалкунанда дорад.

Мутафаккирони форсу тоҷик ба ҳимояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ таваҷҷуҳи махсус медоданд. Гузаштагони мо хуб дарк менамуданд, ки арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ барои рушди ҷомеа ва таъмини саодати одамон нақши аввалиндараҷа доранд. Чунончи, Ибни Сино сифатҳои волои инсонро муайян мекунад, аз қабили ақлу басират, одоби ҳасана, ахлоқи карима, малакоти фозила. Ин сифатҳои зотии инсонӣ асоси зиндагии одамиятро ташкил медиҳанд ва аз ин рӯ, яъне бинобар доштани чунин фазилатҳо инсон зиндагии беҳтарин дорад.

Дар ин бора Ибни Сино менависад, ки «Зиндагии одамӣ ба сабаби ин мавзоё беҳтарин ва пурнеъматтарин зиндагонӣ шуда ва кӯшишу саъяш дар саҳнаи зиндагӣ бар тибқи ақлу басират, ки мояи нерӯмандӣ ва тавоноӣ аст сурат гирифта, бо одоби ҳасана ва ахлоқи карима ва малакоти фозила, ки мӯҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебу зинати одамӣ аст, мувофиқу мунтабиқ гардидааст» [10, с. 270].

Ҳимояи арзишҳои фарҳангии шуури ҳуқуқӣ дар ҳаёти имрӯза аҳаммияти аввалиндараҷа дорад ва ба тарбияву таълими ҳуқуқшиносон тавассути маҷмуи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, технологияҳои иттилоотии телекоммуникатсионӣ барои таъсиррасонии муташаккилона ба шуур, ирода ва рафтори одамон истифода мешаванд. Технологияҳои мазкур дар ҷомеаи муосир бо мақсади тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ, паҳн намудани иттилои яктарафа ва ғаразнок, ғояҳои ба фарҳанги мо бегона, халалдор намудани арзишҳои миллӣ истифода мешаванд. Дурнамои рушди маърифатнокии ҳуқуқӣ, ки заминаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад, аз як тараф «аз самаранокии иттилоотонии ҳуқуқии ҷомеа, татбиқи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-комммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ вобастагӣ дорад» [12, с. 23]. Аз тарафи дигар, маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи маърифат (маърифати ахлоқӣ-маънавӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, тиббӣ, экологӣ ва ғ.) ва фарҳанги ҷомеа буда, анъанаҳои таърихӣ, дастовардҳои беҳамтои фарҳанги миллӣ, арзишҳои фарҳанги миллиро инъикос мекунад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Бекиров, С.Н. Правовая действительность воспитания молодежи в условиях цифровизации / С.Н. Бекиров // Проблемы современного педагогического образования. – 2023. – № 78 - 2. – С. 36-39.
2. Дроздова, А.М. Значение правосознания для качественного образования в условиях цифровизации российского общества / А.М. Дроздова // Юридический вестник ДГУ. – 2021. – Т. 39. – № 3. – С. 27-34.
3. Керимов, Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права / Д.А. Керимов. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2019. – 524 с.
4. Николаев, М.В. Использование возможностей информационных технологий в гражданском воспитании личности / М.В. Николаев // Вестник Майкопского государственного технологического университета. – 2021. – Том 13. – № 2. – С. 78-85.
5. Осипов, Р.А. Влияние процесса актуализации законодательства на правовую культуру российских граждан / Р.А. осипов // Юридическая техника. – 2023. – № 17. – С. 337-340.
6. Сальников, В.П., Брылева, Е.А.. Галиев, Ф.Х. Воспитание подрастающего поколения в условиях дистанционного образования и цифровизации: новые концептуальные подходы правового государства / В.П. Сальников, Е.А. Брылева, Ф.Х. Галиев // Правовое государство: теория и практика. – 2020. – № 4 (62). – Часть 2. – С. 186-198.

7. Самородов, В.Ю. Цифровизация в современной культуре правотворчества: тренд на обновление и позитивная тенденция правовой жизни / В.Ю. Самородов // Актуальные проблемы государства и права. – 2020. – Том 4. – № 14. – С. 165-179.
8. Синюков, В.Н. Цифровое право и проблемы этапной трансформации российской правовой системы / В.Н. Синюков // Lex Russica (Русский закон). – 2019. – № 9 (154). – С. 9-18.
9. Сироткин, А.А. К волпросу о влиянии цифровизации на состояние правовой культуры российского общества / А.А. Сироткин // Евразийская адвокатура. – 2023. – № 2 (61). – С. 119-124.
10. Сотиволдиев, Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 678 с.
11. Суменков, С.Ю., Осипов, Р.А. Правовое просвещение в условиях цифровизации общественных отношений / С.Ю. Суменков, Р.А. Осипов // Правовая политика и правовая жизнь. – 2024. – № 4. – С. 267-277.
12. Шарофзода, Р.Ш. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ: таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ / Р.Ш. Шарофзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – № 1 (45). – С. 5-23.
13. Шарофзода, Р.Ш., Сафарбекзода, Ҳ.С. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – 2024. – № 3 (3). – С. 117-125.

## References

1. Bekirov, S.N. Legal reality of youth education in the context of digitalization / S.N. Bekirov // Problems of modern pedagogical education. – 2023. – No. 78-2. – Pp. 36-39.
2. Drozdova, A.M. The importance of legal consciousness for quality education in the context of digitalization of Russian society / A.M. Drozdova // Legal Bulletin of DSU. – 2021. – Vol. 39. – No. 3. – Pp. 27-34.
3. Kerimov, D.A. Methodology of law: Subject, functions, problems of the philosophy of law / D.A. Kerimov. – M.: Norma: INFRA-M, 2019. – 524 p.
4. Nikolaev, M.V. Using the possibilities of information technology in the civic education of the individual / M.V. Nikolaev // Bulletin of the Maykop State Technological University. – 2021. – Vol. 13. – No. 2. – Pp. 78-85.
5. Osipov, R.A. The influence of the process of updating legislation on the legal culture of Russian citizens / R.A. Osipov // Legal technology. – 2023. – No. 17. – Pp. 337-340.
6. Salnikov, V.P., Bryleva, E.A., Galiev, F.Kh. Upbringing of the younger generation in the context of distance education and digitalization: new conceptual approaches to the rule of law / V.P. Salnikov, E.A. Bryleva, F.Kh. Galiev // Rule of law: theory and practice. – 2020. – No. 4 (62). – Part 2. – Pp. 186-198.
7. Samorodov, V.Yu. Digitalization in the modern culture of lawmaking: a trend towards renewal and a positive tendency of legal life / V.Yu. Samorodov // Actual problems of the state and law. – 2020. – Vol. 4. – No. 14. – Pp. 165-179.
8. Sinyukov, V.N. Digital law and problems of the stage-by-stage transformation of the Russian legal system / V.N. Sinyukov // Lex Russica (Russian law). – 2019. – No. 9 (154). – Pp. 9-18.
9. Sirotkin, A.A. On the issue of the impact of digitalization on the state of the legal culture of Russian society / A.A. Sirotkin // Eurasian Advocacy. – 2023. – No. 2 (61). – Pp. 119-124.
10. Sotivoldiev, R.Sh. History of political and legal thought / R.Sh. Sotivoldiev. – Dushanbe: Er-graf, 2011. – 678 p.
11. Sumenkov, S.Yu., Osipov, R.A. Legal education in the context of digitalization of public relations / S.Yu. Sumenkov, R.A. Osipov // Legal policy and legal life. – 2024. – No. 4. – Pp. 267-277.
12. Sharofzoda, R.Sh. Ways to increase the level of legal education: the experience of Tajikistan and the CIS member states / R.Sh. Sharofzoda // Legal Life. – 2024. – No. 1 (45). – Pp. 5-23.
13. Sharofzoda, R.Sh., Safarbekzoda, H.S. Prospects for the development of legal policy in connection with the digitalization of legal activity // Furugi ilm (International Scientific Journal). – 2024. – No. 3 (3). – Pp. 117-125.

**ТДУ 343.985.7:340.622:343.623**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАФТИШОТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАНИ НОБОЛИҒОН БО ИСТИФОДА АЗ ИНТЕРНЕТ

# ОСОБЕННОСТИ РАССЛЕДОВАНИЯ ДОВЕДЕНИЯ ДО САМОУБИЙСТВА НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНЕГО С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНТЕРНЕТА

# PECULIARITIES OF THE INVESTIGATION OF INCITEMENT TO SUICIDE OF A MINOR USING THE INTERNET

ЯМОҚОВА З.Д.
YAMOKOVA Z.D.
*Профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Профессор кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук*
*Professor, Candidate of Legal Sciences*



E-mail: reefat@yandex.ru

ҲАБИБЗОДА Н.Х.
HABIBZODA N.H.
*Ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета*
Assistant *of the Department of Criminalistics and Forensic Science, Faculty of Law, Tajik National University*



E-mail: reefat@yandex.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ).
*Научная специальность:* 12.00.12 – криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность (5.1.4. Уголовно–правовые науки).
*Scientific specialty:* 12.00.12 – criminalistics, forensic activities, operational investigative activities (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда:* РАҲМАДҶОНЗОДА Р.Р. – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия.
*Рецензент:* РАХМАДЖОНЗОДА Р.Р. – заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент, полковник милиции.
*Reviewer:* RAHMADJONZODA R.R. - Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Law, associate professor, colonel of militia.

*Аннотатсия:* Дар солҳои охир Интернет на танҳо воситаи муҳими муносибатҳо гардид, балки макone аст, ки ноболиғон бо таҳдидҳо ва манипулятсияҳо рӯбарӯ мешаванд. Яке аз хатарноктарин падидаҳо шомил шудан ба «гурӯҳҳои марг» мебошад, ки метавонад ба

натиҷаҳои фоҷиавӣ, аз ҷумла худкушӣ оварда расонад. Дар мақола хусусиятҳои таҳқиқи ҷиноятҳо, ки бо овардани ноболиғон ба худкушӣ тавассути интернет алоқаманданд, баррасӣ мешавад ва нақши таҳқиқоти психологӣ-ҳуқуқӣ дар чунин ҳолатҳо ёдоварӣ мегардад. Муҳиммияти шиносоии саривақтии нишонаҳои мавҷудияти тафаккури худкушӣ дар наврасон ва иштироки фаъолонаи волидон ва омӯзгорон дар пешгирии чунин ҷиноятҳо таъкид мешавад.

*Вожаҳои калидӣ*: Интернет, худкушӣ, наврасон, гурӯҳҳои марговар, манипулятсияи психо-эмотсионалӣ, экспертизаи психологӣ-ҳуқуқӣ, пешгирии тафаккури худкушӣ, ҷиноятҳои интернетӣ, саломатии равонӣ.

*Аннотация:* В последние годы Интернет стал не только важным средством общения, но и местом, где несовершеннолетние сталкиваются с угрозами и манипуляциями. Одним из самых опасных явлений является вступление в «группы смерти», что может привести к трагическим последствиям, вплоть до самоубийства. В статье рассматриваются особенности расследования преступлений, связанных с доведением до самоубийства несовершеннолетних через сети Интернет, а также роль психологических и криминалистических экспертиз в таких делах. Подчеркивается важность раннего выявления признаков суицидальных настроений у подростков и активного участия родителей и педагогов в профилактике подобных преступлений.

*Ключевые слова:* Интернет, суицид, подростки, группы смерти, психолого-эмоциональная манипуляция, судебно-психологическая экспертиза, профилактика суицидальных настроений, преступления в интернете, психическое здоровье.

*Annotation*: In recent years, the Internet has become not only an important means of communication, but also a place where minors face threats and manipulation. One of the most dangerous phenomena is joining "death groups", which can lead to tragic consequences, including suicide. The article examines the specifics of investigating crimes related to driving minors to suicide via the Internet, as well as the role of psychological and forensic examinations in such cases. The importance of early detection of signs of suicidal tendencies in adolescents and the active participation of parents and teachers in the prevention of such crimes is emphasized.

*Key words*: internet, suicide, teenagers, death groups, psychological and emotional manipulation, forensic psychological examination, prevention of suicidal tendencies, crimes on the internet, mental health.

Дар солҳои охир, рушди босуръати технология, бахусус Интернет, усулҳои ҷустуҷӯ ва мубодилаи иттилоотро ба куллӣ тағир дод. Интернет на танҳо як воситаи муошират, балки ба як падидаи муҳимми фарҳангӣ табдил ёфтааст, ки ҷузъи раванди эволютсионии васеътар аст [1]. Барои бисёр одамон Интернет ба як узви нави оила ё дӯсти наздик табдил ёфтааст, ки бидуни онҳо ҳаёти ҳаррӯзаро тасаввур кардан душвор аст [2, с. 21-28].

Дар кишвари мо пешрафти технологӣ ва поин рафтани нархи провайдерҳои хизматрасонии интернет боиси он гардид, ки оилаҳо ба интернет пайваст шаванд. Ин махсусан дар мавриде муҳим аст, ки дар оила кӯдакон вуҷуд дошта бошанд, зеро дастрасии интернет бо сабаби паҳн шудани таҳсилоти электронӣ (таҳсили фосилавӣ, курсҳои онлайн ва ғайра) ва низомҳои мониторинги фаъолияти таълимӣ, аз қабили «рӯзномаҳои электронӣ» ба талаботи зарурӣ табдил меёбад.

Бо вуҷуди ин, бо афзоиши дастрасии Интернет, волидон бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Мутаассифона, бисёриҳо хатарҳои марбут ба дастрасии номаҳдуди ноболиғон ба шабакаро нодида мегиранд. Таҳлили сарчашмаҳои гуногуни Интернет нишон медиҳад, ки хатари чунин ҷиноятҳо дар он аст, ки ба кӯдакон бо истифода аз тактикаи бодиққат андешидашудаи психоэмоционалӣ. Супоришҳое, ки кураторҳо дар Интернет ё дар бозӣ ба иштирокчиёни худ пешниҳод мекарданд, аксар вақт бевақтии шаб иҷро мешуданд, ки боиси хастагии музмин аз

набудани хоб ва коҳиши функсияҳои маърифатӣ ва ихтиёрӣ мешаванд. Ин ба наврасон имкон намедиҳад, ки воқеаҳои дар атрофи онҳо рӯйдода ба таври кофӣ дарк кунанд.

Боре дар чунин гурӯҳ наврасе, ки ба бозӣ шурӯъ кард, ба вобастагии равонӣ - як навъ дом афтод, ки марг ҳамчун роҳи пешгирӣ аз мушкилоти душвори зиндагӣ муаррифӣ мешуд ва арзишҳои ҳақиқӣ, аз қабили оила, дӯстон, маориф ва фарҳанг аҳаммияти худро гум кардаанд. Тадқиқоте, ки олимони таҳқиқи чунин парвандаҳои ҷиноӣ анҷом доданд, нишон дод, ки даст кашидан аз иҷрои супоришҳои кураторҳо боиси хориҷ шудан аз гурӯҳ шудааст. Дар айни замон, наврасон, ки ба ҳадди аксарият ҷавонӣ роҳнамоӣ карда, аксар вақт рейтинги худро дар гурӯҳ хеле қадр мекарданд, ки онҳо иҷрои ҳама вазифаҳо, аз ҷумла, вазифаҳоеро, ки ба оқибатҳои фоҷиавӣ оварда буданд, идома медоданд.

Воқеан, масъалаҳои пешгирии майли худкушӣ дар байни наврасон ва ҳифзи онҳо аз таъсири гурӯҳҳои манфии интернет хеле муҳим аст. Фаҳмидани хусусиятҳои психологии ҳам ҷинояткорони эҳтимолӣ ва ҳам қурбонии онҳо ба мо имкон медиҳад, ки бо ин мушкилот самаранoктар мубориза барем.

Кураторон ва маъмурони чунин гурӯҳҳо метавонанд бо истифода аз осебпазирӣ, мушкилоти муошират, ҷустуҷӯи шахсият ва майлҳои худкушӣ ҳолати психоэмоционалии наврасонро идора кунанд. Ин ба хусусиятҳои хосси инкишофи психологии наврасон, аз қабили ҳассосияти баланд, тобоварӣ ба таъсири беруна ва қобилияти нокифояи аз нигоҳи интиқодӣ қабул кардани иттилоот вобаста аст. Дар пешгирии ҳодисаҳои фоҷеа волидон ва омӯзгорон нақши ҳалкунанда доранд. Онҳо бояд ба рафтори наврасон бодиккат бошанд, тағйироти кайфият, рафтор, муносибат ва муносибат бо дигаронро мушоҳида кунанд. Дастгирии эмотсионалӣ, муносибатҳои боваринок ва қобилияти муҳокимаи ошкорои мушкилот муҳиманд.

Илова бар ин, кор бо равоншиносон, омӯзгорон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба мубориза бар зидди таҳқир ва пешгирии фикрҳои худкушӣ нигаронида шудааст, метавонад як ҷузъи муҳими системаи ҳифзи наврасон гардад.

Ба тарбия ва омӯзонидани волидон ва омӯзгорон оид ба масъалаҳои солимии равонӣ ва барвақт ошкор намудани аломатҳои майли худкушӣ диққати махсус бояд дод. Ба гуфтаи Василев А.Н. содир намудани ҷиноят ҷараёни мураккабест, ки якчанд марҳилаи фаъолияти равонии субъектро дар бар гирифта, тадриҷан нияти у ва иҷрои воқеии кирдори ҷиноятиро ташкил медихад [3, с. 24-29]. Ҳамин тавр, рафтори ҷиноятӣ ҳамчун раванд на танҳо амалҳои мустақиме, ки муҳити берунаро тағйир медиҳанд, балки зуҳуроти равонии пештараро низ фаро мегирад, ки пайдоиши кирдори ҷиноятиро муайян мекунанд.

Дар марҳилаи аввал наврас ба бозӣе ҷалб карда мешавад, ки барои ӯ ҷолиб аст ва безарар менамояд. Дар марҳалаҳои баъдӣ ба ӯ фишори равонӣ расонида мешавад, ки дар натиҷа ӯ худро ба кураторҳои «гурӯҳҳои марг» сахт вобаста мекунад, ки бо истифода аз равони ӯ воқеан ӯро ба худкушӣ тела медиҳанд.

Ҳангоми омӯзиши шахсияти маъмурон ва кураторҳое, ки наврасонро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба худкушӣ моил мекунанд, маълум мешавад, ки онҳо аломатҳои мутобиқшавии сусти иҷтимоӣ доранд. Дар гузашта ё ҳозир онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ҳангоми муошират бо қурбониён ин афрод аксар вақт арзишҳои суннатии инсониро масхара карда, ба онҳо талқин мекунанд, ки ягона роҳи раҳоӣ аз вазъияти душвори зиндагӣ марг аст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи психологӣ ва криминалистии шахсияти ин гуна ҷинояткорон ба мо имкон медиҳад, ки ба хулосае ояд, ки онҳо бо сатҳи хеле баландтари изтироб ва худбоварӣ, импульсивӣ ва хашмгинӣ, инчунин бегонагӣ аз арзишҳои мусбати иҷтимоӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ тавсиф мешаванд. Ин хислатҳои шахсият бо афзоиши ҳассосият ва таҳаммулнопазирӣ дар

муносибатҳои байнишахсӣ муттаҳид мешаванд, ки ба майли онҳо ба истифодаи зӯроварӣ дар ҳолатҳои муноқиша мусоидат мекунад [3, с. 24-29].

Назарияи психологию иҷтимоӣ аксар вақт таъкид мекунад, ки чунин шахсон метавонанд сатҳи пасти иҷтимоӣ дошта бошанд, ки мутобиқати нокифоя ба меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоӣ дорад. Ин метавонад аз шароити номусоиди тарбия, аз қабили оилаи номусоид, бадрафторӣ ё беэътиноии кӯдакӣ ва мушкилот дар мактаб бошад [8, с. 232-238].

Соҳаи ҳавасмандии ҷинояткори зӯровар одатан эгоцентризм ва афзоиши хашмгиниро дар бар мегирад, ки дар зарурати қонеъ кардани хоҳиш ва ниёзҳои худ, бидуни ба назар гирифтани манфиатҳои дигарон зоҳир мешавад. Он инчунин бо набудани ҳамдардӣ ва худтанқид алоқаманд аст, ки ба сафед кардани зӯроварӣ ва нодида гирифтани оқибатҳои қурбониён мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки ангезаи ҷинояткори зӯровар метавонад вобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ, аз қабили психопатология, ихтилоли шахсият ё дигар омилҳо фарқ кунад. Бо вуҷуди ин, аксари ин гуна одамон шаклҳои доимии манфии рафтор ва тафаккурро нишон медиҳанд, ки ҳамгироӣ ба ҷомеаро мушкил мекунанд.

Тавре Ситковская Д. ва Конишева Л. таъкид мекунанд, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷараёни таҳқиқи шахсияти ҷинояткор дар баъзе ҳолатҳо ба дониши психологии худ такя карда, дар мавридҳои дигар маҷбур мешавад, ки ба ёрии равоншиноси касбӣ, ба мисли мушовир, мутахассис ё коршинос муроҷиат намояд [5, с. 33].

Дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба худкушӣ як ҷанбаи муҳимми муайян намудани хусусиятҳои равонии шахсияти ҷабрдида, ки қасди худкушӣ ё қасди худкушӣ, инчунин дар иштирок дар «бозиҳои марг» ҷалб шудааст, мебошад. Дар баробари ин, ҳалли ин масъала бе ҷалб намудани мутахассисони соҳаи психология ғайриимкон аст. Объекти тадқиқот одатан шахси зинда мебошад, вале дар ҳолати марги ӯ дар асоси маводи парвандаи ҷиноятӣ, аз қабили баёноти шоҳидон, мактубҳо, рӯзномаҳо, ёддоштҳо, инчунин маълумоте, ки аз компютерҳои фардии барои дастрасӣ ба Интернет истифодашуда, аз ҷумла маълумот дар бораи робитаҳои ҳам ҷинояткор ва ҳам худкушии эҳтимолӣ гирифта шудааст, ташхиси судии равоншиносӣ гузаронида мешавад.

Экспертизаи психологии судӣ барои ҳалли масъалаҳои мухталифи марбут ба ҳолати равонии шахс истифода мешавад ва онро ҳангоми мурофиа таъин кардан мумкин аст. Инҳоянд баъзе аз мушкилоте, ки дар экспертизаи судии равоншиносӣ ҳал карда мешаванд:

Муайян кардани он, ки оё шахс аз кирдорҳои худ огоҳ буд ва дар вақти содир кардани ҷиноят метавонад онҳоро назорат кунад. Ин кӯмак мекунад, ки оё шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Қобилияти шахс барои додани шаҳодати боэътимод, масалан, дар мавриди ноболиғон ё одамони гирифтори бемории рӯҳӣ санҷида мешавад.

Таҳлили ҳолати рӯҳии шахс ва қобилияти онҳо барои ҷамъият хавфнокро дар бар мегирад (масалан, дар ҳолатҳое, ки шахс дар зери таъсири бемории рӯҳӣ ҷиноят содир кардааст). Баҳодиҳии ҳолати эмотсионалӣ ва рӯҳии шахс ҳангоми содир шудани ҷиноят, оё ин метавонад ба таснифи кирдор таъсир расонад. Муайян кардани хислатҳои психологии шахсе, ки метавонад барои парванда алоқаманд бошад (масалан, мавҷудияти бемории рӯҳӣ, хислатҳои хислат ё ҳолатҳои осебпазир). Баъзан муайян кардани сатҳи зеҳнии шахс зарур аст, ки агар ин ба парванда дахл дошта бошад, масалан, дар масъалаҳои қобилияти фаҳмидани рафтори онҳо. Экспертизаи психологии судӣ воситаи муҳими муқаррар кардани адолат дар мурофиаҳои судӣ мебошад, ки дар он ҳолати равонии тарафҳои иштироккунанда бояд ба инобат гирифта шавад.

Бо ҳолати эмотсионалӣ ва маҳрумияти рӯҳӣ ҳамчун омилҳое, ки метавонанд ба худкушӣ мусоидат кунанд, махсусан дар байни наврасоне, ки ба истилоҳ "гурӯҳҳои маргбахш" шомил ҳастанд. Фаҳмидани он муҳим аст, ки дар

чунин ҳолатҳо ҷинояткорон ё манипуляторҳо на ҳамеша ба қурбонии ҷисмонӣ таъсири манфӣ мерасонанд, балки фишори равониро истифода бурда, ба ҳолати дохилии шахс таъсир мерасонанд.

Маҳрумияти рӯҳӣ ин ҳолатест, ки дар он шахс коҳиши дарозмуддати заминаи эмотсионалӣ дорад, ки метавонад бо омилҳои гуногун ба вуҷуд ояд: ҷудоии иҷтимоӣ, набудани дастгирӣ, осеби эҳсосӣ ё зӯроварии равонӣ. Дар контексти "гурӯҳҳои марг" чунин шароитҳоро метавон тавассути манипулятсия ва рафтори манипулятивии иштирокчиён, ки аксар вақт чунин усулҳои таъсиррасониро истифода мебаранд, афзоиш дод: Ба наврас гуфта мешавад, ки зиндагиаш маъно надорад ва ягона роҳи халосӣ худкушӣ аст. Идеяи «хуруҷ» аз ҷаҳони дард тавассути марг аксар вақт истифода мешавад.

Дар баъзе гурӯҳҳо наврасон ба худкушӣ ҳамчун роҳи "озодӣ" қабул карда, маргро ҳамчун роҳи раҳоӣ аз ранҷу азоб истифода мебаранд.

Таъсири беруна метавонад чунон қавӣ бошад, ки наврас аз муҳити иҷтимоӣ ва дастгирии оила ё дӯстонаш дур мешавад. Ин ҳолати эмотсионалии ӯро бадтар мекунад ва ӯро ба манипуляция осебпазир мекунад.

Ба иштирокчиёни «гурӯҳҳои марг» аксар вақт вазифаҳое дода мешаванд, ки афсурдагӣ ва эҳсоси ноумедии онҳоро тадриҷан зиёд мекунанд. Ҳар як вазифа шиддати эҳсосиро ҷамъ мекунад, ки дар ниҳоят метавонад ба тасмими худкушӣ оварда расонад.

Экспертизаи психологии судӣ дар чунин ҳолатҳо метавонад арзёбии ҳолати маҳрумият аз рӯҳияи ҷабрдида, санҷиши омилҳое, ки ба тасмими худкушӣ таъсир расонида метавонистанд, инчунин нақши таъсироти беруна (масалан, фишори гурӯҳӣ ё манипулятсия) иборат бошад.

Муҳим он аст, ки чунин муоинаҳо метавонанд робитаи сабабу оқибати байни фишори равонӣ ва қарори худкушӣ дошта бошанд, ки дар навбати худ барои муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятии шахсоне, ки барои таъсир расонидан ба ҷабрдида аз усулҳои манипулятсионӣ истифода кардаанд, муҳим аст.

Мутаассифона, ин гуна ҷиноятҳо аксар вақт табиати пинҳон доранд ва худи факти худкуширо бидуни ба инобат гирифтани омилҳои васеътари равонӣ ва иҷтимоие, ки боиси фоҷиа гардидаанд, ҳамчун фоҷиаи шахсӣ қабул кардан мумкин аст.

Дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба худкушӣ водор намудани наврасон, муқаррар намудани робитаи сабабу натиҷа байни кирдори ҷинояткорон ва натиҷаҳои амали онҳо аҳаммияти калон дорад. Далелҳое, ки дар рафти корҳои тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд, маълумот дар бораи ҳамкории муштариён ва дастгоҳҳои муштарии гуногун тавассути шабакаи воситаҳои алоқаи қонунӣ амалкунандаро дар бар мегирад.

Хусусиятҳои тафтиши парвандаҳои ҷиноӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар гузаронидани кофтуков, ки яке аз маъмултарин амалҳои тафтишотӣ мебошад, зоҳир мегардад. Тавсияҳои амалӣ оид ба таҳия, татбиқ ва ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои ҷустуҷӯ аз ҷониби Пропастин С.В. пешниҳод карда шуд [6, с.46-48]. Дар ҳолатҳои мазкур як қадами воқеан муҳим, яъне таъсис додани ҳуҷҷатҳое мебошад, ки мавҷудияти объектҳои ҷустуҷӯшавандаро дар макони ҷустуҷӯ тасдиқ мекунанд. Мақсади асосии чунин чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ муайян намудани далелҳои тасдиқкунандаи робитаи гумонбаршуда бо ҷой ё объекти мушаххас мебошад. Масалан, шаҳодатномаи провайдер, ки пайвастшавӣ ба сервери авторизатсия тавассути модеми рақами телефонро нишон медиҳад, метавонад далели он бошад, ки таҷҳизот ё дастгоҳ дар ҷои истиқомати гумонбаршуда буд.

Чунин амалҳо метавонанд як қисми стратегияи калони тафтишотӣ бошанд, ки ба муайян кардани робитаи байни гумонбаршуда ва макони кофтуков нигаронида шудаанд. Муҳим он аст, ки чунин ҳуҷҷатҳо, аз қабили шаҳодатномаҳо, ҳисоботҳо ё дигар далелҳо эътибори ҳуқуқӣ дошта бошанд ва дар суд ҳамчун далел истифода шаванд. Илова бар ин, барои тасдиқи ин маълумот муфаттиш метавонад аз

дигар ташкилотҳо, аз қабили операторони мобилӣ ё провайдерҳои интернет маълумот талаб кунад, ки барои мушаххас кардани макон ва вақти истифодаи дастгоҳ, инчунин тасдиқ ё рад кардани версияи гумонбаршуда мусоидат мекунад.

Дар ин марҳалаи ҷустуҷӯи гурӯҳи ҷиноятии мавриди назар ҳадаф муайян ва мусодираи воситаҳои ҷиноят, аз қабили компютерҳои фардӣ, ки барои дастрасӣ ба Интернет истифода мешаванд, васоити электронии нигаҳдории дорои маълумот дар бораи пайвастҳои шабакавии ҷинояткор мебошад. Одатан инҳо мусодира карда мешаванд: блоки системаи компютери фардӣ бо диски сахт, дискҳои оптикӣ, ноутбукҳо, телефонҳои мобилӣ, корти хотира ва дигар дастгоҳҳо. Азбаски ҷиноятҳои интернетӣ гардиши иттилооти компютериро дар бар мегирад, ки ҷинояткор метавонад ба осонӣ нобуд ё тағир диҳад, ҷустуҷӯ бояд ногаҳон ва бо ҳолати таъҷилии баланд анҷом дода шавад. Асос барои гузаронидани кофтуков метавонад дар сурати ба амал омадани холатхои истисноие, ки чораи фавриро тақозо мекунад, ба миён ояд.

Волидон аз хурдӣ ба фарзандонашон таълим медиҳанд, ки дарро ба рӯи бегонагон накушоянд, аммо ба таҳдидҳое, ки ҷаҳони маҷозӣ эҷод мекунад, хеле кам аҳамият медиҳанд. Наврасон махсусан осебпазиранд, бо омодагӣ таҷрибаи шахсии худро бо одамони бегона мубодила мекунанд, рақамҳои телефон ва суроғаи хонаашонро ошкор мекунанд. Ин метавонад боиси қурбонии ҷиноятcorrection гардад, ки ҳадафашон онҳоро ба худкушӣ бурдан аст.

Сабабҳои пайдоиши "гурӯҳҳои марг" ҳанӯз кам фаҳмида мешаванд, зеро ин мушкилот нисбатан ба наздикӣ ба миён омадааст, аммо, он босуръат паҳн мешавад. Ин масъалаи муҳимми амнияти интернетро ба миён меорад, бахусус дар байни наврасон, ки метавонанд аз сабаби эътимоднокии худ осебпазир бошанд. Одатан волидайн дар ҳаёти воқеӣ ба кӯдакон чораҳои эҳтиётии анъанавиро меомӯзонанд, аммо дар муҳити маҷозӣ ин таҳдид аксар вақт нодида гирифта мешавад. Проблемаи «гурӯҳҳои марг» фаъолона ҷалб намудани наврасон ба фаъолиятҳои хатарнок ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, ки ин бештарро талаб мекунад.

Кӯдаке, ки вақти зиёд дар назди компютер, бахусус шабона, боиси нигаронии равоншиносони кӯдакон шуда, боиси нигаронии волидон мегардад. Муҳим аст, ки алоқаро бо кӯдак, махсусан дар давраи наврасӣ аз даст надиҳед. Наврас бояд дарк кунад, ки метавонад ба волидон ё наздикони худ барои дастгирии худ муроҷиат кунад ва дар муошират бо одамони бегона дар интернет роҳи ҳалли мушкилоташро ҷустуҷӯ накунад. Дар замони шӯравӣ кӯдакон дар ташкилотҳои пионерӣ ва комсомолӣ фаъолона ширкат меварзиданд, ба маҳфилҳо ва сексияҳои эҷодии варзиш мерафтанд, ки ба ташаккули идеалҳои тарзи ҳаёти солим, муҳаббат ба Ватан ва мутобиқшавии ҷомеа мусоидат мекарданд. Онҳо аз хурдсолӣ барои кишвар аҳаммияти худро дарк намуда, аз он ифтихор ва ба фардо дилпур буданд.

Аҳаммияти тарбияи наврасон дар ҷаҳони воқеӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои боэътимод бо волидон ва ташаккули ҳисси тааллуқ ва масъулият дар кӯдакон ҷалб карда шудааст. Муҳим аст, ки на танҳо бо кӯдакон аз ҷиҳати ҷисмонӣ машғул шавед, балки инчунин нигоҳ доштани робитаи эмотсионалӣ, то онҳо тавонанд таҷрибаи худро мубодила кунанд. Дар гузашта дар ташаккули шуури миллӣ, боварӣ ба фардо, хисси ифтихор аз мамлакати худ, ташкилотхои пионерӣ ва комсомолӣ барин системам социалистӣ роли калон бозид.

Дар давраи компютеризатсияи васеъ ва аз нав дида баромадани арзишҳои зиёд, бисёре аз кӯдакон вақти зиёдеро дар шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо, аксар вақт бидуни назорати калонсолон мегузаронанд. Барои пешгирии оқибатҳои эҳтимолии фоҷиавӣ, калонсолон бояд махсусан бодиққат бошанд, ҳама гуна тағиротро дар рафтори кӯдак, аз ҷумла тағироти ногаҳонӣ дар доираи иҷтимоии ӯ мушоҳида кунанд.

Хулоса метавон гуфт, ки тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба худкушии наврасон ё ҷалби онҳо ба фаъолияти

ғайриқонунӣ донистани хусусиятҳои равонии ҳам омилони ҷиноят ва ҳам қурбониёни ин ҷиноятҳоро талаб мекунад. Барои кӯдак хеле муҳим аст, ки муҳаббат ва дастгирии оилаи худро ҳис кунад, калонсолон мушкилоти ӯро дар мактаб ва кӯча бо ӯ муҳокима кунанд, роҳҳои ҳалли якҷояи вазъиятҳои душвори ҳаётро ҷустуҷӯ кунанд ва таҷрибаи шахсии худро мубодила кунанд.

Муҳиммияти назорати калонсолон ва таваҷҷӯҳ ба ҳаёти кӯдакон, бахусус дар шароити истифодаи пуршиддати Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Муҳим аст, ки на танҳо ба тағйирот дар рафтор бодиққат, балки инчунин бо кӯдакон муколамаи ошкоро дошта будан, то онҳо мушкилоти худро мубодила кунанд. Дастгирии равонӣ ва ҷалби оила дар пешгирии ҳолатҳои фоҷиавӣ, аз қабили амалҳои худкушӣ ё даст доштан дар фаъолияти ҷиноӣ нақши калидӣ доранд.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда вобаста ба хусусиятҳои мубориза бо ҷиноятҳое, ки ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба худкушӣ расонидани ноболиғон алоқамананданд, як қатор хулосаҳо баровардан мумкин аст. Пешрафти технологӣ, бахусус рушди Интернет, равандҳои муоширатро ба таври назаррас тағйир дода, иттилоотро дастрастар ва ҳамзамон хатари таъсиррасониро ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла ноболиғон афзоиш дод. Наврасоне, ки бо мушкилоти равонӣ, аз қабили мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоӣ ё ҷустуҷӯи шахсият дучор мешаванд, махсусан ба сӯиистифода аз ҷониби ҷинояткорон дар Интернет дучор мешаванд. Истифодаи тактикаи психоэмотсионалӣ, ки ба саркӯб кардани арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст, боиси иштироки наврасон дар "гурӯҳҳои маргбахш" мегардад, ки метавонад ба оқибатҳои фоҷиавӣ оварда расонад.

Муҳиммтарин унсури пешгирии чунин ҷиноятҳо иштироки фаъолонаи калонсолон дар ҳаёти наврасон мебошад. Волидайн ва омӯзгорон бояд ба тағирёбии рафтор ва рӯҳияи кӯдакон диққати бештар дода, дастгирии эмотсионалӣ расонанд ва барои муоширати ошкоро шароит фароҳам оранд. Ин барои пешгирии шомил шудани наврасон ба гурӯҳҳои хатарнок ва майли худкушӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми тафтиши парвандаҳои марбут ба даст ба худкушӣ задани наврасон тавассути Интернет, ба назар гирифтани ҷанбаҳои равонии ҳам ҷинояткор ва ҳам ҷабрдида муҳим аст. Экспертизаи психологии судӣ дар муқаррар намудани робитаи сабабу оқибати байни таъсири ҷиноятткорон ва қарори худкушӣ накши асосиро мебозад. Ин имкон медихад, ки кирдорхои чинояткорон дурусттар тасниф карда, ба чавобгарии чиноятӣ кашида шаванд.

Ҳангоми тафтиши ин гуна ҷиноятҳо бояд фишори равонӣ ва усулҳои манипулятсионӣ, ки ҷинояткорон истифода мебаранд, ба мисли эҷоди ҳисси ноумедӣ ва ҷудоии иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд [7, с. 229-233]. Ин як унсури муҳими экспертизаҳои судиву равонӣ мегардад, ки ба фаҳмидани омилҳое, ки ба оқибатҳои фоҷиавӣ овардаанд, нигаронида шудааст.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Артюшина, О.В. Новеллы УК РФ о противодействии деятельности, направленной на побуждение несовершеннолетних к суицидальному поведению / О.В. Артюшина // Вестник Казанского юридического института МВД России. 2017. № 3 (29) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n7novelly-uk- rf-o-protivodeystvii-deyatelnosti-napravlennoy-na-pobuzhdeme-(дата обращения: 04.03.2025).
2. Булычев, Е.Н., Ситдикова, А.Ф. О необходимости установления уголовной ответственности за пропаганду и популяризацию суицида среди несовершеннолетних / Е.Н. Булычев, А.Ф. Ситдикова // Экономика. Право. Менеджмент: современные проблемы и тенденции развития. – 2016. – № 11. – С. 21-28.
3. Галимов, Р.Р. К вопросу об уголовной ответственности за доведение до самоубийства / Р.Р. Галимов // Вестник ВЭГУ. – 2014. – № 2 (70). – С. 24-29.
4. Голик, Ю.В. Переформатирование мира как криминологическая проблема / Ю.В. Голик // Современные проблемы уголовной политики: материалы VI Международной научно-

практической конференции (г. Краснодар, 25 сентября 2015 г.). В 2-х томах. – Краснодар: Краснодарский университет МВД России, 2015. – Том 1. – С. 48-51.
5. Жестеров, П.В. Криминологические меры предупреждения преступлений против несовершеннолетних: проблемы реализации в России / П.В. Жестеров // Вестник С.-Петерб. юрид. акад. – 2017. – № 1 (34). – С. 32-39.
6. Крылова, Н.Е. «Группы смерти» и подростковый суицид: уголовно-правовые аспекты / Н.Е. Крылова // Уголовное право. – 2016. – № 4. – С. 46-48.
7. Ҳабибова, Б.Х. Ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан / Б.Х. Ҳабибова // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 4 (52). – С. 229-233.
8. Ямакова, З.Д. Хабибова, Б.Х. Освидетельствование / З.Д. Ямакова, Б.Х. Хабибова // Государствоведение и права человека. – 2021. – № 2 (22). – С. 232-238.

**References**

1. Artyushina, O.V. Novellas of the Criminal Code of the Russian Federation on counteracting activities aimed at inciting minors to suicidal behavior / O.V. Artyushina // Bulletin of the Kazan Law Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia. 2017. No. 3 (29) // [Electronic resource]. - Access mode: https://cyberleninka.ru/article/n7novelly-uk-rf-o-protivodeystvii-deyatelnosti-napravlennoy-na-pobuzhdeme- (date of access: 04.03.2025).
2. Bulychev, E.N., Sitdikova, A.F. On the need to establish criminal liability for the propaganda and popularization of suicide among minors / E.N. Bulychev, A.F. Sitdikova // Economy. Law. Management: modern problems and development trends. – 2016. – No. 11. – Pp. 21-28.
3. Galimov, R.R. On the issue of criminal liability for incitement to suicide / R.R. Galimov // Bulletin of VEGU. – 2014. – No. 2 (70). – P. 24-29.
4. Golik, Yu.V. Reformatting the world as a criminological problem / Yu.V. Golik // Modern problems of criminal policy: materials of the VI International scientific and practical conference (Krasnodar, September 25, 2015). In 2 volumes. – Krasnodar: Krasnodar University of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2015. – Vol. 1. – Pp. 48-51.
5. Zhesterov, P.V. Criminological measures to prevent crimes against minors: problems of implementation in Russia / P.V. Zhesterov // Bulletin of the St. Petersburg Legal Academy. – 2017. – No. 1 (34). – Pp. 32-39.
6. Krylova, N.E. “Death Groups” and Teenage Suicide: Criminal Law Aspects / N.E. Krylova // Criminal Law. – 2016. – No. 4. – Pp. 46-48.
7. Habibova, B.Kh. Organization and conducting of victim interview in cases of suicide / B.Kh. Habibova // Legislation. – 2023. – No. 4 (52). – Pp. 229-233.
8. Yamakova, Z.D. Khabibova, B.Kh. Examination / Z.D. Yamakova, B.Kh. Khabibova // Political science and human rights. – 2021. – No. 2 (22). – Pp. 232-238.

# МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН

## ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ
## TRIBUNE OF REVIEWERS

ТДУ 342 (575.3)

КАРИМЗОДА У.К.
KARIMZODA U.K.
*Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия*
*Начальник кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции*
*Head of the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Colonel of militia*



E-mail: muminov-u85@mail.ru

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024 – 192 саҳ.)**

## ОТЗЫВ

**ведущей организации на диссертацию Абдулахадзода Собирджона Абдулахад на тему «Избирательный процесс в Республике Таджикистан: конституционно-правовой исследование», представленной на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.02 – Конституционное право; конституционное судебное процессуальное право; правовое регулирование местной власти (Душанбе, 2024 – 192 с.)**

## REVIEW

**of the leading organization on the dissertation of Abdulakhadzoda Sobirjon Abdulakhad on the topic «Electoral process in the Republic of Tajikistan: constitutional and legal research», submitted for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.02 - Constitutional law; constitutional judicial procedural law; legal regulation of local government (Dushanbe, 2024 - 192 p.)**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ

бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Вазифаи сохтани давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва такмили фаъолияти мақомотҳои давлатӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлат мебошад. Татбиқи дигаргуниҳои куллӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, мукаммалии шаклҳо ва усулҳои таҳкими қонунияти ягонаро тавассути баланд бардоштани самаранокии такмили меъёрҳои конститутсионӣ талаб мекунад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуцтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории интихоботӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

Маълум аст, ки оид ба мафҳуми раванди интихоботӣ миёни олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ баҳсҳои зиёд мавҷуд аст ва таҳқиқоти амиқи худро талаб мекунанд, аз ҷумла, бо назардошти таҷрибаи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва манбаъҳои беруна. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва такмили қонунгузории интихоботӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

Нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои раванди интихоботӣ ва ошкор намудани паҳлуҳои норавшани ташаккули ин падида мебошад. Диссертант дар инкишофи давлат ва ҷомеа нақши раванди интихоботиро хеле арзишманд меҳисобад.

Бахши дигари муваффақияти диссертант ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани мафҳуми интихобот, раванди интихоботӣ ва маъракаи интихоботӣ мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки рушди босуботи низоми қонунгузории интихоботӣ ба таҳкими муносибатҳои интихоботӣ бетаъсир набуда, ба ҳалли як қатор мушкилию норасоиҳои масъалаҳои амалию назариявии интихобот оварда мерасонад.

Самти дигаре ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин муайян ва пешниҳод намудани усулҳои раванди интихоботӣ мебошад. Дар ин ҷараён махсус қайд менамояд, ки ташкилу баргузории интихобот на бо принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ, балки бо доираи усулҳои раванди интихоботӣ созгор мебошад. Аммо муаллиф дар раванди интихоботӣ нақши принсипҳои ҳуқуқи интихоботиро муҳим арзёбӣ намудааст. Тибқи арзёбии мазкур бе мавҷудияти принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ амалишавии усулҳои раванди интихоботӣ номаълум боқӣ мемонад. Аз мазмуни ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар ташкилу гузаронидани интихобот ҳам принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва усулҳои раванди интихоботӣ аҳаммиятнок мебошанд. Дар баробари ин таҳлилҳо ба таври мушаххас принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботиро таснифбандӣ намудааст.

Аз таҳлили диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» бармеояд, ки ҳам аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам аз нигоҳи амалияи ҳуқуқӣ мубрам мебошад.

Ҳамчунин, тазаккур бояд дод, масъалаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ нагирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода С.А. дар мавзуи болозикр бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон пажӯҳиши ҳамаҷониба шудааст. Муаллиф норасоиҳо, холигиҳо ва мушкилоти самти мазкурро муайян намуда, бобати созгор баргузор намудани интихобот андешаҳои асосноки илмиро таҳия ва пешниҳод кардааст. Бартарии бешубҳаи асар дар он аст, ки он дар заминаи назариявӣ ва амалӣ навишта шудааст, ки он махсусан ҳангоми таҳқиқи ин гуна мавзуҳо муҳим аст.

Нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сохтори таркибии он маҷмуи саволҳоро дар бар мегирад, ки барои ҳалли масъалаи мавриди омӯзиш зарур мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи ду боб ва ҳафт зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра муҳокима ва ошкор намояд.

Дар боби аввали диссертатсия масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ барассӣ шуда, дар он категорияҳо ба монанди интихобот, маъракаи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар доираи боби барассишаванда принсип ва усулҳои баргузории интихобот ва марҳилаҳои раванди интихоботӣ таҳқиқ гардида, дар заминаи он хулосаву пешниҳодҳои рисоланавис баён гардидаанд.

Дар доираи боби дуюм бошад масъалаҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертатсионӣ ба монанди мафҳуми субъектони раванди интихоботӣ ва шаҳрвандро дар раванди интихоботӣ бо сифатҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дар ташкилу гузаронидани интихобот нишон додааст. Дар доираи боби барассишаванда муҳаққиқ исбот намудааст, ки дар баргузории интихобот шаҳрванд-субъекти асосӣ буда, бе иштироки онҳо натиҷаҳои интихобот ғайриимкон мегардад. Субъект унсури асосии раванди интихоботӣ буда, марҳилаҳои раванди интихоботиро комил мегардонад, зеро асоси баргузорӣ ва таъмини иштироки шаҳрвандон дар маъракаи интихоботӣ маҳз субъектон ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба раванди интихоботӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба ташкилу баргузории интихоботи сатҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

Нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Абдулаҳадзода С.А. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории интихоботӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи парлумонӣ», «Ҳуқуқи интихоботӣ» ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, башорат аз навгонӣ ва

сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда назаррас мебошанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Хулоса ва пешниходҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории касбӣ, хусусан дар ташкилу гузаронидани интихобот истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи интихобот ва низоми интихоботӣ густариш медиҳад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Абдулаҳадзода С.А. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Муаллиф дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод намудааст, ки мафҳуми раванди интихобот дар қонунгузорӣ муайян карда шавад. Аммо, муайян нагардидааст, ки дар кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани он ба мақсад мувофиқ аст. Бинобар ҳамин, хуб мешуд, ки муаллиф санади меъёрии ҳуқуқиеро, ки дар он мафҳуми раванди интихоботӣ бояд муқаррар карда шавад, ба таври мушаххас муайян менамуд.

2. Муаллиф дар робита бо пешниҳоди номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ пешниҳод аз ҷониби интихобкунандагонро ҳамчун намуди алоҳидаи пешниҳоди номзадҳо муайян намудааст. Таҳлили масъалаи мазкур нишон медиҳад, муаллиф пешниҳод аз ҷониби интихобкунандагонро бо соҳибгардӣ ба шумораи муайяни овозҳо ҷиҳати расман номзад эътироф гардидан дар интихобот ҳаммазмун донистааст. Ба назари мо, пешниҳод аз ҷониби интихобкунандагон аз соҳиб гардидани шумораи муайяни овозҳо барои эътироф гардидан ҳамчун номзад дар интихобот фарқ мекунанд. Бинобар ҳамин, пешниҳод аз ҷониби интихобкунандагон ҳамчун намуди алоҳидаи пешниҳоди номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ бояд мазмуни худ фаҳмида шавад.

3. Таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки дар доираи масъалаҳои гуногуни таъминоти иттилоотӣ ва дастрасӣ ба он дар раванди интихоботӣ баррасӣ гардидааст. Аммо, муалллиф истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ ва технологиро дар раванди интихоботӣ ва самаранокии онро дар ин раванд таҳқиқ накардааст. Дар шароити рушди босуръасти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъсири он дар ҳама соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ мерасад, ки дар ин миён раванди интихоботӣ истисно нест. Бинобар ҳамин, баррасӣ ва пажуҳиши масъалаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

метавонист ба мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ сифати мусбӣ бахшад.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулоса ва мазмуни мухтасари таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзуи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории интихоботӣ гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ташкилу гузаронидани интихобот бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, махсусан мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Рисолаи илмии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамӣ, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст.

Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводи корӣ ва таҷрибаи маъракаҳои интихоботӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

УДК 343.132

РАХМАДЖОНЗОДА Р.Р.
RAHMADJONZODA R.R.
*Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Law, associate professor, colonel of militia*



E-mail: reefat@yandex.ru

# РЕЦЕНЗИЯ
## НА МОНОГРАФИЮ КАМЕНЕЦКОГО ЮРИЯ ФРАНЦЕВИЧА «ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА СЛЕДСТВЕННОЙ ПРОФИЛАКТИКИ»

# ТАҚРИЗ
## БА МОНОГРАФИЯИ КАМЕНЕТСКИЙ ЮРИЙ ФЕДОРОВИЧ «НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ПЕШГИРИИ ТАФТИШОТӢ»

# REVIEW
## OF THE MONOGRAPH BY KAMENETSKY YURI FRANTSEVICH “THEORY AND PRACTICE OF INVESTIGATIVE PREVENTION”

Назначением современного уголовного судопроизводства являются защита прав и свобод человека и гражданина, своевременное и полное раскрытие преступлений, а также укрепление законности и правопорядка, предупреждение преступлений, привлечение к уголовной ответственности лица, совершившего преступление. При этом вопросы реализации профилактики, воплощения ее жизнь выходят на ведущее место как в Республике Беларусь, так и Республике Таджикистан. Несмотря на актуальность и востребованность профилактики, ее научное обеспечение остается одной из самых сложных задач юриспруденции.

Достижению таких благородных целей как раз и способствует научное детище Каменецкого Ю.Ф. – следственная профилактика, воплощенное в подготовленной им монографии «Теория и практика следственной профилактики», которая вышла в свет в 2024 г. в Минске (Республика Беларусь) [Каменецкий, Ю.Ф. Теория и практика следственной профилактики: моногр. / Ю.Ф. Каменецкий; Учреждение образования «Ин-т повышения квалификации и переподгот. Следств. ком. Респ. Беларусь». – Минск: СтройМедиаПроект, 2024. – 536 с.].

Автор смог блестяще их обобщить, заложить под исследование солидную теоретическую и эмпирическую базу, создать мощную практическую модель реализации.

В целом Юрий Францевич преодолел сложившиеся негативные стереотипы понимания следственной профилактики как сугубо узкого направления деятельности следователя по реагированию на факты совершенных преступлений, установлению причин и условий, нейтрализации или минимизации их влияния на возможность совершения новых преступлений в будущем.

Каменецкий Ю.Ф. убедительно обосновал концепцию, что следственная профилактика – это неотъемлемая часть общей системы обеспечения национальной безопасности, когда механизмы, инструменты, методы борьбы и предупреждения преступности эффективно работают на других

направлениях: в сфере военной, информационной, идеологической безопасности. В современных условиях именно междисциплинарный подход гарантирует успех. Тем самым Каменецкий Ю.Ф. вывел следственную профилактику на принципиально новый уровень, придав ей общегосударственное значение.

В этой связи научная новизна работы не подлежит сомнению. Она заключается в разработке новой методологии исследования следственной профилактики, в основе которой лежит деятельностный подход.

Анализ сути деятельностного подхода определяет и практическую значимость научных изысканий автора. Во-первых, Каменецким Ю.Ф. обобщен и систематизирован эмпирический опыт профилактической деятельности следователя, на основе которых разработаны конкретные практико-ориентированные рекомендации улучшения этого направления следственной работы. Во-вторых, предложена технология реализации прогностической функции, которая позволяет сработать на упреждение, выявить риски, вызовы, угрозы в настоящем, не допустить их перерастания в совершение преступлений в будущем. В-третьих, более четко и концептуально определен объект и предмет следственной профилактики, позволяющий адаптировать в их содержание достижения иных сфер научных знаний, а в целом утверждать о формировании нового частного криминалистического учения.

Научные наработки Каменецкого Ю.Ф. также являются хорошей теоретической базой для совершенствования правового регулирования этой сферы. В идеале это должно послужить юридическим фундаментом формирования единой общегосударственной системы предупреждения преступных проявлений. Законодатель уже может воспользоваться результатами труда автора при определении предмета правового регулирования, постановке целей и задач, выбора инструментария, закреплении субъектов профилактики, их иерархии, уровней взаимодействия, компетенций и так далее.

Следует отметить весьма удачную и систематизированную структуру работы.

Во введении Каменецкий Ю.Ф. четко и однозначно определил следственную профилактику как феномен нашей действительности, имеющий многоаспектное значение для самых разных сфер жизнедеятельности личности, общества и государства.

В первую очередь, это безусловное личное и социальное благо, которое выражается в достижении защищенности каждого человека от преступных посягательств, обеспечении общественного спокойствия.

Не менее важен и политический аспект, когда следственная профилактика является частью уголовной политики по борьбе с преступностью и обеспечивается всей силой и авторитетом государства.

С точки зрения экономического эффекта реализация профилактических мер снижает затраты на противодействие преступности, а высвобождаемые, в связи с этим ресурсы могут быть перенаправлены на иные важные для общества проекты в сфере образования, здравоохранения, повышения обороноспособности и другое.

В идеологической сфере следственную профилактику можно рассматривать как элемент укрепления доверия граждан к государственной власти, расширения основы для диалога, развития государственно-частного партнерства.

В целом, мы солидарны с мнением автора, что следственная профилактика востребована обществом и государством и не может быть заменена другими элементами предупреждения преступности.

По нашему мнению, следственная профилактика – это вообще ключевое звено всей системы противодействия преступности, поскольку осуществляется следователями, которые выполняют весь основной объем досудебного производства по уголовным делам, видят всю картину совершенных преступлений в комплексе, способны установить их причины и условия, принять меры по минимизации, а лучше нейтрализации.

В первой главе проведен серьезный научный анализ самой сути и содержания следственной профилактики на основе критического осмысления имеющихся научных представлений, исторического экскурса, что

позволило очертить объем и направления исследования.

Вторая глава посвящена методологии научных изысканий. Ценность состоит в том, что Каменецкий Ю.Ф. в основу положил не только традиционные для юридической науки методы, но доказал эффективность иных, используемых в других отраслях знаний (математика, экономика, здравоохранение и др.).

В третьей главе раскрыта теоретическая основа следственной профилактики. Обосновано мнение, что следственная профилактика не может ограничиваться исключительно деятельностью следователя в рамках расследования уголовных дел. Она шире по содержанию и имеет междисциплинарный характер. Выдвинута гипотеза, что ряд положений востребованы за рамками криминалистики, что позволяет утверждать об общетеоретическом значении этого института, применимом в самых разных сферах, где реализуется предупредительная функция. Например, методы выявления и блокирования интернет-сайтов, посредством которых осуществлялось незаконное распространение наркотических средств, могут быть использованы в военном деле для обеспечения кибербезопасности критически важных объектов.

В четвертой главе Каменецкий Ю.Ф. обосновал правовую природу следственной профилактики. Это самостоятельный правовой институт, имеющий свой предмет и сферу правового регулирования, закрепляющий круг, правовой статус и полномочия субъектов профилактической деятельности, правовые формы реализации.

Пятая глава раскрывает механизм организации работы по реализации следственной профилактики.

Принципиально важным представляется выделение трех уровней (стратегический, организационный и тактический), на каждом из которых определяются свои задачи, ответственные исполнители, формы взаимодействия, прогнозируемые результаты. Все это ведет к упорядоченности процессов, исключению дублирования работы, повышению эффективности.

В шестой главе раскрывается тактика следственной профилактики. По своей сути автором предлагается субъекту профилактики выбрать в зависимости от складывающейся ситуации самый оптимальный алгоритм действий, использовать имеющийся инструментарий для решения задачи. При этом средства и способы могут быть самые различные и не ограничиваться классическим вынесением и направлением для рассмотрения представлений об устранении причин и условий, способствовавших совершению преступлений.

В седьмой главе Каменецкий Ю.Ф. изложил теоретическую схему подготовки криминалистических методик расследования отдельных видов преступлений с учетом профилактической деятельности, определил ее место и содержание в рекомендациях для следователя.

Выводы, рекомендации, предложения автора не являются эфемерными и глубоко затеоретизированными, они получены от жизни и идут от практики, от насущных проблем общества и конкретного человека.

Следует отметить, что монография написана грамотным юридическим языком, легко читается. Мысли, суждения автора понятны и аргументированы.

На основании изложенного можно констатировать, что монография Каменецкого Ю.Ф. представляет собой завершенный, комплексный научный труд, обладает новизной и практической значимостью, раскрывает содержание новой для криминалистики теории следственной профилактики.

Полученные результаты могут быть основой для формирования государственной политики Республики Таджикистан в области борьбы с преступностью и профилактики преступных проявлений.

**ТДУ 35+342**

ШАРИФЗОДА П.Р.
SHARIFZODA P.R.
*Муовини сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия*
*Заместитель начальника отдела адъюнктуры Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*
*Deputy Head of the adjunct Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Major of the militia*



e-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст**

## ОТЗЫВ

**официального оппонента на диссертацию Раззокзода Тамкина Мурод на тему “Правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республике Таджикистан”, представленную на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14. - Административное право; административно-процессуальное право**

## REVIEW

**of the official opponent of the dissertation of Razzokzoda Tamkin Murod on the topic “Legal issues of organizing local executive authorities in the Republic of Tajikistan”, submitted for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.14. - Administrative law; administrative-procedural law**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Мавриди зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар раванди ислоҳоти идораи давлатӣ диссертатсияи мазкур аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалиро доро мебошад. Фаъолияти самарабахши мақомоти

маҳаллии ҳокимияти иҷроия бахри ташкили иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати идораи давлатӣ нақши муайянкунанда мебозанд. Амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ, ташкили матлуби хизматрасониҳои давлатӣ, сифати зиндагии мардум ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шаҳрвандон бо фаъолияти онҳо бевосита рабт дорад. Нишондиҳандаи мусбии фаъолияти давлат дар симои мақомоти он, самаранокии иҷрои қонунҳо ба шумор меравад. Ҷомеа ба самаранокӣ ва натиҷабахшии фаъолияти мақомоту идораҳо манфиатдор буда, ин маҳак ифодаи таъиноти иҷтимоии давлат ва мақомоти он мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатиро дар моддаи 9 Конститутсияи худ мустаҳкам намуда, дар заминаи чунин арзиши сиёсӣ, ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мешавад. Ин шохаҳои ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои худро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда амалӣ менамоянд. Дар натиҷа, ба зиммаи ҳокимияти иҷроия – иҷро ва ташкили иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вогузор карда шудааст.

Ҳокимияти иҷроия шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, ба он қисми зиёда вазифаҳои идоракунӣ хос мебошад. Фаъолияти самараноки ин шохаи ҳокимияти давлатӣ дар ташкили иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳамчун зернизоми мақомоти ҳокимияти иҷроия амал намуда, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии дахлдор, яъне дар ҳудуди вилоят, шаҳр, ноҳия амалӣ менамоянд. Сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия аз замони шуравӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун амал намуда, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд. Ташаккул, инкишоф ва масоили ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шакли навро соҳиб гашта, бо назардошти ташаккул ва рушди ҷомеа такмили минбаъдаро тақозо менамояд. Нақши ин зинаи ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои тамос бо аҳолии маҳал муҳим буда, ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бесосита мерасонад.

Фаъолияти самарабахши мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои ташкили иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати идораи давлатӣ нақши муайянкунанда дорад. Фаъолияти муътадил, натиҷабахш ва самараноки мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ҳамчун нишондиҳандаи мусбат баҳо дода шуда, ба рушди маҳал равона шудааст. Аз ин хотир, фаъолияти самараноки мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал, танзим ва мустаҳкам намудани асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва ҳомилони он дар ҶТ дар иҷрои Конститутсияи ҶТ, қонунҳои амалкунанда, санадҳои парламенти ҶТ, палатаҳои он, Президент, Ҳукумат, инчунин, санадҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва Маҷлиси вакилони халқи воҳиди дахлдор аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои рушд ва такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти мазкур, вазъи ҳуқуқии ҳомилони ин шохаи ҳокимияти давлатӣ, нақш, таъинот, унсурҳои мақомоти номбаршуда, тавсифи сохторҳои иҷроияи маҳаллӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо, салоҳияти раисони вилоят, шаҳр, ноҳия, иҷрокунандаи вазифаи раис, масоил оид ба интиқоли ваколат байни унсурҳои идораи маҳал ва дар маҷмуъ, барои такмили қонунгузорӣ ва аз байн бурдани норасоиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, шароит фароҳам меоварад.

Диссертатсияи Раззоқзода Т.М., ки ба таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса,

тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат пурра менамояд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, се зербобро дарбар мегирад. Зербоби аввали боби мазкур **«Ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимият»** ном дошта, муаллиф дар он ба ҷанбаҳои гуногуни ин шохаи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумлаи ҷанбаҳои назариявии пайдоиши ҳокимияти иҷроия, заминаҳои ҳуқуқӣ, мавқеъ ва нақши он, хосияти он, хусусиятҳои он диққат додааст. Диссертант иброз менамояд, ки асоси ҳуқуқии ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти амалии он дар Конститутсияи кишвар мустаҳкам шудааст. Он натиҷаи қабул ва арҷгузорӣ ба принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ин ҷараён муаллиф илова менамояд, ки субъектҳои асосии ҳокимияти иҷроия сохторҳои нисбатан устувор ва доимии иҷроиявӣ ҳисоб меёбанд. Ин хусусият ба мақомоти идораи давлатии ваколати умум (дар фаҳмиши анъанавӣ) хос аст, зеро ҳамаи дигар сохторҳои ташкилии дастгоҳи иҷроия тағйирёбанда буда, нақши "дастгоҳи корӣ"-и субъектҳои ҳокимияти иҷроияро мебозанд (саҳ. 29). Дар диссертатсия муаллиф як қатор хосиятҳои муҳимми ҳокимияти иҷроияро тавсиф намуда, илова менамояд, ки маҳз, ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора наздик буда, нисбат ба ҳамаи равандҳои ҷамеавӣ сари вақт муносибат барқарор менамояд. Ҳокимияти иҷроия худ ҳамчун зуҳуроти ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти воҳидҳои махсуси дастгоҳи давлатӣ хусусияти воқеӣ пайдо мекунад, ки онҳоро мақомоти иҷроиявӣ номидан мумкин аст (саҳ. 36). Ҳамчунин, муаллиф ба консепсияи ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканда, ин консепсияи дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шударо сифатан нав баҳо додааст. Муаллиф илова менамояд, ки моҳияти навовариҳо, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи президентӣ ҷорӣ шуда, таҷзияи классикии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шудааст.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ба **«Моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ»** бахшида шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки зинаи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳамчун зернизоми ҳокимияти иҷроия дар амалигардонии идораи давлатӣ дар маҳал ва ҳаёти ҷомеа нақши муҳимро ба иҷро мерасонад. Самаранокии идораи давлатӣ дар маҳал ва татбиқи босифати он ба ҳадафмандона ва муассир амалӣ намудани меъёрҳои қонунгузории амалкунанда мусоидат намуда, ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд шароит муҳайё менамояд. Аз ҷониби муаллиф ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур дар давлатҳои алоҳида омӯхта шудааст.

Ба ақидаи муаллиф дар таҷрибаи тамаддуни ҷаҳонӣ рисолати сатҳи маҳаллии ҳокимияти умум аз бисёр ҷиҳат аз шакли сохти давлатӣ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд, таҷрибаи ҷаҳонии идораи маҳаллӣ ба таҳқиқот фаро гирифта шуда, ишора менамояд, ки тарзи ташкили идораи маҳаллӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ дар аксар маврид нигоҳ доштани риштаи амудии муайянро аз марказ ба маҳал дар назар дорад. Тарҳи муосири идораи маҳаллӣ, ки айни замон, дар раванди ислоҳоти маъмурӣ ташаккул меёбад, ҳар чи бештар унсурҳои менеҷментро қабул карда, сифатҳои нав касб мекунад. Дар он қувват гирифтани контроли молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва маблағгузории онҳо вобаста ба натиҷаҳои

бадастомада мушоҳида мешавад (саҳ. 46). Муаллиф ишора менамояд, ки худ зуҳуроти идораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия-амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии ҳудуди шинохта мешавад.

Нақши идораи маҳаллӣ дар рушду инкишофи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал аз салоҳиятнокӣ ва соҳиби касбияти баланд будани ҳомилони ин сатҳи ҳокимияти давлатӣ таҷассум меёбад. Аз ин хотир, дорои дараҷаи касбияти баланд ва салоҳиятнокии ҳомилони мақомоти иҷроия-амрдиҳанда дар сатҳи маҳал дар инкишоф ва рушди маҳал таъсири ҳалкунанда дорад. Ташкили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, саҳеҳ ва муайян кардани салоҳияти мақомоти мазкур, такмили сохтор, рушди заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва танзими ҳуқуқии он мувофиқи талаботи замон ба ҳисоб рафта, ҳамчун ифодаи ҳадафҳо ва таъиноти иҷтимоии он баромад менамояд, ки дар навбати худ ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона шудааст. Дар баробари ин, ҳамчун нишондиҳандаи таъиноти иҷтимоии давлат ва мақомоти он баҳо дода мешавад (саҳ. 47).

Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия **«Асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, муаллиф ишора менамояд, ки қабл аз тавсифи асосҳои ҳуқуқии ташкили тарҳи ҳокимияти иҷроия дар маҳал тавaққуфи мухтасарро дар таҳаввули қонунгузории Тоҷикистон нисбат ба сатҳи дахлдор муфид меҳисобем. Зеро, ки нигоҳ ба таърих ва дар ин замина, таваҷҷуҳ ба таҷрибаи рушду такомули шаклҳои ташкилии идора ба дарки комили моҳияти тағйироте, ки дар низоми мақомоти иҷроия сурат доранд, имкон медиҳад. Илми ҳуқуқи маъмурӣ вазифадор аст, ки қонуниятҳои объективии инкишофи мақомоти идораро ошкор карда, онҳоро ба давраҳои муайяни инкишофи мамлакат мункасир гардонад. Байни шаклҳои ташкилӣ, таҷрибаи таърихӣ ва муайянсозии роҳҳои ҳалли масъалаҳои пайдошавандаи стратегӣ ва ҷории сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ва фарҳангии инкишофи мамлакат, хусусан, дар марҳилаҳои гардишноки навсозӣ, ҳамбастагии зич ва ворисӣ вуҷуд дорад. Дар ин раванд, муаллиф дуруст иброз менамояд, ки нигоҳ ба таърих ба пешгирии такрорёбии камбудиҳо ва истифодаи таҷрибаи мусбати гузашта имкон медиҳад (саҳ. 52-53).

Бо назардошти омӯзиш ва таҳлили қонунгузории Тоҷикистон муаллиф дар ин зербанд давраҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди сатҳи маҳаллии идораи давлатиро мавриди таҳқиқот қарор додааст. Давраҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушд аз замони таъсиси Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ (аз соли 1924) оғоз гардида, то давраи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти идора дар маҳал бо назардошти давраҳои таҳавулот, такмили низоми идораи давлатӣ ва навовариҳои ташкилӣ ба таҳқиқот фаро гирифта, дар рисола асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст.

Муаллиф бо таҳқиқоти гузаронида муайян намудааст, ки дар қонунгузории ҶТ мафҳуми «худидоракунӣ» мустаҳкам шуда, тавсифи «идораи маҳаллӣ» то ҳанӯз дода нашудааст, ки аз норасоӣ дар танзими ҳуқуқии идоракунии маҳаллӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, мафҳуми муаллифии «идораи маҳаллӣ» ва «идораи давлатии маҳаллӣ»-ро таҳия ва барои ворид намудан ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» пешниҳод намудааст. Муаллиф, дуруст илова менамояд, ки низоми шуравии ташкили ҳокимиятдорӣ, ҳатто, баъди ба даст овардани истиқлол ҳам то давраи муайян (солҳои 1991-1994) дар асли худ пойбарҷо буд ва танҳо тасвиби Конститутсияи даврони собҳибистиқлолӣ

ба шикасти он заминаи ҳуқуқӣ бахшид (саҳ. 71).

Боби дуюми диссертатсия **«Низоми мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, чор зербобро дар бар мегирад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **«Мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф мафҳум ва таснифоти ин зинаи мақомоти давлатиро ба таҳқиқот фаро гирифта, қайд менамояд, ба механизми амалишавии ҳокимияти иҷроия ҳаҷми бештари дастгоҳи давлатӣ сафарбар шудааст. Ин шохаи ҳокимияти давлатӣ тавассути ин сохторҳо вазифа ва функсияҳои худро амалӣ менамояд, нақши худро мебозад, рисолати худро иҷро мекунад ва бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад, ки ин нишондиҳадаи таъиноти иҷтимоии давлат мебошад. Инчунин, илова менамояд, ки аз иҷрои сифатноки функсияҳои давлат на танҳо устуворӣ ва дарозумрии он, балки қобилияти мутобиқ гардонидани худ ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вокуниши матлуб ба таҳдиду ситезаҳои дохилию хориҷӣ тахти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ вобаста мебошанд. Маҳз, бо ҳамин сабаб, тавсифи дуруст ва объективии аломату хусусиятҳои ҳомилони ҳокимияти иҷроия, тафриқаи илман асосноки онҳо аз дигар унсурҳои дастгоҳи давлатӣ аҳаммияти калони илмию амалӣ касб мекунад (саҳ. 73).

Аз ҷониби муаллиф дар зербоби мазкур мафҳуми муаллифи мақомоти давлатӣ пешниҳод шуда, мақсаднок ҳисобидааст, ки минбаъд он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ворид карда шавад. Инчунин, муаллиф зимни таҳқиқот ба баёни дурусти истилоҳотии шакли ҳокимияти иҷроия таваҷҷуҳ зоҳир намууда, илова менамояд, ки бо назардошти дар қисми 6 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ истифода гаштани ибораи «мақомоти ҳокимияти иҷроия», мувофиқан истифодаи ибораи «мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия» барои ифодаи идораи маҳал асоснок мебошад. Инчунин, таърифи муаллифии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро муаллиф омода ва пешниҳод намудааст, ки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ворид карда шавад. Ҳамчунин, аз тарафи муаллифи диссертатсия ба тариқи асоснок таснифоти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия роҳандозӣ гаштааст, ки аҳаммияти илмӣ амалӣ дорад. Муаллиф зимни таҳқиқот дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маҳаллии идора норасиҳоро ошкор намуда, бо омӯзиши ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур дар давлатҳои хориҷа пешниҳод намудааст, ки дар ҶТ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мустаҳкам карда шаванд. Барои ифодаи он истилоҳи «Садорат» ва барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ бошад, номи «Садр» (Сардор) мувофиқи мақсад ҳисобидааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ба **«Вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия»** бахшида шудааст. Дар ин зербанд муаллиф ба вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия таваҷҷуҳ зоҳир намуда, илова менамояд ки раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар доираи ваколат ва салоҳияти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда ба амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия дар маҳал нақши ҳалкунандаро дорост. Натиҷаи инкишофи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал, ки нишондиҳандаи натиҷаи фаъолияти раис мебошад, маҳз, ба ин мансабдор алоқаманд ҳисобида мешавад. Муаллиф дарҷ менамояд, ки дар амалияи идорӣ баъзан вақт фарқияти вазъи ҳуқуқии раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис маддӣ назар карда мешавад. Дар қонунгузории амалкунанда оид ба масъалаи мазкур меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида бо мақсади тафриқа ба чашм намерасад. Аз ин хотир, баҳри дуруст ҳидоят намудани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ба тавзеҳ ва танзими тафриқавии салоҳияти раис ва вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис

такя намуда, пешниҳод намудааст, ки он бо ворид намудани мушаххасот ба қонунгузорӣ муайян карда шавад.

Муаллиф муайян намудааст, ки ҳолати тасдиқ намудани низомнома ва оинномаи ташкилоту муассиса ва корхонаҳо, ки дар ҳудуди муайян фаъолият мебаранд, ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифта нашудаанд. Ин санадҳоро бешубҳа зимни фаъолияти рӯзмарраи худ раис тасдиқ менамояд. Бинобар ин, пешниҳод намудааст, ки бо ворид намудани меъёри дахлдор дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» вобаста ба тасдиқи «низомнома» ва «оиннома»-и ташкилоту муассиса ва корхонаҳо, ки дар ҳудуди муайян фаъолият мебаранд, ин норасоӣ бартараф карда шавад. Муаллиф қайд менамояд, ки гарчанде, ки барои аз ҷониби раис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети дахлдори маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, шароити ҳуқуқӣ муҳайё бошад, дар номгӯйи салоҳиятҳои раис, ки дар моддаи 20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мустаҳкам шудаанд, чунин меъёр ба назар намерасад. Дар натиҷа, пешниҳод намудааст, ки чунин меъёр дар моддаи номбаршудаи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ворид карда шавад (саҳ. 96-115).

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ба **«Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур диссертант ба моҳият, таъинот, нақш ва хусусияти ин санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар рисола муаллиф қайд менамояд, ки субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ба нашри санадҳои ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд, ки он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва муайян карда мешавад. Бо омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муайян намудааст, ки дар сатҳи маҳаллии идораи давлатӣ вобаста ба нашри санадҳои ҳуқуқӣ танҳо нисбати раис муқаррарот мавҷуд мебошад. Аммо, нисбати дигар унсурҳои ин низом меъёри ҳуқуқӣ ба чашм намерасад. Бо назардошти танзими ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии ин субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал пешниҳод намудааст, ки он дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад (с. 113).

Зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия ба **«Самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия»** бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур аз тарафи муаллиф масъалаҳо оид ба ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ, тамоси мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва масоил оид ба интиқоли ваколат дар сатҳи идораи маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни омӯзиши масоили ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ аз тарафи муаллиф вобаста ба татбиқи ваколатҳои маҷлиси вакилони халқ дар раванди изҳори нобоварӣ нисбати раис ва ё пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ ҳолати норасоии меъёрҳои қонунгузориро муайян намудааст.

Дуруст аст, ки дар қонунгузорӣ механизми татбиқи ин ваколатҳо ҷой надорад, зеро раис дар ҳар ду раванд, на танҳо ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад, балки ба иҷлосияҳои он раисӣ мекунад. Аз ин рӯ, барои бартараф намудани ин норасоӣ ворид намудани қисми навро ба моддаи 13 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» пешниҳод намудааст, ки дар ин равандҳо ба маҷлис вакили синну солаш калонтарин роҳбарӣ намуда, ба санадҳои он имзо мегузорад (саҳ. 143). Тарҳи ҳамкориро дар сатҳи идораи маҳаллӣ муаллиф ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мақомоти маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ татбиқи баъзе ваколатҳои худро дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор менамояд. Аммо, қонунгузорӣ тарҳи интиқоли ваколатро муқаррар намуда, номгӯйи ин зайл ваколат ё худ доираи ваколатҳои истиноии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатиро мушаххас накардааст. Аз ин рӯ, номуайян аст, ки дар сатҳи маҳаллӣ кадоме номгӯйи ваколатҳо «истисноӣ» мебошанд. Бинобар ин, пешниҳод намудааст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ номгуй ва доираи ваколатҳои истиноӣ муайян карда шавад (саҳ. 157).

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як катор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. собит месозад, ки нахустин таҳқиқоти мукаммал ва алоҳидаи диссертатсионӣ мебошад, ки ба масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи баррасишавандаро дар бар гирифта, аҳаммияти он барои илми ҳуқуқи маъмурӣ ва такмили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Диссертант вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо тавассути нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда диссертант аз адабиёти илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, таҷрибаи фаъолияти амалии мақомоти идораи маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа, ҳамзамон аз сарчашмаҳо истифода намудааст, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат намудаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фарогирӣ паҳлуҳои назарӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда буда, вазифа ва мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва самтҳои такмили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳомилони он асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад, зеро масъалаҳои дар он баррасигардида ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодгардида барои такмили қонунгузорӣ ва рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ метавонанд мусоидат намоянд. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони соҳа баромад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ омӯхта шуда, дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин,

натиҷаҳои рисоларо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ метавон ба роҳ монд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 13 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Раззоқзода Т.М. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия муаллиф асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимити иҷроияро ба таҳқиқот фаро гирифта, дарҷ менамояд, ки қабл аз тавсифи асосҳои ҳуқуқии ташкили тарҳи ҳокимияти иҷроия дар маҳал таваққуфи мухтасарро дар таҳаввули қонунгузории Тоҷикистон нисбат ба сатҳи дахлдор муфид меҳисобем. Зеро нигоҳ ба таърих ва дар ин замина, таваҷҷуҳ ба таҷрибаи рушду такомули шаклҳои ташкилии идора ба дарки комили моҳияти тағйироте, ки дар низоми мақомоти иҷроия сурат доранд, имкон медиҳад (саҳ. 52).

Дар робита ба ин, давраҳои ташаккул ва рушди идораи маҳаллиро ба шакли ба худ хос асоснок дар зербоби мазкур ҷой додааст, ки мусбат арзёбӣ мегардад. Дар навбати худ рисола бошад ба масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бахшида шудааст. Аз ин хотир, мехостам диссертант оид ба алоқамандии давраҳои ташаккул ва рушди идораи маҳаллӣ ва масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён намуда бошад.

2. Муаллиф дар зербоби дуюми боби дуюм, ки ба вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия бахшида шудааст, дарҷ менамояд, ки ҳамон гурӯҳи роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки онҳо аз ҳисоби буҷети муайяни маҳалли дахлдор маблағгузорӣ карда мешаванд, тибқи шароити муҳайё намудаи санадҳои ҳуқуқии амалкунанда аз тарафи раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Илова менамоям, ки вобаста ба мавзуи баррасӣ меъёрии ҳуқуқии дахлдори ваколатдоркунанда нисбати раис дар моддаи 20-уми Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки доираи салоҳияти раисро танзим менамояд, мушоҳида намешавад. Аз ин хотир, диссертант пешниҳод намудааст, ки бо мақсади танзими ҳуқуқии мавзуи мазкур дар моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар таҳрири нав банди иловагӣ ворид карда, барои аз тарафи раиси вилоят, шаҳр, ноҳия мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ меъёри ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шавад (саҳ. 110-113).

Дар ин раванд, муаллиф аз истилоҳи мақомоти маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ истифода накарда, маҳз сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро истифода намудааст. Яъне, зимни тавсиф на ҳамчун мақомот набуда, балки ҳамчун сохтор мавриди истифода қарор додааст. Оид ба масъалаи мазкур

мехостем андешаи диссертантро шунида бошем.

3. Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюми рисола санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро ба таҳқиқот фаро дода, мавзуи мазкурро ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки омӯзиш ва таҳлил собит намуд, ки бо омӯзиши низомномаи гурӯҳи муайяни мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар низомномаҳои онҳо вобаста ба шакли санадҳои ҳуқуқии сохторҳои ин мақомот дар маҳал меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуд намебошад. Зеро, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҷорӣ санадҳои ҳуқуқиро ба тасвиб мерасонанд. Дар натиҷа, пешниҳод намудааст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ санадҳои ҳуқуқии субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал мустаҳкам карда шаванд (саҳ. 114).

Дар низомномаҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия оид ба санадҳои ҳуқуқии мақомоти мазкур меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудааст, ки аз тарафи роҳбарони ин мақомот ба тасвиб расонида мешавад. Вобаста ба ҳамин мавқеи диссертантро шунидан мехостем, ки дақиқтар нуқтаи назари худро шарҳ диҳад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баъзан баҳснок буда, муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раззоқзода Т.М. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раззоқзода Т.М. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН

## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ
## TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

**ТДУ 342.12:342.3**

# МАФҲУМИ ФУНКСИЯИ ДАВЛАТ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

# ПОНЯТИЕ ФУНКЦИЙ ГОСУДАРСТВА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

# THE CONCEPT OF STATE FUNCTIONS: THEORETICAL AND LEGAL ASPECTS

АБДУЛЛОЗОДА Ш.М.
ABDULLOZODA SH.M.
*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*Соискатель кафедры права Института экономики и торговл Таджикского государственного университета коммерции*
*Applicant of the Department of Law of the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce*



E-mail: guljahon-1980@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* МАНСУРЗОДА А.М. – сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия.
*Рецензент:* МАНСУРЗОДА А.М. – начальник факультета № 2 Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции.
*Reviewer:* MANSURZODA A.M. – Head of Faculty No. 2 of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor, Lieutenant Colonel of the militia.

*Аннотатсия:* Мақола ба масъалаҳои муайян кардани мафҳуми функсияи давлат бо назардошти нуқтаи назари олимони соҳа оид ба паҳлуҳои гуногуни мафҳуми мазкур бахшида шудааст. Бо назардошти нуқтаи назари олимони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ бо такя ба ҷанбаҳои назариявӣ ҳуқуқӣ муаллиф мафҳуми худро оид ба функсияи давлатро муайян ва пешниҳод намояд.
*Вожаҳои калидӣ:* давлат**,** мақомоти давлатӣ, функсияи давлат, мазмун, моҳият, ҳадаф, самт, ҳуқуқ, ҳуқуқшиносӣ, ҷомеа.

*Аннотация***:** Статья посвящена вопросам определения понятия функций государства с учетом точки зрения ученых отрасли на различные аспекты данного определения. Учитывая

точку зрения ученых в области теории государства и права, опираясь на теоретико-правовой аспект, автор определяет и представляет свое понимание функций государства.
*Ключевые слова:* государство, государственный орган, функции государства, содержание, сущность, цель, направления, право, правоведение, общество.

*Annotation:* The article is devoted to the issues of defining the concept of functions of the state, taking into account the point of view of scientists in the field on various aspects of this definition. Taking into account the point of view of scientists in the field of the theory of state and law, relying on the theoretical and legal aspect, the author defines and presents his understanding of the functions of the state.
*Key words:* state, state body, functions of the state, content, essence, purpose, directions, law, jurisprudence, society.

Мафҳуми «функсия» ба гардиши илмӣ дар ибтидои асрҳои XVII-XVIII аз ҷониби Г.В. Лейбнитс ворид карда шудааст. Дар ибтидо ва ҳатто имрӯз пеш аз ҳама дар илми математика истифода шуда, вобастагии як бузургии тағйирёбандаро ба дигараш, яъне вобастагиро ҳангоми тағйир ёфтани як миқдор, миқдори дигар низ ба таври муайян тағйир меёбад, ифода мекунад.

Муайян кардан душвор аст, ки кай ин мафҳум аз ҷониби ҷомеа шинохта ва ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ эътироф шудааст, маълум аст, ки ин мавзӯи таҳқиқи махсус мебошад. Масалан, дар луғати энсиклопедӣ мафҳуми «функсия» танҳо ҳамчун мафҳуми математикӣ ошкор шудааст [22, с. 421]. Аммо дар бораи функсияҳо аз ҷанбаи сотсиологӣ аллакай дар миёнаи асри XIX баъзе олимон [9] ва дар ибтидои асри XX аз нигоҳи ҳуқуқшиносӣ [14] низ олимон фикру ақидаи худро баён намуданд.

Дар ибтидои асри XX ин категория дар осори Дюги Л.[8], Коркунов Н.М. [11], Петражитский Л.Б. [15] ва баъзе дигар муаллифон баррасӣ шудааст. Аммо ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносӣ махсусан дар солҳои 60-80 фаъолона мавриди таҳқиқ қарор гирифта, то имрӯз мавзуи таҳқиқот ва баҳсҳои илмӣ боқӣ мондааст [1; 9; 18].

Функсияҳои дилхоҳ (ягон) объект – ин зуҳуроти берунии хосиятҳои он, тарзи рафтор дар низоми муайяни муносибатҳо мебошанд. Аз ин рӯ, донистани функсияҳо шарти ҳатмии донистани чизи асосӣ ва муайянкунандаи давлат, муайян кардани мазмуни иҷтимоии он, дар худ дар муқоиса бо дигар зуҳуроти иҷтимоӣ чӣ будани он, ба ибораи дигар, моҳияти он – ин якум.

Дуввум, аҳаммияти масъалаи функсияҳои давлат аз он иборат аст, ки функсияҳо сохтори онро муайян мекунанд, яъне, усулҳо, қонуниятҳои ташкили унсурҳои давлат ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ, зеро сохтори ҳар як низом (биологӣ, техникӣ ё иҷтимоӣ) бо функсияҳои он муайян карда мешавад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки мазмуни мафҳуми «функсияи давлат»-ро метавон тавассути нишонаҳои зерин ошкор намуд:

– функсияи давлат – ин хулосаи илмӣ мебошад, ки бо ёрии он фаъолияти ягонаи давлатӣ ба намудҳо тақсим мешавад. Онҳо аз ҷиҳати характери объект, мақсади бевосита, қувваҳо, воситаҳои моддию техникӣ, усулҳо ва дар натиҷа ҳамчун маҳсули фаъолият фарқ мекунанд;

– функсияҳои давлат асосан намудҳои фаъолияте нестанд, ки танҳо ба давлат хос бошанд. Дар баробари давлат чунин намудҳои фаъолиятро ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ амалӣ карда метавонанд*;

– хусусияти функсияҳои давлат дар он аст, ки вай ҳамчун мақомоти ҳокимияти сиёсӣ ба онҳо характери умумии ҳатмӣ медиҳад;

– ба функсияҳои давлат устувории нисбӣ хос аст. Дар баробари ин, маълум аст, ки дар доираи як функсия ва як маҷмуи функсияҳо масъалаҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсиро ҳал кардан мумкин аст.

* Масалан, ҳамаи унсурҳои низоми сиёсии ҷомеа асосан функсияҳои якхела ва ниҳоят умумӣ доранд. Ин зуҳуротро метавон монизми функсионалӣ дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ номид

– хусусиятҳои функсияҳо бо талаботи ҳукмронии сиёсии як синфи дар давраи дахлдори таърихӣ муайян карда мешаванд**;

– давлат тавассути функсияҳо мақсади иҷтимоии худро амалӣ менамояд;

– ба давлатҳои навъҳои гуногуни таърихӣ аз нуқтаи назари ташкилӣ-техникӣ якхела дошта, функсияҳои якхела мансуб нестанд***;

– ба функсияҳои давлат на танҳо ҳамон намудҳои фаъолияти он, ки бевосита ба мақсадҳои иҷтимоии он хизмат мекунанд, дохил мешаванд, балки инчунин он намудҳоеро дар бар мегирад, ки ин вазифаро бавосита иҷро мекунанд;

– ҳар як функсияи давлатро ҳамчун унсури низоми ягонаи функсияҳо баррасӣ кардан зарур аст, берун аз низом мафҳуми функсия маънои воқеӣ надорад.

Бояд гуфт, ки дар адабиёт дар масъалаи муайян кардани мафҳуми функсияи давлат фарқияти калон мавҷуд аст. Ва сухан дар ин ҷо на танҳо дар он аст, ки дар вақти тарҷумаи аслии вожаи лотинии «functio» баъзе таҳқиқоти назариявиро асос карданд, ҳоле ки тавзеҳи методологӣ ва фалсафии онро ба инобат нагирифтаанд.

Аниқтараш, гуногунии муайян кардани мафҳуми функсияи давлат асосан бо васеъ ва тақвият ёфтани заминаи методологии назарияи давлат дар асоси бештар истифода бурдани усулҳои хусусии таҳқиқот шарҳ дода мешавад [2; 3].

Инро, масалан, дар таҳаввулоти тафсири фалсафии худи мафҳуми функсия мушоҳида кардан мумкин аст. Инак, дар охири солҳои 60-70-ум зери мафҳуми функсия «тарзи рафторе, ки ба объект хос аст ва ба нигоҳ доштани мавҷудияти ин объект ё низоме, ки ба он дохил мешавад» мусоидат мекунад, фаҳмида мешавад [19, с. 418]. Дар ин асос Каск Л.И. навишта буд, ки «Функсияи ягон объект – ин зуҳуроти берунии хосиятҳои он, тарзҳои рафтори он дар низоми муайяни муносибатҳо мебошад» [10, с. 4].

Дар охири солҳои 80-ум метевонем тафсири дигари ин мафҳумро пайдо намоем, яъне «Функсия муносибати байни ду (гурӯҳи) объектҳост, ки дар он тағйирёбии яке аз онҳо бо тағйирёбии дигараш вобастагӣ дорад. Функсияро метавон аз нуқтаи назари окибатҳое (мусоид, номусоид- номусоид ё бетараф-корношоям), ки дар натиҷаи тағйир додани як бузурги (параметр) дар дигар бузургиҳои объект (функсия) ба миён омадааст, ё аз нуқтаи назари муносибати қисмҳои алоҳида дар доираи як фаъолият баррасӣ кард» [20, с. 718].

Дар таърифи якум, пештара ба зуҳуроти берунии хосиятҳои объект, «тарзи» рафтори он, дар дуюм ҳолат, баъдан ба «муносибати» байни объектҳо, яъне ҷиҳати асосии моҳияти функсия таъкид мешавад. Владимиров В.А. изҳор дошт, ки вазъи кунунии баррасии масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки «гуногунии нуқтаи назар» дар муайян кардани мафҳуми функсияи давлат «пеш аз ҳама бо он шарҳ дода мешавад, ки бисёр муаллифон моҳияти функсия ва зуҳуроти онро фарқ намекунанд.

Дар баробари ин, дар ҳамаи мавридҳо моҳияти ҳар як функсия (чӣ дар табиат ва чӣ дар ҷомеа) як хел мемонад. Дар ҳоле, ки зуҳуроти он дар баробари рушди ҷомеа, давлат ва илм бештар ошкор мешаванд». Ба ақидаи ӯ, «дар сатҳи асосӣ ҳама гуна функсияҳо метавонанд муносибатҳо бошанд, на чизи дигар» [5, с. 41].

Дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ масъалаи функсияҳои давлат дар сегонаи категорияҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ: моҳият, шаклҳо, функсияҳо баррасӣ карда намешавад.

Ҳамин тавр, Еллинек Г. функсияҳои давлатро муайян намуда, функсияҳои моддиро ҳамчун «самтҳои асосии фаъолияти давлат» ва «расмӣ», яъне «функсияҳои гурӯҳҳои алоҳидаи мақомот»-ро фарқ мекунад. Аввалин функсияҳои моддиро вай функсияҳои давлат мешуморад, ки «бо он муайян карда мешавад, ки фаъолияти

** Формулаи «Вазифаҳои давлат чӣ гунаанд, функсияҳои вай чунинанд»-ро на дар он фаҳмидан лозим аст, ки функсияҳо аз руи вазифаҳо ба вуҷуд меоянд, балки чунин фаҳмида шавад, ки функсияҳо ба вазифаҳо мутобиқ мешаванд

*** Чунин шабоҳат дар функсияҳои давлатҳое, ки моҳияташон ба ҳам мухолифанд, заминаи объективии ҳамкории маҳдуди ба ҳамдигар фоидабахши онҳо ва ҳам муқобилият байни онҳо мебошад

давлат барои ноил шудан ба мақсадҳои он нигаронида шудааст». Аз ин нуқтаи назар, функсияҳои давлат воситаи расидан ба мақсадҳои муайяни давлат мебошанд.

Дар баробари ин Еллинек Г. кӯшиш мекард, ки функсияҳои давлатро аз мазмуни фаъолияти он ҷудо карда, онҳоро танҳо ба зуҳуроти берунӣ ва расмии ҳокимият муқоиса намояд. Ӯ чунин мешуморид, ки «мазмуни мушаххаси фаъолияти давлатро ҳамеша метавон танҳо ба таври таҷрибавӣ муайян кард ва зиёда аз он, танҳо барои як давлати алоҳида дар лаҳзаи мавҷудияти он» [9, с. 173]. Аз ин рӯ, ба ақидаи ӯ, «албатта, ҳама кӯшишҳои додани тасаввуроти ҳамаҷонибаи ҳокимияти давлатӣ бо номбар кардани функсияҳои он аз рӯйи мазмунашон ғайриилмӣ мебошанд» [9, с. 449].

Илми ҳуқуқшиносӣ тавзеҳи функсияҳои давлатро на танҳо ҳамчун самти фаъолияти он, балки ҳамчун механизми таъсиррасонии давлат ба равандҳои иҷтимоӣ пешниҳод намудааст [4, с. 12]. Ва ин дуруст ба назар мерасад, зеро давлат дар баробари иҷрои функсияҳои муайян дар соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа дар як вақт тавассути ислоҳоти давомдор, дигаргунсозиҳои гуногун ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳолати протсессҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Амалисозии функсияҳои аниқ метавонад шароити инкишофи ҷомеаро муътадил гардонад, таъсири эҷодӣ расонад, ҳам вазъияти буҳронии онро пурзур намояд.

Дар сарчашмаҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ роҳҳои гуногуни муайян кардани мафҳуми функсияҳои давлат мавҷуданд. Масалан, ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри XX дар доираи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ақидаи мафҳуми функсияҳои давлат ҳамчун маълумотномаи субъектию сиёсии мазмуни фаъолияти он хеле паҳн шуда буд [7, с. 9].

На ҳама муаллифон ин ақидаи функсияҳоро дар он вақт тақсим мекарданд, аммо, бо вуҷуди ин, дар шакли муосир, он то имрӯз нигоҳ дошта шудааст. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо метавон ба таърифи мафҳуми функсияи давлат муроҷиат намуд, ки тибқи он мавзӯъ ва мазмуни фаъолияти давлат, инчунин усулу воситаҳои таъмини онро дар бар мегирад [16, с. 40].

Ҳанӯз пештар ин нуқтаи назари дар боло зикршудаи маънидодкунии функсияҳои давлат дар ғарб ва қисман дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун самтҳои асосии фаъолияти давлат бо худи фаъолияти он муайян намудани онҳо ба таври васеъ пазируфта шуда буд.

Хеле равшан ин, дар асарҳои Келзен Г. ҳангоми баррасии фаъолияти давлат ҳамчун «падидаи соф ҳуқуқӣ», шахси соф ҳуқуқӣ ва як навъ иттиҳодия дида мешуд. Муаллиф ба масъалаҳои ҷудо кардани функсияҳо ҳамчун самтҳои асосии фаъолият ва ҷиҳати гуногуни худи фаъолият дахолат накарда, таваҷҷуҳи худро танҳо ба кушиши фарқ кардани иттиҳодияҳои (корпоратсияҳои) давлатӣ ва дигар иттиҳодияҳои назди он равона кардааст.

Г. Келзен робитаи бо ин масъала дар асари машҳури худ «Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат» менависад, ки давлат, агар онро «падидаи соф ҳуқуқӣ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ» донем, ғайр аз иттиҳодия чизи дигаре нест. Нишона ва хусусиятҳои он бо мафҳуми умумии иттиҳодия пурра фаро гирифта шуданд. Аммо савол ин аст, ки давлат-иттиҳодия аз дигар иттиҳодияҳо чӣ фарқ дорад [23, p. 181].

Келзен Г. ба он ҷавоб дода, ба хулосае меояд, ки фарқи асосии байни давлат аз дигар иттиҳодияҳо «дар тартиби меъёрие», ки худи давлат-иттиҳодия муқаррар кардааст, мебошад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ «масъалаи давлат-иттиҳодия аслан масъалаи тартиботи ҳуқуқии миллӣ мебошад».

Яке, аз таърифҳои маъмултарини мафҳуми функсияҳои давлатро Хропанюк В.Н. пешниҳод намудааст. Функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он буда, моҳият ва мақсади иҷтимоии идораи давлатии ҷомеаро ифода мекунанд [21, с. 156].

Матузов Н.И. ва Малко А.В. функсияҳои давлатро боз ҳам мухтасартар – ҳамчун самтҳои асосии фаъолияти давлат барои ҳалли масъалаҳои дар назди он истода муайян мекунанд [13, с. 56]. Маҳз дар функсияҳои давлат, чунон ки ин муаллифон тасдиқ мекунанд, моҳияти давлати аниқ, моҳият ва таъиноти иҷтимоии он ошкор мегардад.

Муфассалтар таърифи мафҳуми функсияҳои давлатро Алексеев С.С.

додааст. Функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки моҳият ва таъиноти иҷтимоӣ, ҳадаф ва вазифаҳои давлатро дар идоракунии ҷомеа бо шаклу усулҳои хоси он ифода мекунанд. Муаллиф таърифи мафҳуми зеринро аз ҷиҳати илмӣ асоснoктар мешуморад [7, с. 14]. Ҳамин тариқ, функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он дар идоракунии ҷомеа, ки дар он моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат ифода гардида, мақсадҳое, ки дар назди давлат истодаанд ва ноил шудан ба ин мақсадҳо, фаҳмида мешавад [17, с. 146].

Барои ҷамъбаст бояд гуфт, ки мавҷудияти нуқтаҳои назар ва равишҳои мухталиф дар мавриди баррасӣ ва муайян кардани функсияҳои давлат, бо назардошти мураккабӣ ва гуногунии масъалаи баррасишаванда комилан табиӣ ва фаҳмо аст [6, с. 5-16]. Вале аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ, дар оянда на ба таҳлили афкору ақидаҳои гуногун, балки ба нишон додан ва ба назар гирифтани нишона ва хусусиятҳои умумии функсияҳои худи давлат таваҷҷуҳ кардан дурусттар ва қобили қабул мебошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права. Введение: Сущность социалистического права. [В 4 вып.]. Вып. 1. / С.С. Алексеев. - Свердловск, - 1963. - 265 с.
2. Байтин, М.И. Государство и политическая власть / М.И. Байтин. – Саратов: изд. Саратовского университета, 1972. – 239 с.
3. Байтин, М.И. Сущность и основные функции социалистического государства / М.И. Байтин. – Саратов: Изд. Саратовского университета, 1979. – 302 с.
4. Васильев, А.М. Диалектическая связь категорий общей теории права / А.М. Васильев // Советское государство и право. – М.: Наука, 1974. – № 1. – С. 10-18.
5. Владимиров, В.А. Основные функции посткоммунистического государства в области внутренней политики: монография / В.А. Владимиров. – Тверь: ТГУ, 1992. – 82 с.
6. Гулиев, В.Е. Российская государственность: состояние и тенденции / В.Е. Гулиев // Политические проблемы теории государства. – М., 1993. – С. 5-16.
7. Денисов, А.И. Сущность и формы государства: монография / А.И. Денисов. – М.: Изд. МГУ, 1960. – 67 с.
8. Дюги, Л. Общие преобразования гражданского права со времени кодекса Наполеона / Леон Дюги [Пер. с франц. М. М. Сиверс, под ред. и с предисл. проф. А. Г. Гойхбарга]. – М.: Гос. изд-во, 1919. - 110 с.
9. Еллинек, Г. Общее учение о государстве / Георг Еллинек. – СПб.: Общественная польза, 1908. – 750 с.
10. Каск, Л.И. Функции и структура государства / Л.И. Каск; отв. Ред. А.И. Керимов. – Л.: ЛГУ, 1969. – 65 с.
11. Коркунов, Н.М. Лекции по общей теории права / Н.М. Коркунов. – СПб: Юридический книжный магазин Н.К. Мартынова, 1914. – 428 с.
12. Малько, А.В. Стимулы и ограничения в праве. Теоретико-информационный аспект: дис… док. юрид. наук: 12.00.01 / Александр Васильевич Малько. – Саратов, 1994. – 362 с.
13. Матузов, Н.И., Малько, А.В. Теория государства и права. Изд. 2-е, перераб. и доп. / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – М.: Юристъ, 2007. – 540 с.
14. Паршин, А. Что такое государство? (Научное исследование природы государства) / А. Паршин. – М.: Типография В. Чичерина, 1907. - 217 с.
15. Петражицкий, Л.Б. Общая теория права в связи с теорией нравственности / Л.Б. Петражицкий. – СПб.: Акционерное общество «Слово», 1907. – 656 с.
16. Теория государства и права. Особенная часть / А.П. Альбов, О.Н. Васильева, И.С. Демидова [и др.]. 2-е изд., пер. и доп. (Высшее образование). – М.: Юрайт, 2024. - 342 с.
17. Основы теории государства и права / Е.С. Зайцева, Е.Н. Козинникова, Н.С. Нижник [и др.]. СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. - 240 с.
18. Фарбер, И.Е. О воспитательной функции социалистического права / И.Е. Фарбер // Советское государство и право. - 1963. – № 7. – С. 142-144.
19. Философская энциклопедия. В 5 т. Т. 5: Сигнальные системы - яшты: Указатель. – М.: Советская энциклопедия, 1970. - 740 с.

20. Философский энциклопедический словарь / [А.Л. Грекулова и др.]; Ред.: С. С. Аверинцев и др. - 2-е изд. – М.: Советская энциклопедия, 1989. – 814 с.
21. Хропанюк, В.Н. Теория государства и права / Под ред. В.Г. Стрекозова. 13-е изд. перераб. и стер. - М.: Омега-Л, 2019. – 323 с.
22. Энциклопедический словарь Брокгауза и Эфрона. В 86 т. Т. 36А. Подтом 72. – СПб: Семеновская Типография, 1902. – 476 с.
23. Kelsen H. Ceneral Theory of State and Law. – N.Y., 1961. – 201 p.

**References**

1. Alekseev, S.S. General Theory of Socialist Law. Introduction: The Essence of Socialist Law. [In 4 issues]. Issue 1. / S.S. Alekseev. – Sverdlovsk, 1963. – 265 p.
2. Baitin, M.I. State and Political Power / M.I. Baitin. – Saratov: Publishing House of Saratov University, 1972. – 239 p.
3. Baitin, M.I. The Essence and Main Functions of the Socialist State / M.I. Baitin. – Saratov: Publishing House of Saratov University, 1979. – 302 p.
4. Vasiliev, A.M. Dialectical Connection of Categories of the General Theory of Law / A.M. Vasiliev // Soviet State and Law. – M.: Nauka, 1974. – No. 1. – Pp. 10-18.
5. Vladimirov, V. A. The Main Functions of the Post-Communist State in the Sphere of Domestic Policy: monograph / V. A. Vladimirov. – Tver: TSU, 1992. – 82 p.
6. Guliev, V. E. Russian Statehood: Status and Trends / V. E. Guliev // Political Problems of the Theory of the State. – M., 1993. – Pp. 5-16.
7. Denisov, A. I. The Essence and Forms of the State: monograph / A. I. Denisov. – M.: Publishing House of Moscow State University, 1960. – 67 p.
8. Duguit, L. General Transformations of Civil Law since the Napoleonic Code / Leon Duguit [Translated from French by M. M. Sievers, ed. and with a preface by prof. A. G. Goykhbarg]. – M.: State Publishing House, 1919. – 110 p.
9. Jellinek, G. General Doctrine of the State / Georg Jellinek. – St. Petersburg: Public benefit, 1908. – 750 p.
10. Kask, L. I. Functions and Structure of the State / L. I. Kask; Ed. A. I. Kerimov. – L.: Leningrad State University, 1969. – 65 p.
11. Korkunov, N. M. Lectures on the General Theory of Law / N. M. Korkunov. – St. Petersburg: N. K. Martynov's Legal Bookstore, 1914. – 428 p.
12. Malko, A. V. Incentives and Restrictions in Law. Theoretical and informational aspect: diss… doc. jurid. sciences: 12.00.01 / Alexander Vasilyevich Malko. – Saratov, 1994. – 362 p.
13. Matuzov, N.I., Malko, A.V. Theory of state and law. 2nd ed., revised. and add. / N.I. Matuzov, A.V. Malko. – M.: Jurist, 2007. – 540 p.
14. Parshin, A. What is the state? (Scientific study of the nature of the state) / A. Parshin. – M.: V. Chicherin Printing House, 1907. – 217 p.
15. Petrazhitsky, L.B. General theory of law in connection with the theory of morality / L.B. Petrazhitsky. – SPb.: Joint-Stock Company «Slovo», 1907. – 656 p.
16. Theory of State and Law. Special Part / A.P. Albov, O.N. Vasilyeva, I.S. Demidova [et al.]. 2nd ed., trans. and add. (Higher education). – M.: Yurait, 2024. – 342 p.
17. Fundamentals of the Theory of State and Law / E.S. Zaitseva, E.N. Kozinnikova, N.S. Nizhnik [et al.]. – SPb.: St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2023. – 240 p.
18. Farber, I.E. On the Educational Function of Socialist Law / I.E. Farber // Soviet State and Law. – 1963. – No. 7. – Pp. 142-144.
19. Philosophical Encyclopedia. In 5 volumes. Volume 5: Signal systems - yashts: Index. – M.: Soviet Encyclopedia, 1970. – 740 p.
20. Philosophical Encyclopedic Dictionary / [A.L. Grekulova et al.]; Ed.: S. S. Averintsev et al. - 2nd ed. – M.: Soviet Encyclopedia, 1989. – 814 p.
21. Khropanyuk, V.N. Theory of State and Law / Ed. V.G. Strekozov. 13th ed. revised and sterilized. – M.: Omega-L, 2019. – 323 p.
22. Encyclopedic Dictionary of Brockhaus and Efron. In 86 t. T. 36A. Subvolume 72. – St. Petersburg: Semenovskaya Printing House, 1902. – 476 p.
23. Kelsen N. Ceneral Theory of State and Law. – N.Y., 1961. – 201 p.

ТДУ 343.131

# КАФОЛАТИ ДАХЛНОПАЗИРӢ ВА МУАММОҲОИ АМАЛИШАВИИ ОН ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

# ГАРАНТИЯ НЕПРИКОСНОВЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ В УГОЛОВНОМ ПРОИЗВОДСТВЕ

# GUARANTEE OF IMMUNITY AND PROBLEMS OF ITS IMPLEMENTATION IN CRIMINAL PROCEEDINGS



Авезова З.Б.
Avezova ZB.
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора Таджикского государственного университета права*
*Senior Lecturer, Department of Judicial Law and Prosecutor's Office, Tajik State University of Law, Business and Politics*
e-mail: avezova-79@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ).
*Научная специальность:* 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Scientific specialty:* 12.00.09 – Criminal procedure law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда*: Акилов Ф.И. – мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ, дотсент
*Рецензент*: Акилов Ф.И. – заведующий кафедры юриспруденции и международных отношений Государственного учреждения «Международный институт Худжанда» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат юридических наук, доцент.
*Reviewer*: Akilov F.I. – Head of the Department of Jurisprudence and International Relations of the State Institution «International Institute of Khujand» of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Candidate of Legal Sciences, associate professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаи татбиқи принсипи дахлнопазирӣ, эҳтироми шаъну шараф ҳамчун яке аз принсипҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар он инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ ва неъмат дошта, риояи онҳо вазифаи муҳимтарини давлат мебошад, зоҳир мегардад. Ба андешаи муаллиф, дар мурофиаи ҷиноятӣ риояи ин принсип махсусан муҳим аст, зеро дар мурофиаи ҷиноятӣ робитаи мутақобилаи шахсони ваколатдор ва гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар ҷиноят сурат мегирад. Муаллиф қонунгузорӣ, инчунин андешаҳои олимонро таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки мавҷудият ва татбиқи принсипи дахлнопазирӣ дар мурофиаи ҷиноятие, ки ба мақсади вазифаҳои асосии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ноил гардида, инчунин, риояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон таъмин карда шавад, имкон медиҳад.

*Вожаҳои калидӣ:* дахлнопазирӣ, озодӣ, ҳуқуқ, таъмин, маҳдуд, ба ҳабс гирифтан, дастгир кардан, шаҳодаткунӣ, кафолат, ҳимоя, муоинаи тиббӣ.

*Аннотация*: В статье рассматривается проблема реализации принципа неприкосновенности, уважения чести и достоинства как одного из основных принципов уголовного судопроизводства, который проявляется в том, что человек, его права и свободы являются высшей ценностью и благом, а их соблюдение являются важнейшей обязанностью государства. По мнению автора, соблюдение данного принципа особо актуально в уголовном процессе, так как в нем происходит взаимодействие лиц, наделенных силовыми полномочиями и подозреваемых либо обвиняемых в преступлениях. Подвергнув анализу законодательство, а также мнение ученых, автор пришел к выводу о том, что наличие и реализация принципа неприкосновенности в уголовном процессе позволяют достичь основных целей и задач уголовно-процессуального законодательства, а также добиться соблюдения конституционных прав граждан.
*Ключевые слова:* неприкосновенность, свобода, право, обеспечение, ограничение, арест, задержание, свидетельские показания, гарантия, защита, медицинское освидетельствование.

*Annotation*: The article examines the problem of implementing the principle of inviolability, respect for honor and dignity as one of the main principles of criminal proceedings, which is manifested in the fact that a person, his rights and freedoms are the highest value and good, and their observance is the most important duty of the state. According to the author, observance of this principle is especially relevant in criminal proceedings, since it involves interaction between persons vested with power and suspects or accused of crimes. Having analyzed the legislation, as well as the opinion of scientists, the author came to the conclusion that the presence and implementation of the principle of inviolability in criminal proceedings allow achieving the main goals and objectives of criminal procedural legislation, as well as achieving observance of the constitutional rights of citizens.
*Key words:* inviolability, freedom, right, provision, restriction, arrest, detention, testimony, guarantee, protection, medical examination.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ қайд намуданд, ки масъалаи муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд [10, с.1-3].

Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дахнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд ва воқеан амалӣ гаштани онҳоро кафолат медиҳад [1]. Дар амал татбиқ намудани ин қоидаҳо онро ифода мекунад, ки давлат ва ҳуқуқ пеш аз ҳама ва асосан барои инсон ва шаҳрванд вуҷуд доранд, яъне талаботи аввалиндараҷаи аъзоёни ҷамъиятро воқеан инъикос менамояд, ҳимояи ҳаёти осоишта ва инкишофи озодонаро кафолат медиҳад. Амалишавии ин нуқтаи назар дар принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ифодаи худро ёфтааст. Зеро мазмуни фаъолияти мурофиавии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судиро ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳама ҳуқуқвайронкунӣ, маҳдуднамоии беасос ва беадолатӣ ташкил медиҳад.

Ҳуқуқ ба озодии шахсӣ ба гурӯҳҳои ҳуқуқҳои шахсии инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд, ки ҷудонопазир ва дахлнопазиранд. Дахлнопазирии шахсият ҳамчун принсипи мурофиаи ҷиноятӣ аз кафолатҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқу озодҳои инсон ва шаҳрванд сарчашма гирифтааст, ки дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва мустаҳкам шудааст.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс дар меъёрҳои алоҳидаи

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Масалан, дар қисми 3, моддаи 5 Конститутсия омадааст, ки «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, эҳтиром ва ҳифз карда мешаванд», «давлат ба ҳар кас озодиро кафолат медиҳад».

Дар меъёрҳои конститутсионӣ мафҳуми озодӣ ба мазмуни васеъ ифода ёфта, озодии шахсии инсон, озодии фикр ва баён, озодии иттилоот, озодии виҷдон, озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи истиқомат, озодии ҷинсӣ, озодии иштирок дар намоишҳо, гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо, озодии эҷодиёт ва ғайра дар бар мегирад.

Арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчунон талаб менамояд, ки ин арзиш воло ва дар ҷомеа аз ҳама боло бошад. Ҷомеа ва давлат бояд ифодагар ва ҳимоятгари инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ бошанд [1].

Ҳамчунин Краснов М.А. қайд мекунад, ки вазифаи давлат нисбат ба шахси алоҳида ва ҷамъият чунин баён шавад, ки «давлат ба инсон ва ҷомеа хизмат мекунад, ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ҳифз ва таъмин мекунад, сохти демократии конститутсионӣ, қонуният ва тартиботро ҳимоя мекунад» [9, с. 234].

Давлат ухдадор аст, ба ҳаёти шахсӣ, оилавии шахс дахолат накунад ба озодӣ ва амнияти он дахолат нанамояд, шаъну шарафи инсонии ӯро эҳтиром кунад, ҳаёт ва саломатии инсон, асолати рӯҳӣ (озодӣ) ва эҷодии ӯро ҳамчун воқеияти олии иҷтимоӣ эътироф кунад.

Неъматҳои ғайримоддии зикршуда дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавқеи хоссро ишғол менамоянд. Аз ин рӯ, ҳифзи шаъну шарафи инсон аз туҳмат, таҳқир ва дигар кирдорҳои ба он таҷовузкунанда дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон масъалаи марказиро ташкил намуда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди танзим ва ҳифзнамоӣ қарор дода шуда, то замони мо омада расидаанд.

Дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистони муосир ба масъалаи ҳуқуқ ва неъматҳои маънавиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои соҳавӣ ва қонунҳои алоҳидаи амалкунанда онро мавриди танзими пурра ва ҳамаҷониба қарор додаанд. Муқаррароти мазкури конститутсионӣ, аз як ҷониб, талабот ва мутобиқгардонии низоми ҳуқуқи миллӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ ва талаботҳои меъёрҳои байналмилалӣ бошад, аз ҷониби дигар, муқарраротест, ки дар низомҳои таърихии ҳуқуқии халқи тоҷик дар шакл ва сатҳи хосси замон инъикос гардида, нишон аз меъросияти арзишҳо ва муқарраротӣ ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи миллии Тоҷикистон мебошанд.

Дар ҳама давраҳои инкишофи низоми ҳуқуқ поймол намудан ва расонидани зарар ба шахс ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ, махсусан расонидани зарар ба қадру қиммат ва обрӯю эътибори шахс ҷавобгарӣ ва масъулияти муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, таҳқиқи заминавии масъалаҳои мазкур дар давраҳои гуногуни таърихӣ, махсусияти танзимнамоӣ ва ҳифз намудани ин арзишҳо, проблемаи меросият дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳолати кунунии низоми танзими ҳуқуқӣ ва роҳҳои рушди минбаъдаи қонунгузории амалкунанда дар ин самт зарурати таҳқиқи илмиро талаб менамоянд [7, с. 15].

Хусусияти муҳим ва аҳаммияти амалии ҳуқуқҳои шахсӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар он аст, ки он аз мақомоти давлатӣ иҷрои вазифаҳои дахлдорро талаб мекунад, ки ба ҳаёти шахсии инсон бе асосҳои қонунӣ ва тартиби муқарраршуда дахолат накунанд ва ба озодӣ ва амнияти шахсии ӯ халал нарасонанд.

Сабаби аввалини таҳкими ҳуқуқҳои шахсӣ инчунин дар он аст, ки давлат ухдадор мешавад, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсонро таъмин ва эҳтиром намояд, «аз дахолат ба озодии шахсӣ худдорӣ намояд». Аз ин рӯ, онҳоро ҳуқуқи аввали башар меҳисобанд.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ – ҳамчун неъмати ҷудонашавандаи инсон дар санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунҳои ҷумҳурӣ ба

таври мураттаб ва мустаҳкам карда шудааст.

Дар моддаи 3 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии инсон ба таври зайл ифода шудааст: «Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ дорад» [2].

Ин ҳуқуқ мавзуи шартномаи байналмилалӣ - Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсии соли 1966 гардид, ки тибқи он «Ҳар кас ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ касро худсарона ҳабс кардан ё ба ҳабс гирифтан мумкин нест. Ҳеҷ кас аз озодӣ маҳрум карда намешавад, ба истиснои асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун» [3].

Ин ҳуҷҷат на танҳо ҳуқуқи субъективии ҳар касро ба озодӣ ва дахлнопазирӣ муқаррар намуд, балки ба таври иловагӣ ҳуқуқи муҳокима намудани онро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуд; ҳуқуқи шахс барои ҷуброне, ки ба ҳабси пешакӣ ё боздошти ғайриқонунӣ гирифта шудааст, воситаҳои ҳимояро аз маҳдудкунии ғайриқонунӣ, беасос ё маҳрум кардан аз озодӣ мустаҳкам намуд.

Дар моддаи 2-и Паймони зикргардида ҳамаи давлатҳои аъзои ҳамин Паймонро вазифадор мекунад, ки ба ҳамаи ашхоси дар ҳудуди худ ва тобеияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи он дар ин Паймон эътирофшуда, бидуни ҳеҷ гуна тафовут, нажод, ранг, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё дигар, пайдоиши миллӣ ё иҷтимоӣ, молу мулк, таваллуд ё ҳолати дигар эҳтиром ва таъмин намоянд [3].

Агар гуфтаҳои дар боло зикршуда бо меъёрҳои қонунгузории миллӣ ё дигар меъёрҳо муқаррар нашуда бошанд, ҳар як давлати узви ин Паймон уҳдадор мешавад, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои дар Паймони зикршуда мувофиқи меъёрҳои конститутсионии миллӣ ва муқаррароти ин Паймон чораҳои заруриро андешад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки дар боло зикр шудаанд, қисмҳои таркибии ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошанд (моддаи 10 Конститутсия). Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Паймон дар асоси қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри с. 1998. № 79 ҳамроҳ шуда буд, ки дар Тоҷикистон аз 4-уми апрели с. 1999 амал мекунад. Мутобиқи моддаҳои 9 ва 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор мегиранд ва бевосита амал мекунанд [5].

Ба ин муносибат мазмуни муқаррароти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс (моддаи 3 Эъломия, моддаи 9 Паймон), ки бо боздошт ва ҳабс алоқаманд аст, нисбат ба ҳуқуқи озодӣ, ки дар дар моддаҳои 5, 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, хеле маҳдуд аст. Дар ин ҷо бояд моддаи 11-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд – КМҶ ҶТ) зикр кунем, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсро бо ҳабс алоқаманд намуда, дастгир карданро ҳамчун чораи маҳдуд кардани озодӣ сарфи назар намекунад [4].

Маълум аст, ки маҳдуд кардани озодии шахс, поймол кардани дахлнопазирӣ, ӯ на танҳо ҳангоми ҳабс, балки ҳангоми дастгир кардан, муоина, муоина ва табобати маҷбурӣ низ сурат мегирад.

Раҳматулоев А.Э. қайд мекунад, ки дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонун, танҳо дар сурати мавҷуд будани розигии прокурор ва бо иҷозати суд пешбинӣ шудааст. Яъне, татбиқи маҳдудкунӣ танҳо барои таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҳукм ва ба амалбарории адолати судӣ раво дониста мешавад [11, с.41-45 ].

Бобохонов Ф.А. қайд мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар натиҷаи поймол гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, эътибор, номус, номи нек ва монанди инҳо ба вуҷуд меояд. Амалишавии муқаррароти қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон муаммои маҳдуд кардани озодӣ ва дахлнопазирии шахс дар ҳама

ҳолатҳо, аз ҷумла ҳангоми дастгир кардан, ҳабс, ҳангоми амали тафтишотӣ, фаъолияти опреативӣ-ҷустуҷӯӣ ва татбиқи чораҳои судии дорои хусусияти маҷбурӣ хеле муҳим боқӣ мемонад [7, с. 4]. Чунки мутобиқи моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дахлнопазирии шахсиятро давлат кафолат медиҳад. Ҳеҷ кас набояд дучори шиканҷа, бераҳмӣ ё муносибати ғайриинсонӣ шавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст».

Дар Конститутсия дахлнопазирии шахсиятро метавон ҳамчун ҳуқуқ, манфиати қонунӣ ва ҳамчун ҳолати аз ҷониби давлат ҳифзшавандаи озодӣ ва амнияти шахсӣ фаҳмидан мумкин аст.

Искандаров З.Ҳ. доир ба масъалаи дахлнопазирии шасхӣ қайд мекунанд, ки маҳз ба ҷой овардани эҳтироми шаъну шарафи шахс аз ҷониби мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ имконият фароҳам меорад, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ таъиноти худро иҷро намуда, ба ҷамъият баҳри муқаррар намудани ҳақиқат, адолат ва осоиши ҳуқуқӣ, умуман барои аз рӯйи ахлоқи неки инсонӣ зиндагии саодатмандона кардан, хизмати шоиста намояд. Ҷабҳаи ахлоқии мурофиаи судии ҷиноятӣ ниҳоят муҳим мебошад, чунки ин тарзи баррасии масъалаи гуноҳ дар содир намудани ҷиноят бояд ҷавобгӯи ормонҳои мардумӣ дар бораи ҷиноят ва ҷазо, адлу инсоф ва муносибати инсондустона буда, миёни мардум маъруф гашта бошад. Бинобар ҳамин ҳам, ҳифзи шаъну шараф ва қадру қиммати шахс яке аз ғояҳои таъмини давлатии дахлнопазирии шахсӣ мебошад. Дахлнопазирии ҷисмонӣ, маънавӣ ва руҳӣ ҳамчун ҷузъҳои таркибии дахлнопазирии шахсӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ва маҳз мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки масъулияти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, вазифадор шудаанд, ки шаъну шарафи шахсро эҳтиром намоянд [8, с.147].

Ҳар як шахс ба риояи дахлнопазирии худ манфиатдор аст. Инҳо ниёзҳои табиати инсонӣ ҳастанд, ки барои ӯ хеле мувофиқ аст. Ин манфиати инсонӣ аз ҷониби давлат эътироф, эҳтиром ва ҳифз карда мешавад, он қонунист. Танҳо дар мавридҳои пешбиникардаи қонун ва бо тартиби муқарраршуда дур шудан ё маҳдудшавии ин манфиат роҳ дода мешавад, мисол, ҳангоми таъқиби ҷиноятӣ, кушодани ҷиноят дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ. Дахлнопазирии шахсият (ҷисмонӣ, ахлоқӣ, рӯҳӣ) ҳолати шахсест, ки давлат онро кафолат медиҳад ва бояд таъмин намояд. Дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳолати бехатарӣ ва озодии шахсро сарфи назар кардан мумкин нест. Маҳдуд шудани онҳо танҳо дар мавридҳои пешбиникардаи қонун ва бо риояи шартҳои муайян иҷозат дода мешавад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият, ки бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эълон гардида, дар моддаҳои 5, 17, 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, дар умум бояд риоя карда шаванд. Лекин, онҳо инкор намешавад, ки дар заминаи меъёрии ҳуқуқӣ (на танҳо дар соҳаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ) ва татбиқи амалии ин ҳуқуқ камбудиҳо дар раванди татбиқи он вуҷуд доранд.

Ҳуқуқи конститутсионӣ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ бояд манфиатҳои шахсии шаҳрвандонро дар соҳаи озодии шахс, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва ҷинсӣ, шаъну шараф, дахлнопазирии рӯҳӣ ҳифз намуда, ба шаҳрвандон имкон диҳад, ки аз ҳар гуна маҳдудият дар мурофиаи ҷиноятӣ шикоят кунанд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар ин институти конститутсионӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мешавад.

Масалан, ҳуқуқи конститутсионии озодӣ ва дахлнопазирии шахс, озодии шахсро қонун чӣ гуна ҳифз мекунад?

– Аввалан, агар таҳдиди маҳдуд кардани озодӣ ба миён ояд, шахс метавонад мавҷудияти чунин ҳуқуқро нишон диҳад;

– дуюм, ин ҳуқуқҳо дар Конститутсия пешбинӣ шудаанд, ки меъёрҳои он бевосита амалӣ мегарданд;

– сеюм, амалишавии ин меъёрҳои Конститутсия бояд дар меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муфассал пешбинӣ

карда шаванд, то ки шахс худсарона дастгир ва ба ҳабс гирифта нашавад;

– ҷорум, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои фардии инсон бо мисоли ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ (м. 131 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан (м. 358 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки вақтҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ истифодаи амалҳои тафтишотӣ: азназаргузаронии бадани инсон ё шаҳодаткунонии узви бадани инсон, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои марбут ба ҷиноятҳо бо маводи мухаддир гумонбар мешаванд, гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои электронӣ васеъ паҳн шудааст [6, с.15]. Бинобар ин, ҳуқуқи субъективии озодӣ ва дахлнопазирии шахс аз ҷиҳати назариявӣ такмил додани тартиби татбиқи чораҳои дар боло зикршударо талаб мекунад, то ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ поймол нашавад.

Ин принсип асоси конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс, тавре зикр гардид, бо дарназардошти мазмуни нави меъёрҳои дахлдори санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барои Тоҷикистон хеле муҳим аст. Дар доираи дахлнопазирии шахс қонунгузор ҳуқуқи ҳар касро ба озодӣ ва роҳ надодан ба маҳдудияти онро эътироф мекунад, ба истиснои ҳукми суд. Чунин ба назар мерасад, ки ин қисми меъёрро на «дахлнопазирии шахсӣ», балки «таъмини озодӣ» номидан лозим аст. Дар баробари ин дахлнопазирии шахс ҳамчун нуқтаи аввал (принсипи) асосӣ дар ин меъёри КМҶ ҶТ хеле маҳдуд шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, бо назардошти муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳия намудани принсипи «таъмини озодӣ ва дахлнопазирии шахс», ки асоси ташаккули принсипи воқеии ҳуқуқи дахлнопазирии шахсият ногузир мегардад.

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ҳуқуқ ба озодиро ба таври муайян шарҳ медиҳанд, воситаҳои ҳифзи он, инчунин имкониятҳои миллии танзими ин масъаларо ба таври возеҳ муқаррар мекунад (маънои тартиби дурусти ҳуқуқии маҳрум кардан аз озодиро, ки қонунгузории миллӣ муқаррар кардааст). Ҳар як давлат вазифадор аст, ки барои ҳимоя, татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд санадҳои зарури ҳуқуқиро қабул намояд.

Эълони соҳибихтиёрии давлати мо бо дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд аст. Аммо дар вақтҳои охир дар байни олимони ҷумҳурӣ дар бораи қабул нагардидани «ғояҳои Ғарбӣ ва қобили қабул будани пайвастагӣ» дар қонунгузорӣ ва «ба пеш рафтани» қонунгузор дар ҳалли масъалаи танзими ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд фикру андешаҳо зиёд дида мешавад. Мувофиқи мавқеи аввал, номуносиб будани “ғарбгароӣ” дар қонунгузорӣ дар он аст, ки қоидаҳои Ғарб дар шароити Шарқ бомуваффақият амалӣ намешавад, зеро фарҳанги Шарқ дорои хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ба худ хосро дорад [12, с.170].

Барои саҳеҳ ифода ёфтани мазмуни ин кафолати дахлнопазирӣ ва муаммоҳои амалишавии он дар мурофиаи ҷиноятӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки унсурҳои таркибии дахлнопазирӣ аз инҳо иборатанд:

а) Дахлнопазирии озодии ҷисмонӣ (ҳаёт, тандурустӣ, аз ҷумла озодии ҷинсӣ), ки таъмини кафолатноки чораҳоеро дарбар мегирад, ки шахс наметавонад беасос аз озодӣ маҳрум шавад, таҳти зӯроварӣ ё табобати маҷбурӣ, озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона қарор гирад;

б) Ҳуқуқи субъективии озодӣ ва дахлнопазирии шахс аз ҷиҳати назариявӣ такмил додани тартиби азназаргузаронии бадани инсон ё шаҳодаткунонии узви бадани инсон, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои марбут ба ҷиноятҳои

бо маводи мухаддир гумонбар мешаванд, талаб мекунад, то ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ поймол нашавад.

в) Зарурати бо назардошти муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пешбинӣ намудани принсипи «таъмини озодӣ ва дахлнопазирии шахс», дар моддаи 11 КМҶ ҶТ, ки асоси ташаккули принсипи воқеии ҳуқуқи дахлнопазирии шахсият мегардад, дар доираи дахлнопазирии шахс қонунгузор ҳуқуқи ҳар касро ба озодӣ ва роҳ надодан ба маҳдудияти онро эътироф мекунад. Маълум аст, ки маҳдуд кардани озодии шахс, поймол кардани дахлнопазирӣ, ӯ на танҳо ҳангоми ҳабс, балки ҳангоми дастгир кардан, шаҳодаткунӣ, муоинаи тиббӣ ва табобати маҷбурӣ низ сурат мегирад.

Итминон дорем, ки масъалаҳои номбаршуда минбаъд ҳам мавриди муҳокима ва тадқиқотҳои назариявӣ қарор дода мешаванд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар: бо Қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ 10-уми декабри с. 1948 эълон карда шуд // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=33&language=tj (санаи муроҷиат: 03.01.2025).
3. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ: Бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералии СММ 16-уми декабри с. 1966 қабул шудааст. Мутобиқи моддаи 49 аз 23-уми марти с. 1976 эътибор пайдо кардааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://docs.yandex.ru/docs/view?10-Paimoni-bainalkhalqi-oid-ba-huquqhoi-shahrvandi-va-siesi.pdf&text (санаи муроҷиат: 03.01.2025).
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022 № 1926, № 1927, аз 03.01.2024 № 2017.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, № 1632, аз 23.12.2021 № 1820, аз 03.01.2024 № 2024.
6. Абдуллозода, Н.Р. Правовая основа взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан и органов внутренних дел Российской Федерации в сфере оперативно розыскной деятельности по борьбе с незаконным оборотом наркотиков: автореф. дис… канд. юрид наук: 5.1.4. / Неъматулло Рахматулло Абдуллозода. – М., 2022. – 25 с.
7. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: автореф. дис... н.и.ҳ.: 12.00.01 / Фаридун Аламшоевич Бобохонов. - Душанбе: 2022. – 22 с.
8. Искандаров, З.Ҳ. Эҳтироми шаъну шарафи шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣназариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». 6-уми декабри с. 2024. – Хуҷанд, 2025. – С. 146-152.
9. Краснов, М.А. Введение в конституционное право с разъяснением сложных вопросов / М.А. Краснов. – М.: «Высшая школа экономика», 2020. – 452 с.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри с. 2023 // Минбари халқ. - № 51 (1397), 28-уми декабри с. 2023. – С.1-3.
11. Рахматулоев, А.Э., Кахоров, Н.М. Конституционные принципы правосудия в уголовном судопроизводстве / А.Э. Рахматулоев, Н.М. Кахоров // Проблемы и перспективы совершенствования законодательства и правоприменительной практики органов внутренних дел: Материалы дистанционной международной научно-практической конференции, приуроченной к 55-летию Карагандинской академии МВД Республики Казахстан имени Б. Бейсенова / под общ. ред. С.А. Адилова. -

Караганда: Карагандинская академия МВД Республики Казахстан им. Б. Бейсенова, 2024. - С. 41-45.
12. Холиқзода, А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ (Масъалаҳои ҳуқуқии ташаккули мафкураи миллӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ) / А.Ғ. Холиқзода. - Душанбе: Эр-граф, 2021. – 588 с.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (as amended on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016) // [Electronic resource]. – Access schedule: http://mmk.tj (access date: 13.08.2024).
2. Universal Declaration of Human Rights: proclaimed by the Resolution of the UN General Assembly on December 10, 1948 // [Electronic resource]. – Access schedule: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=33&language=tj (access date: 03.01.2025).
3. International Covenant on Civil and Political Rights: Adopted by resolution 2200 A (XXI) of the UN General Assembly on December 16, 1966. Entered into force on March 23, 1976, in accordance with article 49 // [Electronic resource]. – Access schedule: https://docs.yandex.ru/docs/view?10-Paimoni-bainalkhalqi-oid-ba-huquqhoi-shahrvandi-va-siesi.pdf&text (accessed: 03.01.2025).
4. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan of December 3, 2009, No. 564 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2009, No. 12, art. 815, art. 816; p. 2010, No. 7, Art. 551; Laws of the Republic of Tajikistan dated 24.12.2022 No. 1926, No. 1927, dated 03.01.2024 No. 2017.
5. Law of the Republic of Tajikistan “On Regulatory Legal Acts” dated May 30, 2017, No. 1414 // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, s. 2017, No. 5, p. 1, Art. 271; Law of the Republic of Tajikistan dated 19.07.2019, No. 1632, dated 23.12.2021 No. 1820, dated 03.01.2024 No. 2024.
6. Abdullozoda, N.R. Legal basis for the interaction of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan and the internal affairs bodies of the Russian Federation in the field of operational investigative activities to combat drug trafficking: author's abstract. diss… candidate of legal sciences: 5.1.4. / Nematullo Rakhmatullo Abdullozoda. – M., 2022. – 25 p.
7. Bobokhonov, F.A. Protection of human rights from moral harm: historical-legal and theoretical-legal research: author's ref. diss… candidate of legal sciences: 12.00.01 / Faridun Alamshoevich Bobokhonov. – Dushanbe: 2022. – 22 p.
8. Iskandarov, Z.H. Respect for the dignity of the person in criminal proceedings // Human rights: theoretical and practical issues. Materials of the international scientific-theoretical conference dedicated to the International Human Rights Day, the 30th anniversary of the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan and the declaration of 2024 as the “Year of Legal Enlightenment”. December 6, 2024. – Khujand, 2025. – Pp. 146-152.
9. Krasnov, M.A. Introduction to constitutional law with explanations of complex issues / M.A. Krasnov. – M .: “Higher School of Economics”, 2020. – 452 p.
10. Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 28, 2023 // Minbari Khalq. – No. 51 (1397), December 28, 2023. – Pp.1-3.
11. Rakhmatuloev, Khanyorov, N.M. Constitutional principles of justice in criminal proceedings // Problems and prospects for improving legislation and law enforcement practice of internal affairs bodies: Proceedings of the distance international scientific and practical conference dedicated to the 55th anniversary of the Karaganda Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Kazakhstan named after B. Beisenov / edited by S.A. Adilov. - Karaganda: Karaganda Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Kazakhstan named after B. Beisenov, 2024. – Pp. 41-45.
12. Kholikzoda, A.G. National ideology and law (Legal issues of the formation of national ideology and protection of state independence) / A.G. Kholikzoda. – Dushanbe: Er-graf, 2021. – 588 p.

ТДУ 343.09.068:004

# АҲАММИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

# ЗНАЧЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

# THE IMPORTANCE OF USING INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF CRIMINAL INVESTIGATION



Азамзода А.А.
Azamzoda A.A.
*Унвонҷуи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ёрдамчии прокурори ноҳияи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси дараҷаи 1*
*Соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, помощник прокурора района Рудаки Республики Таджикистан, юрист 1-го класса*
*Applicant of the Department of Criminalistics and Forensic Science of the Faculty of Law of the Tajik National University, Assistant Prosecutor of the Rudaki District of the Republic of Tajikistan, 1st class lawyer*
E-mail: Akmal-azamov93@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ).
*Научная специальность:* 12.00.12 – Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Scientific specialties:* 12.00.12 – Criminalistics; forensic activities; operational-search activity (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда:* Арипов А.Л. – сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.
*Рецензент:* Арипов А.Л. – начальник кафедры информационной безопасности и цифровых технологий факультета № 5 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции.
*Reviewer:* Apipov A.L. – Head of the Department of Information Security and Digital Technologies of Faculty No. 5 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Colonel of militia.

*Аннотатсия*: Дар мақола ба масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва техникаи компютерӣ дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо таваҷҷуҳ шудааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ барои оптимизатсияи фаъолияти мутахассисони криминалистӣ ва кормандони мақомоти тафтишотӣ нақши муҳимме мебозад. Дар рафти тадқиқот муаллиф ба хулосае омад, ки самаранокии истифодаи зеҳни сунъӣ дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо, ҳамчунин дар ҷустуҷӯи маълумоти зарурии далелӣ ба таври калон ба қобилияти он барои тақлид кардани функсияҳои когнитивии мағзи инсон вобаста аст.

*Вохаҳои калдӣ:* технологияҳои иттилоотӣ, ошкорсозии ҷиноят, тафтишоти ҷиноятҳо, барномаҳои махсуси техникӣ, амалҳои тафтишотӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, автоматикунонии ҳисоботҳо.

*Аннотация:* В статье рассматривается вопрос использования информационных технологий и компьютерной техники в раскрытии и расследовании преступлений. Использование информационных технологий и специализированных компьютерных программ играет важную роль в оптимизации работы криминалистов и сотрудников правоохранительных органов. В процессе исследования автор приходит к выводу о том, что эффективность применения искусственного интеллекта в раскрытии и расследовании преступлений, а также в поиске необходимых доказательных данных во многом зависит от его способности имитировать когнитивные функции человеческого мозга.
*Ключевые слова:* информационные технологии, раскрытие преступлений, расследование преступлений, специализированные технические программы, следственные действия, оперативно-розыскные мероприятия, автоматизация учета.

*Annotation:* This article addresses the use of information technologies and computer equipment in the detection and investigation of crimes. The use of information technologies and specialized computer programs plays an important role in optimizing the work of criminologists and law enforcement officers. In the course of the research, the author comes to the conclusion that the effectiveness of using artificial intelligence in solving and investigating crimes, as well as in searching for the necessary evidence, largely depends on its ability to imitate the cognitive functions of the human brain.
*Key words:* information technology, crime detection, crime investigation, specialized technical programs, investigative actions, operational-search activities, automation of accounting.

Компьютеризатсия ва иттилооткунонии ҷомеаи мо дар умум ба ташаккул ва пайдоиши технологияҳои иттилоотии пешрафта ва воситаҳои нав овардаанд, ки бо истифода аз онҳо тафтиш ва ошкорсозии гуногуни ҷиноятҳо хеле осонтар мегардад. Дар ҷаҳони муосир бо рушди пешрафти илмӣ ва техникӣ, технологияҳои иттилоотӣ ҷузъи муҳимми ҳаёти мо мебошанд. Метавон гуфт, ки масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир (минбаъд - IT технологияҳо) дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (минбаъд – МҲҲ) имрӯз ҳам муҳим боқӣ мемонад.

Омори содиршавии ҷиноятҳо дар бо истифодаи IT технологияҳо дар давлатиштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) нишон медиҳад, ки дар соли 2020 шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар самти киберҷиноятҳо 4 маротиба афзудааст: яъне аз 125 244 ҳолат дар соли 2018 то ба 536 516 ҳолат дар соли 2020. Соли 2020 дар кишварҳои аъзои ИДМ, ҳиссаи парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳукми айбдоркунӣ ба суд ирсолшуда 18,2% (2019 – 23%, 2018 – 24,8%) аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар ин самтро ташкил медиҳад, ки 73,6% дар соли 2020 ошкор нашуда монданд (солҳои 2018 – 66,5%; 2019 – 68,4%) [13].

Масъалаи истифодаи IT технологияҳо дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо таърихи тӯлоние дорад. Саҳми муҳим дар таҳияи омилҳои гуногуни истифодаи он дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо гузоштаанд чунин таҳқиқгарон, чун Салимов Б., [10, с. 284-289], Астафева О.А., Бочарова Э.А., Валединская Е.Н. [3, с. 22-26], Комардина А.А., Меняйло Д.В. [7, с. 184-187] ва дигарон.

Ибораи «таъмини иттилоотӣ» дар адабиёти илмӣ бисёр мавриди истифода қарор мегирад. Дал В.И. «таъминоти итилоотиро»-ро чунин шарҳ медиҳад: «ҳар чизе, ки дуруст бошад, таъмин кардани онҷоиз аст» [4, с. 156]. Дар Энсиклопедияи Бузурги Шуравӣ таърифе ба ин шакл омадааст, ки «таъмини иттилоотӣ – ин хидматрасонӣ ба мутахассисон бо иттилооти зарурии илмӣ, техникӣ ва дигар, ки аз ҷониби хизматҳои иттилоотӣ ва мақомоти

дахлдор барои истифодаи минбаъда анҷом дода мешавад» [2, с. 298].

Ҳамин тавр, Ишин А.М. мепиндорад, ки «таъмини иттилоотӣ - ин, пеш аз ҳама, маҷмӯи як низоми ягонаи ҷамъоварӣ ва ба даст овардани иттилоот аз манбаъҳои хориҷӣ ва дохилӣ, низоми ҷараёни иттилоот, ки дар раванди ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо гардиш мекунад, ва инчунин методологияи истифодаи маълумоти мавҷуда ва сохтани базаи маълумоти нав» мебошад [6, с. 25]. Набудани таърифи ҳуқуқии вожаи «таъмини иттилоотӣ» душвориҳои муайяне дар истифодаи он дар ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо эҷод мекунад. Дар ҷаҳони муосир, ки иттилоот манбаи асосӣ аст, зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамаи механизмҳои эҳтимолии ба даст овардани онро пешбинӣ намоянд. Хусусан, барои имконпазир кардани истифодаи таъминоти иттилоотӣ дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо, лозим аст, ки вожаи «таъмини иттилоотӣ» дар санадҳои ҳуқуқӣ тасдиқ карда шавад.

Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир, ки хеле зуд рушд мекунад, эҷоди ва ҷорӣ кардани технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти МҲҲ) хеле муҳим аст, бо мақсади ташвиқи фаъолияти самараноки ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо мебошад.

Натиҷаи тафтишоти амалҳои зиддиқонунӣ дар аксар ҳолатҳо аз андозаи маълумоти муҳим ва криминалистии мавҷуда, ки барои ҳамкорӣ бо кормандони МҲҲ ҷалб мешаванд, вобаста аст. Барои ба даст овардан ва коркард кардани маълумоти зарурӣ дар раванди тафтишоти ҷиноятҳо, дар охирин вақтҳо МҲҲ бештар ва бештар аз IT технологияҳо истифода мебаранд.

Дар назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) -рӯйдоди ягона барои муайян кардани моҳияти ба даст овардани иттилооти компютерӣ вуҷуд надорад. Масалан, Шаров В.И. мепиндорад, ки «дурусттар аст, ки таҳти гирифтани иттилооти компютерӣ танҳо дархост барои гирифтани хабарҳо аз абоненти муайян дар провайдер, маъмурияти мессенҷерҳо ва почтаи электронӣ фаҳмида шавад, яъне амалҳое, ки дар оғоз ва ҷараёни амалҳои зиддиҳуқуқӣ таҳия шудаанд, ва бо қабули он ин чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пайдо шуд» [12, с. 85]. Дар ҳоле, ки ба ақидаи Дубоносов Е.С., дар муайян кардани маънои «гирифтани иттилооти компютерӣ» бояд ба ибораҳои техникии дахлдор муроҷиат карда шавад ва ҳамчунин ҳалли вазифаҳои МҲҲ ба назар гирифта шаванд [5, с. 26].

Бо дар назар гирифтани он, ки технологияҳои муосири амалиёти иттилоотӣ воқеияти махсусро тавассути интиқоли тасвир ва гуногуни хабарҳо эҷод мекунанд, ин на танҳо ҳаёти ҷиноятӣ ва ҷинояткориро ба таври назаррас тағйир медиҳад, балки имкониятҳо барои мубориза бо онҳо боз мекунад, ва ин имкониятҳо лозим аст, ки ҳарчи зудтар ва дар ҳаҷми пурра дар криминалистика муайян кунем. Фаъолияти маълумотӣ-таҳлилӣ дар муайян кардани амалҳои зиддиқонунӣ роҳҳои гуногуни нигоҳдорӣ ва коркарди маълумоти далелӣ ба мақсади қабули қарорҳои гуногуни мурофиавиро дар бар мегирад. Манбаъҳои ба даст овардани маълумоти далелӣ метавонанд гуногун бошанд:

а) маълумот ё муроҷиат дар бораи ҷинояти содиршуда, ё маълумот дар бораи омодагӣ ба амалҳои ҷинояткорона;

б) натиҷаҳои амалҳои тафтишотӣ, инчунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ);

в) хулосаҳои мутахассисон;

г) маълумотҳо аз ҳисоботҳои криминалистӣ;

д) хулосаҳои мутахассисон;

е) маълумотҳо аз ВАО;

ж) маълумотҳои саривақтӣ, ки аз ҷониби иштирокчиёни раванди ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад [8, с. 179].

Ҳамчунин, барои кормандони МҲҲ, муфаттишон ва кормандони оперативӣ, зернизомҳои таъминоти иттилоотии муосир барои корҳои зерин хеле муфиданд мебошад:

– таҳқиқи маводди парвандаи ҷиноятии бисёрҷанба, ки дар он ду ё зиёда айбдоршавандагон мавҷуданд;

– таҳқиқи маълумоти зарурӣ бо мувофиқати маҷмуи парвандаҳои ҷиноятӣ, ки қаблан бо ягон сабаб боздошта шуда буданд;

– таҳқиқи маълумоти зарурӣ дар бораи ҳуҷҷатҳо ва арзишҳои гуногун дар раванди ошкорсозии амалҳои ҷиноятӣ дар соҳаҳои мухталиф.

Ҳамчунин, кормандони МҲҲ дар фаъолияти худ низомҳои иттилоотии навинро истифода мебаранд. Ин низом вазифаҳои муҳиммро барои тафтишот ва ошкорсозии ҷиноятҳо ҳал мекунад, ва ба вижа иҷро мекунад:

– такмили кори кормандони идораҳои тафтишотӣ дар марҳилаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ;

– ташкили ҳисобот ва назорат оид ба ошкорсозии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– ташкили консепсияҳо, ки барои ошкорсозӣ ва тафтишоти парвандаҳои ҷиноятиро дар бар мегиранд;

– ташкили ҳисоботи дактилоскопӣ, инчунин таъйин ва сабт кардани ҷойҳои содиршавии амалҳои ҷиноятӣ барои барқарор кардани он бо истифода аз нақшаҳо.

Имрӯз фаъолияти кормандони МҲҲ бе истифодаи IT технологияҳои навини ғайриимкон аст, зеро такмили таъминоти иттилоотӣ мустақиман ба таъмин намудани техникӣ ва таҷҳизоти МҲҲ вобаста аст. Нақши технологияҳои нави иттилоотӣ дар ҳалли самаранокӣ ва зуд меҳварҳои хизматӣ, ки ба МҲҲ вогузор шудаанд, ба вижа, дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо ба назар мерасад [9, с. 2104-109].

Яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти МҲҲ ин ошкорсозии муваффақи ҷиноятҳо мебошад. IT технологияҳои муосир ҳамчун воситаи муҳим дар расидан ба ин ҳадаф ба ҳисоб мераванд. Аммо, барои таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, на танҳо ошкорсозии ҷиноятҳо ва муҷозоти айбдоршуда муҳим аст, балки пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноятҳо дар оянда мухиммтар буда, бояд ба назар гирифта шавад. Азбаски имрӯз ҷомеа рӯз то рӯз бештар ба ҷомеаи иттилоотӣ табдил меёбад, технологияҳои навин ба воситаи асосии пешгирӣ ва манъ кардани ҷиноятҳо табдил меёбанд. Технологияҳои инноватсионӣ ба кормандони МҲҲ имкон медиҳанд, ки маълумоти ҷустуҷӯиро зуд ба даст оранд, ки на танҳо дар ошкорсозии муваффақи ҷиноятҳо кӯмак мерасонад, балки имкон медиҳанд, ки содиршавии ҷиноятҳо пешгирӣ ва манъ карда шавад.

Дар замони муосир таҳияи алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ ва зеҳни сунъӣ фаъолона рушд мекунад. Маъзараи зеҳни сунъӣ дар стратегияҳои миллӣ барои рушди расонаи сунъӣ муайян шудааст, ки таҳти комплекси ҳалли технологӣ, ки имкон медиҳад функсияҳои когнитивии инсонро (аз ҷумла, худомӯзӣ ва ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо бе алгоритмҳои аз қабл таъиншуда) тақлид кунад ва дар раванди иҷрои вазифаҳои мушаххас натиҷаҳое ба даст орад, ки на камтар аз натиҷаҳои фаъолияти зеҳни инсон баробар мебошанд. Комплекси ҳалли технологӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, нармафзор (аз ҷумла, ки дар он методҳои омӯзиши мошинӣ истифода мешаванд), равандҳо ва хизматҳо барои коркарди маълумот ва ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо шомил мешавад.

Самаранокии истифодаи зеҳни сунъӣ дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо, ҳамчунин дар ҷустуҷӯи маълумоти зарурии далелӣ ба таври калон ба қобилияти он барои тақлид кардани функсияҳои когнитивии мағзи инсон вобаста аст. Алгоритм метавонад худомӯзӣ ва такмили худро амалӣ кунад, ӯ метавонад иттилооти хеле зиёдеро дар миқёсҳои бениҳоят зиёдтар ва хеле зудтар ва самараноктар аз мағзи инсон таҳлил ва коркард кунад, агар маълумот дуруст ворид ва тасвири нишонаҳои ашё ё падидаҳои муайян дуруст шарҳ дода шаванд.

Зеҳни сунъӣ метавонад бе иштироки инсон моделҳои математикии муайянро истифода барад ва одамонеро, ки метавонанд амалҳои зиддиқонунӣ анҷом диҳанд, танҳо дар асоси мимика, ишораҳо ва дигар нишонаҳо, аз байни гурӯҳи шаҳрвандон дар куча ё дар инфрасохтори нақлиёт шеносо кунад. Истифодаи чунин низомҳо инчунин имкон медиҳад, ки ҷустуҷӯи одамон ва боздошти онҳо, ки дар ҷустуҷӯ ҳастанд, амалӣ карда шавад [1, с. 45].

Барномаҳои компютерӣ, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ ва омӯзиши амиқ сохта шудаанд, метавонанд дар асоси таҳлили маълумоти муайян (маълумот аз камераҳои мушоҳида, маълумот дар бораи ҷойгиршавӣ ва маҳалли зисти ҷинояткорон) ҷойҳои эҳтимолии содиршавии ҷиноятҳоро пешгӯӣ кунанд. Аммо, таъкид кардан мумкин аст, ки барои амалӣ кардани ин пешгӯӣ, як миқдори зиёди маълумот лозим аст, вагарна он танҳо тахмин хоҳад буд. Таҳлил кардани ҷиноятҳои гузашта имкон медиҳад, ки эҳтимолияти содир шудани ҷиноятҳои ояндаро пешгӯӣ кунем, ва инчунин, ки онҳо кай ва дар куҷо рух медиҳанд.

Рушди барномаҳое, ки вақт ва макони эҳтимолии содиршавии ҷиноятҳоро пешгӯӣ мекунанд, бояд дар доираи таҳқиқот дар барномаҳои «Шаҳри хирадманд» таҳлил карда шаванд, ки шомили шеносоии чеҳра (дар кӯчаҳо, истгоҳҳо, фурудгоҳҳо, нақлиёт ва ғайра) мебошад. Дар ҳамин ҳол, камераҳои назоратӣ ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани маълумоти зарурӣ дар назар гирифта мешаванд [11, с. 45].

Таҳлил кардани масоили асосии ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо, ки бо истифода аз IT технологияҳо содир мешаванд, имконият дод, ки баъзе мушкилот ошкор карда шаванд:

1. Монеаҳо барои шеносоии ҷинояткорон вуҷуд доранд, зеро ҷинояткорон барои содир кардани амалҳои ҷиноятӣ аз барномаҳои гуногуни рақамгузорӣ барои муҳофизат кардани маълумотҳои худ истифода мебаранд.

2. Дар замони муосир истеҳсол, фурӯш ва истифодаи барномаҳои телефонӣ ва барномаҳои техникии телефонӣ ҳеҷ гуна талаботи қонунӣ надорад, ки ин масъалаҳоро мушкил мекунад ва амалӣ кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои амалҳои зиддиқонунӣ дар ин соҳа дар амал нест.

3. Ҳамчунин, мушкилоти норозигии баъзе сохторҳои тиҷоратӣ, ки дар ҳудуди муайян фаъолият мекунанд, намехоҳанд оид ба содир шудани амалҳои зиддиқонунӣ, ҳам дар бораи худи ширкатҳо ва муштариёнашон, ва ҳам ширкатҳое, ки маълумот дар бораи ҷиноятҳои содиршударо ё омодашаванда доранд, бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳанд.

4. Яке аз мушкилоти асосии таҳқиқи ҷиноятҳо бо истифодаи воситаҳои иртиботи мобилӣ – муайян кардани ҷойи содиршавии ҷиноят мебошад, зеро дар шароити имрӯза ҳар субъекти эҳтимолии ҷиноят метавонад ба осонӣ дар манотиқи гуногун ҳаракат кунад ва ҳангоми ҳаракатшудани ҷойи ҷиноят метавонад геолокатсияи телефони мобилии худро ё воситаи дигари интернетро тағйир диҳад.

Бар асоси натиҷаҳои тадқиқоти анҷомшуда, роҳҳои такмили тадбирҳо ва имкониятҳои истифодаи технологияҳои муосир дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо пешниҳод гардиданд:

1. Барои МҲҲ ва ташкилотҳо, мантиқан лозим аст, ки табодили электронӣ кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти марбутаро бо асоси қонунгузории амалкунанда ва шартномаҳое, ки барои ҳамкории тарафайн ба имзо расидаанд, ташкил намоянд.

2. Мантиқан мувофиқ хоҳад буд, ки дар қонунгузорӣ ҳуқуқи ҷалби кормандони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мутахассис мебошанд, дар тадбирҳои раванди ҳуқуқӣ, ҳангоми анҷом додани ё гирифта шудани дастгоҳҳои электронӣ дар барномаи баёни дониши хос таъин карда шавад, то мутахассисонро аз иҷрои ташхисҳои судии компютерӣ ва техникӣ ҷудо накунанд.

Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва техникаи компютерӣ дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо як низоми фаъолиятҳои ҳаррӯзаи криминалистон, кормандони мақомоти тафтишот, ки бо истифодаи низомҳои автоматизатсия ва барномаҳои махсуси техникӣ алоқаманд аст, мебошад. Ташкили чунин фаъолият бояд дар асоси як қатор амалҳои дақиқ ва пайвастаи кормандон барои ба нақша гирифтани корҳои тафтишотӣ ва ЧОҶ бо истифодаи воситаҳои компютерӣ ва

ҷузъҳои иттилоотии ин амалҳо ва чорабиниҳо ташкил карда шавад.

Истифодаи IT технологияҳо ва воситаҳои нав бояд ба даст овардан, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти криминалистӣ, ки аҳаммияти калидӣ доранд, равона шуда, дар он бояд ҳисоботи криминалистӣ ҷудо карда бошад ва дар шакли интегратсияшуда дастовардҳои технологияҳои коркарди иттилоотиро дар ошкорсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо нишон дода, имкониятҳои автоматикунонии ҳисоботҳоро муайян кунанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Бахтеев, Д.В. Искусственный интеллект в криминалистике: состояние и перспективы использования / Д.В. Бахтеев // Российское право: образование, практика, наука. – 2018. – № 2 (104). – С. 43-49.

2. Большая советская энциклопедия. Том 10. Ива -Италики. 3-е изд. / Глав. ред. А.М. Прохоров. – М.: Советская энциклопедия, 1972. – 592 с.

3. Валединская, Е.Н., Астафьева, О.А., Бочарова, Э.А. Специфика эффективного маркетинга в социальных сетях / Е.Н. Валединская, О.А. Астафьева, Э.А. Бочарова // Дискуссия. – 2017. – № 3. – С. 22-26.

4. Даль, В.И. Толковый словарь живого великорусского языка: избр. ст. / В.И. Даль; совмещ. ред. изд. В.И. Даля и И.А. Бодуэна де Куртенэ. –М.: Олма-Пресс: Крас. пролетарий, 2004. – 700 с.

5. Дубоносов, Е.С. Оперативно-розыскное мероприятие «Получение компьютерной информации»: содержание и проблемы проведения / Е.С. Дубоносов // Известия ТулГУ. Экономические и юридические науки. – 2017. – № 2-2. – С. 24-30.

6. Ишин, А.М. Информационное обеспечение предварительного расследования преступлений: некоторые современные аспекты / А.М. Ишин // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. Серия: Гуманитарные и общественные науки. – 2016. – № 4. – С. 21-28.

7. Комардина, А.А., Меняйло, Д.В., Меняйло, Л.Н. Применение информационных технологий и возможностей цифровизации в деятельности сотрудника ОВД / А.А. Комардина, Д.В. Меняйло, Л.Н. Меняйло // Экономическая безопасность: правовые, экономические, экологические аспекты. Сборник научных трудов 6-й Международной научно-практической конференции. – Курск, 2021. – С. 184-187.

8. Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе / В.А. Лазарева. – 7-е изд., перераб. и доп. –М.: Юрайт, 2022. – 263 с.

9. Салимов, Б.А. Назаров, А.К. Тактикаи криминалистии азназаргузаронии дастгоҳи алоқаи мобилӣ (телефони мобилӣ) ҳамчун манбаи иттилооти исботкунанда / А.К. Назаров, Б.А. Салимов // Илм ва амният. – 2023. – №3 (5). – С. 104-109.

10. Салимов, Б.А. Паҳнкунии идеологияи терроризм ва экстремизм бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ / Б.А. Салимов // Маҷмуаи мақолаҳои II–юмин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (Душанбе, 29 апрели с. 2023). – Душанбе, 2023. – С. 284-287.

11. Степанян, А.И. Предиктивная аналитика в прогностической деятельности полиции современных государств / А.И. Степанян // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2019. – № 4 (84). – С. 43-50.

12. Шаров, В.И. Оперативно-розыскные мероприятия в сети Интернет / В.И. Шаров // Общество и право. – 2018. – № 2 (64). – С. 83-87.

13. Ҳолати ҷинояткорӣ дар соли 2019. Ҳисоботи ҷамъбастии «Дар бораи вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаҳои тафтишоти ҷиноятҳо» дар қаламрави давлатҳо-аъзои ИДМ барои моҳҳои январ-декабри солҳои 2018, 2019, 2020 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ksgp-cis.ru/about/obzory/sostojanie-prestupnosti-v-2019-godu (санаи муроҷиат: 21.01.2025).

**References**

1. Bakhteev, D.V. Artificial intelligence in forensics: status and prospects of use / D.V. Bakhteev // Russian law: education, practice, science. – 2018. – No. 2 (104). – Pp. 43-49.

2. The Great Soviet Encyclopedia. Volume 10. Iva-Italiki. 3rd ed. / Ed. -in-chief A.M. Prokhorov. – M.: Soviet Encyclopedia, 1972. – 592 p.

3. Valedinskaya, E.N., Astafieva, O.A., Bocharova, E.A. Specifics of effective marketing in social networks / E.N. Valedinskaya, O.A. Astafieva, E.A. Bocharova // Discussion. – 2017. – No. 3. – Pp. 22-26.
4. Dahl, V.I. Explanatory Dictionary of the Living Great Russian Language: selected articles / V.I. Dahl; combined ed. by V.I. Dahl and I.A. Baudouin de Courtenay. – M.: Olma-Press: Kras. proletariy, 2004. – 700 p.
5. Dubonosov, E.S. Operational-search measure «Obtaining computer information»: content and problems of implementation / E.S. Dubonosov // Bulletin of Tula State University. Economic and legal sciences. – 2017. – No. 2-2. – Pp. 24-30.
6. Ishin, A.M. Information support for preliminary investigation of crimes: some modern aspects / A.M. Ishin // Bulletin of the Immanuel Kant Baltic Federal University. Series: Humanities and Social Sciences. – 2016. – No. 4. – Pp. 21-28.
7. Komardina, A.A., Menyailo, D.V., Menyailo, L.N. Application of information technologies and digitalization capabilities in the activities of an internal affairs agency employee / A.A. Komardina, D.V. Menyailo, L.N. Menyailo // Economic security: legal, economic, environmental aspects. Collection of scientific papers of the 6th International Scientific and Practical Conference. – Kursk, 2021. – Pp. 184-187.
8. Lazareva, V.A. Proof in criminal proceedings / V.A. Lazareva. - 7th ed., revised. and add. – M .: Yurait, 2022. – 263 p.
9. Salimov, B.A. Nazarov, A.K. Forensic tactics of examining a mobile communication device (mobile phone) as a source of evidentiary information / A.K. Nazarov, B.A. Salimov // Science and Security. – 2023. – No. 3 (5). – Pp. 104-109.
10. Salimov, B.A. Spreading the ideology of terrorism and extremism using information technologies / B.A. Salimov // Collection of articles of the II International Scientific and Practical Conference on the topic "Legal Science and Its Practice" dedicated to the Day of Tajik Science (Dushanbe, April 29, 2023). – Dushanbe, 2023. – Pp. 284-287.
11. Stepanyan, A.I. Predictive analytics in forecasting activities of the police of modern states / A.I. Stepanyan // Bulletin of the St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2019. – No. 4 (84). – Pp. 43-50.
12. Sharov, V.I. Operational-search activities on the Internet / V.I. Sharov // Society and Law. – 2018. – No. 2 (64). – Pp. 83-87.
13. Crime situation in 2019. Summary report «On the situation of crime and the results of criminal investigations» in the territory of the CIS member states for January-December 2018, 2019, 2020 // [Electronic resource]. – Access schedule: https://www.ksgp-cis.ru/about/obzory/sostojanie-prestupnosti-v-2019-godu (access date: 21.01.2025).

ТДУ 34.09

# САМТҲОИ ТАКМИЛИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

# НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ПРАВОВЫХ ОСНОВ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Исходя из этого возникает вопрос, следует ли утяжелять такой повод, как «сообщения в средствах массовой информации» техническими подробностями. И дело, видимо, не в слове «Интернет». Мы склоняемся к тому, чтобы переосмыслить собственное мнение о том, что слово «Интернет» при формулировании поводов в тексте закона неуместно и ему нужно подбирать замену, которая бы четко отражала технические новшества и не разрывала их с понятием СМИ. Сомнения были вызваны все тем же вопросом – нужна ли технологическая перегрузка анализируемого нами повода к возбуждению уголовного дела. Представляется, что в этих добавках больше слов, чем сути. При четкой регламентации СМИ в законодательстве, которое посвящено именно этим средствам, нет необходимости украшать соответствующий повод упоминаниями об интернет-технологиях. И законодателю Республики Таджикистан стоит модернизировать нормативное определение СМИ, содержащееся в Законе Республики Таджикистан «О периодической печати и других средствах массовой информации».

Таким образом, мы невольно приходим к выводу о том, что для уголовно-процессуального закона вполне адекватной и самодостаточной формулой повода является «сообщение о преступлении, распространенное в средствах массовой информации». Но это не означает, что такая формулировка решает все проблемы. Сам по себе этот изначально повод содержит в себе множество проблем, которые тоже требуют своего решения.

На наш взгляд, данный повод является самым неопределенным в современной системе поводов к возбуждению уголовного дела. Более того, в масштабах истории уголовного судопроизводства этот повод, пожалуй, самый молодой. УПК РСФСР 1923 года [6] такого повода не знал. Но необходимость

его внедрения (предлагалась формулировка «сообщения в печати») активно обсуждалась в научной литературе [14, с. 41-42]. Более того, на практике значение этого повода проявилось задолго до принятия УПК РСФСР 1960 года [6]. В нормативных документах прокуратуры СССР четко указывалось на необходимость проверки сообщений, опубликованных в печати. В практическом смысле источником информации о преступлении сообщения в печати стали еще до законодательного закрепления их в форме законных поводов. Под давлением прокуратуры и юридической науки в УПК РСФСР 1960 г. появился такой повод, как «статьи, заметки и письма, опубликованные в печати» (п. 4 ч. 1. ст. 108 УПК РСФСР). Аналогичный повод существовал и в кодексах союзных республик. Пункт 4 ч. 1 ст. 103 УПК Таджикской ССР тоже закреплял формулировку «статьи, заметки и письма, опубликованные в печати».

Надо отметить, что внутри этого повода, имевшего столь конкретную формулировку, изначально был заложен импульс к содержательному расширению. Еще во времена действия УПК РСФСР можно было встретить широкую научную интерпретацию этого повода: «Данное правило следует толковать расширительно, включая в круг поводов к возбуждению уголовного дела сведения о преступлениях, обнародованные не только в печати, но и электронных (радио, телевидение) средствах массовой информации» [12; 9, с. 138]. Таким образом, тенденция технологизации данного повода имеет свою солидную историю.

В современном УПК РФ это повод проявил себя весьма странным образом. Отдельно в перечне системы поводов законодатель его не прописал. Вероятно, его наличие подразумевалось в так называемом «свободном поводе», который был обозначен как «сообщения о готовящемся или совершенном преступлении, полученное из иных источников» (п. 3, ч. 1 ст. 140 УПК РФ). Но этот повод персонально и процедурно проявил себя в другом месте – в ч. 2 ст. 144 УПК РФ, где описывается порядок проверки информации, содержащейся в СМИ.

Закрепленный в законе порядок содержит правило о том, что должностное лицо СМИ, которое опубликовало либо распространило сообщение о преступлении, по требованию лица, правомочного возбудить уголовное дело, обязано передать находящиеся в его распоряжении документы и иные материалы, подтверждающие сделанное сообщение, а также обозначить лицо, предоставившее эти сведения, за исключением случаев, когда это лицо предоставило их с условием сохранения в тайне источника информации. Аналогичные правила о порядке представления информации сохранении конфиденциальности лица содержатся в УПК Республики Казахстан.

Представляется, что эти правила закрепляют конфликтную ситуацию. В ней вступают в противоречие интересы учреждения массовой информации и интересы раскрытия совершившегося преступления. В закрепленном УПК РФ подходе учитываются интересы прессы и игнорируются интересы правоохранительных органов. УПК РФ явно последовал формулировкой статьи 41 Закона РФ от 27 декабря 1991 г. за № 2124-1 «О средствах массовой информации». Может показаться, что данное положение (о засекречивании личного источника информации) есть некая аксиома, которая не может быть поколеблена.

Однако УПК Республики Беларусь публичные интересы ставит выше личных опасений авторов сообщений, распространяемых через СМИ. Часть 3 ст. 171 кодекса «Сообщение в средствах массовой информации» гласит, что «Источник информации и имя лица, представившего сведения, должны быть названы только по требованию органа, ведущего уголовный процесс, если это необходимо для предварительного расследования или рассмотрения дел, находящихся в его производстве» [3].

На наш взгляд, это очень правильное и логичное положение. Оно ничуть не противоречит принципам защиты личности. Все очень просто и конкретно. Лицо, решившее распространить сообщение о преступлении на суд широкой общественности, может быть неизвестно публике, но органам расследования знать о нем допустимо и, боле того,

необходимо. Если лицо избрало такой публичный способ заявления о преступлении (обнародование), оно должно знать, что ему придется подтвердить это сообщение лично перед компетентными органами с соблюдением всех процедур, в том числе и предупреждением об ответственности за ложный донос.

В УПК РТ процессуального порядка принятия и проверки повода «сообщения в средствах массовой информации, в том числе в сети Интернет» не предусмотрено. Поэтому этот повод в каком-то смысле тоже представляет собой относительно свободный повод. То есть, это тот повод, для которого не предусмотрено законодательной процедуры. В связи с этим этот повод можно назвать номинальным (просто поименованным), но никак не формально определенным. Такой подход был более приемлем для советских кодексов.

Современное уголовно-процессуальное законодательство идет другим путем. И положительным примером в этом плане является УПК Республики Беларусь. Статья 171 «Сообщение в средствах массовой информации» компактно, но емко раскрывает процедуру проверки этого повода, вооружая органы компетентные возбуждать уголовное дело необходимыми полномочиями. Полагаем, что данный опыт целесообразно учесть и законодателю Республики Таджикистан.

Но не мене интересным является опыт стран, которые не включают данный повод в систему поводов для возбуждения уголовного дела. Так это делает, например, новый УПК Кыргызской Республики [2]. Здесь тоже есть свои основания для размышления. И основания эти возникли достаточно давно. К примеру, А.П. Попов в свое время пришел к выводу о том, что «заметки и письма, опубликованные в печати», это разновидность (по сути, а не по форме) такого повода как «непосредственное обнаружение признаков преступления» [11, с. 12].

Подводя итоги сказанному, мы хотим сделать акцент на том, что такой повод как «сообщения в средствах массовой информации» недостаточно изучен наукой и испытан практикой. Он требует дальнейшего теоретического и практического исследования, в том числе в части необходимости учета в нем новых информационных технологий.

**Использованная литература**

1. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года, № 564 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 03.01.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30594304.
2. Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, № 129 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://cbd.minjust.gov.kg/112308/edition/8273/ru
3. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь от 16 июля 1999 года, № 295-З // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414958
4. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, № 231-V // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852
5. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, № 174-ФЗ // СПС Консультант Плюс.
6. Уголовно-процессуальный кодекс РСФСР (утв. ВС РСФСР 27.10.1960) // СПС Консультант Плюс.
7. Анисимова, А.С. К вопросу о понятии сети «Интернет» в теории права и законодательстве / А.С. Анисимова // Юридическая наука. – 2015. – № 4. – С. 5-8.
8. Гамидов, А.М., Хайбулаева, М.Ш. Актуальные проблемы стадии возбуждения уголовного дела / А.М. Гамидов, М.Ш. Хайбулаева // Государственная служба и кадры. – 2021. – № 1. – С. 182-183.
9. Ларин, А.М., Мельникова, Э.Б., Савицкий, В.М. Уголовный процесс России: лекции-очерки / под ред. В.М. Савицкого. - М.: Бек, 1997. – 314 с.
10. Наимов, С.С. Особенности законодательного закрепления поводов и основания к возбуждению уголовного дела в УПК Республики Таджикистан / С.С. Наимов // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2024. – № 2(66). – С. 167-171.

11. Попов, А.П. Непосредственное обнаружение признаков преступления как повод к возбуждению уголовного дела: дис… канд. юрид. наук: 12.00.09 / Алексей Павлович Попов. – Нижний Новгород, 1999. – 166 с.
12. Постановление ВЦИК «Об утверждении Уголовно-Процессуального Кодекса Р.С.Ф.С.Р.» (вместе с «Уголовно-Процессуальным Кодексом Р.С.Ф.С.Р.») от 15.02.1923 (ред. от 31.01.1958) // СПС Консультант Плюс.
13. Рамазанов, Р.А. Перспективы совершенствования стадии возбуждения уголовного дела / Р.А. Рамазанов // Журнал правовых и экономических исследований. – 2024. – № 2. – С. 128-132.
14. Рахунов, Р.Д. Возбуждение уголовного дела в советском уголовном процессе: монография / Р.Д. Рахунов. - М.: Госюриздат, 1954. – 88 с.
15. Сасыкин, К. Ю. Об истории стадии возбуждения уголовного дела: предпосылки возникновения и предложения по развитию / К.Ю. Сасыкин // Судебная власть и уголовный процесс. – 2022. – № 2-3. – С. 80-98.
16. Юлдошев, Р.Р. Совершенствование отдельных направлений стадии возбуждения уголовного дела в Таджикистане / Р.Р. Юлдошев // Академическая мысль. – 2019. – № 3(8). – С. 147-151.

## References

1. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan of December 3, 2009, No. 564 (with amendments and additions as of January 3, 2024) // [Electronic resource] – Access mode: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30594304.
2. Criminal Procedure Code of the Kyrgyz Republic of October 28, 2021, No. 129 // [Electronic resource] - Access mode: https://cbd.minjust.gov.kg/112308/edition/8273/ru
3. Criminal Procedure Code of the Republic of Belarus of July 16, 1999, No. 295-Z // [Electronic resource] - Access mode: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414958
4. Criminal Procedure Code of the Republic of Kazakhstan of July 4, 2014, No. 231-V // [Electronic resource] - Access mode: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852
5. Criminal Procedure Code of the Russian Federation of 18.12.2001, No. 174-FZ // SPS Consultant Plus.
6. Criminal Procedure Code of the RSFSR (approved by the Supreme Council of the RSFSR on 27.10.1960) // SPS Consultant Plus.
7. Anisimov, A.S. On the concept of the Internet in the theory of law and legislation / A.S. Anisimov // Legal science. - 2015. - No. 4. - Pp. 5-8.
8. Gamidov, A.M., Khaibulaeva, M.Sh. Actual problems of the stage of initiation of a criminal case / A.M. Gamidov, M.Sh. Khaibulaeva // Civil service and personnel. – 2021. – No. 1. – Pp. 182-183.
9. Larin, A.M., Melnikova, E.B., Savitsky, V.M. Criminal procedure in Russia: lectures and essays / edited by V.M. Savitsky. – M.: Bek, 1997. – 314 p.
10. Naimov, S.S. Features of legislative consolidation of reasons and grounds for initiating a criminal case in the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan / S.S. Naimov // Legal science and practice: Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2024. – No. 2 (66). – Pp. 167-171.
11. Popov, A.P. Direct detection of signs of a crime as a reason for initiating a criminal case: diss… Cand. of Law: 12.00.09 / Aleksey Pavlovich Popov. – Nizhny Novgorod, 1999. – 166 p.
12. Resolution of the All-Russian Central Executive Committee «On Approval of the Criminal Procedure Code of the RSFSR» (together with the «Criminal Procedure Code of the RSFSR») dated 15.02.1923 (as amended on 31.01.1958) // SPS Consultant Plus.
13. Ramazanov, R.A. Prospects for Improving the Stage of Initiating a Criminal Case / R.A. Ramazanov // Journal of Legal and Economic Research. – 2024. – No. 2. – P. 128-132.
14. Rakhunov, R.D. Initiation of a Criminal Case in Soviet Criminal Procedure: Monograph / R.D. Rakhunov. – M.: Gosyurizdat, 1954. – 88 p.
15. Sasykin, K. Yu. On the history of the stage of initiation of a criminal case: prerequisites for its emergence and proposals for development / K. Yu. Sasykin // Judicial power and criminal procedure. – 2022. – No. 2-3. – Pp. 80-98.
16. Yuldoshev, R.R. Improving individual areas of the stage of initiation of a criminal case in Tajikistan / R.R. Yuldoshev // Academic thought. – 2019. – No. 3 (8). – Pp. 147-151.

**ТДУ 351.74**

# НАҚШИ МИТИТСИЯ ДАР НИЗОМИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

# РОЛЬ МИЛИЦИИ В ЕДИНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИСТЕМЕ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ И ЛИКВИДАЦИИ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ ПРИРОДНОГО И ТЕХНОГЕННОГО ХАРАКТЕРА

# THE ROLE OF THE POLICE IN THE UNIFIED STATE SYSTEM FOR THE PREVENTION AND ELIMINATION OF EMERGENCIES OF NATURAL AND MAN-MADE NATURE

НУРУЛЛОЗОДА М.
NURULLOZODA M.
*Сардори Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар ш. Кулоб, унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*Начальник Государственного образовательного учреждения Колледж милиции МВД Республики Таджикистан, расположенного в г. Куляб, соискатель Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции*
*Head of the State Educational Institution Police College of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, located in Kulyab, applicant for the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, Major of militia*



e-mail: hifzf5@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).

*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность; правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity; law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Тақриздиҳанда:* РУСТАМЗОДА А.Қ. – сардори кафедраи назарияи идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

*Рецензент*: РУСТАМЗОДА А.К. – начальник кафедры теории управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

*Reviewer*: RUSTAMZODA A.K. – Head of the Department of Theory of Law Enforcement Management, Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, lieutenant colonel of militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола вазифаҳои милитсия вобаста ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сухторхомушкунӣ, наҷотдиҳии шаҳрвандон, ҳифзи моликияти онҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табииву техногенӣ равшан сохта шуда, мавқеи муаллиф оид ба мукаммалгардонии фаъолият дар ин самт мушаххас гардидааст.

*Вожаҳои калидӣ*: вазифа, функсия, милитсия, сухторхомӯшкунӣ, наҷотдиҳӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, низоми ягона, ҳолатҳои фавқулоддда, табиӣ, техногенӣ.

*Аннотация:* В статье уточняются задачи милиции по обеспечению общественного порядка, тушению пожаров, спасению граждан, защите их имущества, предупреждению правонарушений в Единой государственной системе предупреждения и ликвидации чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера, а также конкретизируется позиция автора по совершенствованию деятельности в этой сфере.
*Ключевые слова:* обязанность, функция, милитсия, пожаротушение, спасение, обеспечение общественного порядка, профилактика правонарушений, единая система, чрезвычайные ситуации, природные, техногенные

*Annotation:* The article specifies the tasks of the police to ensure public order, extinguish fires, rescue citizens, protect their property, prevent offenses in the Unified State System for the Prevention and Elimination of Emergencies of Natural and Man-Made Nature, and also specifies the author's position on improving activities in this area.
*Key words:* duty, function, militia, fire extinguishing, rescue, maintaining public order, crime prevention, unified system, emergency situations, natural, man-made

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати мавқеи географӣ дар минтақае қарор дорад, ки ҳамавақт мавҷудияти дараҷаи баланди хатари рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ дар миён аст, ки ин зарурати коркард ва пайдо намудани роҳҳои нави ҳалли мушкилоти муҳофизат аз ин гуна хатарҳо тавассути амалӣ намудани тарзу усулҳои муосири пешгӯӣ ва пешгирӣ кардани ин гуна хатарҳоро ба миён меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгӯӣ, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддда Низоми ягонаи давлатӣ фаъолият менамояд, ки яке аз вазифаҳои асосии Низоми ягонаи мазкур татбиқи маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба пешгирӣ ва кам кардани хатари ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи саломатии одамон, кам кардани талафоти моддӣ ва зарар ба муҳити зист нигаронида шудаанд [9].

Тартиби истифодабарии қувва ва воситаҳои Низоми ягона дар қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ муайян карда шудаанд [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7].

Масалан, тибқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», Низоми ягона ҳамчун сохтори муттаҳидсозандаи мақоми идоракунии қувваю воситаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки ҳалли масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиию техногенӣ ба салоҳияти онҳо марбутанд, муқаррар гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2014 фаъолияти ин низом танҳо дар доираи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва фаъолияти Комиссияи давлати оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҳалу фасл мегардид. Баъдан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» фаъолияти низом ба таври пурра ба танзим даровარда шуда, вазифа ва функсияҳои мақоми ваколатдор ва зернизомҳо муайян карда шуданд. То соли 2014, зерсохторҳои Низом ягона амалан фаъолияти худро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар сатҳи зарурӣ систематизатсиянашуда ба роҳ мемонданд.

Яке аз сохторҳои калидии Низом - Комиссияи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи с. 2002, № 323 фаъолият менамояд.

Баъди панҷ соли фаъолият бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи с. 2002, № 323 «Оид ба масъалаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулоддда» аз 3-юми августи с. 2007, № 416, ба ҳайати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулоддда тағйирот ворид карда шуд.

Зимни қабули қарори нав, вазифаҳои комиссия бо таври назаррас тағйир наёфтанд, ки онҳо фарогири самтҳои зерин мебошанд:

1. Идоракунӣ:

– татбиқи сисёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатқои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ;

– идоркунии мутамаркази фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки барои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиию техногенӣ сафарбар мегарданд;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти қувваю воситаҳое, ки дар гузаронидани корҳои садамвию наҷотдиҳӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ширкат меварзанд.

2. Ҳамкорӣ:

– ҳамоҳангсозии вазорату идораҳо ҷиҳати таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда;

– татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти баланд бардоштани устувории иншоотҳои иқтисодӣ, ки фаъолияти онҳо дар давраи ҳолатҳои фавқулодда бояд қатъ нагардад [8];

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2015, № 799 Низомномаи нави Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда тасдиқ шуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи с. 2002, № 323, «Масъалаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда» аз 3-юми августи с. 2007, № 416 ба ҳайати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар таҳрири нав ифода карда шудааст, бекор карда шуд.

Тибқи қарори мазкур, Комиссия мақомоти доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳамоҳангсози Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда эътироф гардидааст.

Дар замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2015, № 799 дар бораи тасдиқи Низомномаи нави Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулоддда, ҳайати Комиссияи мазкур мутобиқи низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуд. Раисии Комиссияро дар сатҳи ҷумҳурӣ Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад. Вазири корҳои дохилиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзо дар ҳайати Комиссия фаъолият менамояд. Дар ҳайти умумии комиссия 40 нафар роҳбарони аввали вазорату идораҳои давлатӣ шомил мебошанд [10], ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. То соли 2014 ҳайати мазкур 44 нафарро ташкил медод. Бо сабабҳои тағйири сохторӣ дар баъзан мақомоти давлатӣ, ҳайати он кам карда шуд. Бо ҳамин тартиб Комиссия дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо таъсис дода шудааст, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда онҳо ба фаъолият шуруъ менамоянд.

Дар низомномаи нав чунин вазифаҳои иловагӣ ба комиссия вогузор гардиданд, ки ба фаъолияти системаи ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда вобастагӣ доранд:

– мусоидат намудан ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона дар ҳалли масъалаҳои расонидани кӯмаки зарурии иҷтимоӣ ва дигар кӯмакҳо ба шаҳрвандон, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд, инчунин ба шаҳрвандон, ки барои рафъи онҳо ҷалб гардидаанд;

– мусоидат намудан ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи

зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона ҳангоми гузаронидани корҳои барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда;

– омода намудани пешниҳодот ҷиҳати муқаррар намудани муносибатҳои шартномавӣ бо давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои огоҳонии тарафайн, кӯмакрасонӣ дар бобати пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ;

– омода намудани пешниҳодот оид ба ташаккули низоми чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва дигар чораҳо, ки ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддда равона гардидаанд;

– омода намудани пешниҳодот оид ба расонидани дастгирии моддию молиявӣ ба зарардидагони ҳолатҳои фавқулоддда;

– омода намудани пешниҳодот оид ба тақсимоти захираҳои молиявӣ ва моддию техникие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъ намудани ҳолатҳои фавқулоддда, анҷом додани тадбирҳои таъҷилию таъхирнопазири пешгирӣ ва рафъ намудани оқибати ҳолатҳои фавқулодддаи ногаҳон бамиёномада ҷудо менамояд;

– назорат аз болои истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ, инчунин, сарватҳое, ки аз ҳисоби захираи моддии давлатӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддда ҷудо мегарданд;

– таъмини ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳо дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, ҳамчунин барқарорсозӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, иншооти хоҷагии коммуналию манзилӣ, соҳаи иҷтимоӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва муҳандисӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд ё вайрон шудаанд;

– ташкили захираҳои манбаъҳои молиявӣ моддию ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

– амалӣ намудани фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Комиссия марбутанд;

– муқаррар намудани нуқтаи назари ягона ба баҳодиҳии ҳолатҳои фавқулоддда, муайян намудани ҳудуди минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда.

Ҳамзамон бо карори мазкур сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягона тасдиқ карда шудааст, ки аз зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудӣ иборат мебошад, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, маҳаллӣ ва иншоотӣ амал менамояд. Вобаста аз вазъият Низом дар се реҷа фаъолияти пурсамари худро ба роҳ мемонад: фаъолияти ҳаррӯза, реҷаи омодагии баланд, реҷаи ҳолатҳои фавқулодда.

Қувва ва воситаҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, мақомоти ҳудудӣ, ҳангоми рафъи ҳолатҳои фавқулоддда тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» истифода карда мешаванд.

Идоракунии Низоми ягона бо истифода аз Низоми умумидавлатии маҷмуавии иттилоотонӣ ва хабардорсозӣ, ки шабакаи муттаҳидшудаи ташкилотию техникии қувва, воситаҳои алоқа ва хабардорсозӣ, шабакаҳои пахш, маҷроҳои шабакаҳои алоқаи истифодаи умумӣ ва идоравӣ, ки расонидани маълумот ва бонгҳои огоҳсозиро то мақомоти идоракунӣ, қувваҳои Низоми ягона ва аҳолӣ таъмин менамоянд, амалӣ карда мешавад. Дар шароити муосири рушди технологияҳои алоқа истифодаи системаҳо ва техналогияҳои зеҳнии геоиттилоотӣ, низомҳои интиқоли радиорелегӣ ва моҳворавӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи алоқа ва идоракунӣ интиқоли бисёрканала, системаҳои интиқоли рақамӣ, шабакаҳо ва телефонияи IP, технологияҳои беноқили интиқоли иттилоот, системаҳои алоқаи сайёр бояд истифода бурда шаванд. Агар иттилооти зарурӣ махфӣ бошад ва ҳимояи техникии он зарур бошад метавонем аз усулҳои криптографии ҳимояи иттилоот истифода барем.

Истифодабарии афзалиятноки ҳамагуна шабакаҳо ва воситаҳои алоқа, боздоштан ё маҳдудкунии шабакаҳои мазкур дар вақти ҳолатҳои фавқулоддда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Таъмини иттилоотонӣ дар Низоми ягона бо истифода аз хадамоти ягонаи давлатии навбатдорию диспетчерӣ - низоми автоматикунонидашудаи иттилоотию идоракунӣ амалӣ карда мешавад, ки маҷмуи низомҳои техникӣ, воситаҳои алоқа ва хабардорсозӣ, автоматизатсия ва воситаҳои иттилоотониро дарбар мегирад ва мубодилаи маълумот, тайёрӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, таҳлил ва расонидани маълумотро таъмин менамояд.

Барои даъвати таъҷилии сохторҳои Низоми ягона дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами кутоҳи фаврии 112-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати фаъол қарор дорад [11]. Дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами фаврии 02 ё дар баъзан шабакаҳои мобилӣ 102 барои даъвати таъҷилӣ истифода бурда мешавад. Ҳамзамон барои беҳтар намудани шароити дастрасии алоқаи аҳолӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ «Телефони боварӣ»-и ВКД 221-21-21 ва алоқаи «Мадад-1919» шабонарӯз фаъол мебошад, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда, онҳоро низ метавон истифода бурд [13].

Ҷамъоварӣ ва мубодилаи маълумот дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда аз ҷониби МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардидаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягона номгӯйи зернизомҳои вазифавии сатҳи ҷумҳуриявии Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, ки дар вазорату идораҳо ташкил карда мешаванд, муқаррар кардааст. Дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зернизоми вазифавии “Муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар ҳолатҳои фавқулодда” ва зернизоми “Огоҳкунӣ ва хомӯшкунии сӯхтор” фаъолият менамояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар давраи осоишта низ ҳадафҳои стратегии МКД ин таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, пурзӯр намудани нақши мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун кафили амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, беҳтар намудани батанзимдарории ҳуқуқии пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла дар соҳаи иттилоот, коррупсия, терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба ин гуна зуҳурот мусоидаткунанда, рушди ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани боварии шаҳрвандон нисбати мақомоти корҳои дохилӣ ва таҳким бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад [12].

Пешгирии ҷинояткорӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии таъмини субот ва оромӣ дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, он ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Барои бо муваффақият иҷро намудани вазифаҳои дар назди МКД дар шароитҳои рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ гузошта шуда, роҳбарияти аввал ва ҷузъу томҳо бояд омодагии ҳамаҷониба дошта бошанд. МКД, ки ҳамчун зернизоми Низоми ягона дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда фаъолият менамояд, дорои ду гурӯҳ вазифаҳо мебошад. Якум вазифаҳое, ки пеш аз рух додани ҳолатҳои фавқулодда бояд амалӣ карда шаванд: коркарди нақшаи намунавии амалиёти ҷузъу томҳои МКД ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда, омӯзиши ҳайати шахсӣ. Дуюм гурӯҳ вазифаҳо инҳоро дар бар мегиранд: ташкил намудани ситоди

оперативӣ, таъсис додани гурӯҳи оперативӣ ва вазифагузории ҳайати шахсӣ, таъмини моддию техникии ҳайати шахсӣ ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ.

Барои бо муваффақият иҷро намудани вазифаҳо чунин чорабиниҳои иловагӣ бояд амалӣ карда шаванд:

– хабардор намудани мақомотҳои маҳали ба ғайр аз ин мақомоти болои ҳокимияти давлатӣ оиди сар задани ҳолатҳои фавқулоддаи табиию техногенӣ;

– муайян намудани миқдори қувва ва воситаҳои МКД аз ҷумла, қувваҳои захиравӣ ва ҳайати гурӯҳи оперативӣ ва қуваҳое, ки барои наҷоти аҳолӣ ҷудо карда шудаанд;

– муайян намудани ҳайати ситоди оперативӣ ва уҳдадории функсионали аъзоёни он;

– муайян намудани миқдори гурӯҳҳои оперативӣ ва уҳдадории функсионалии онҳо;

– тартиб додани номгӯ ва амалҳои таъхирнопазир ва пайдарпайи қисмҳои навбатдорӣ; ташкили низоми аллоқа ва ҳамкори мутақобилаи итилооти ҷузъу томҳои МКД;

– ба роҳ мондани тартиби ҳамкори мутақобили итилооти бо ҷузъу томҳои МКД дар нуктаи наздиктарини ҳудуди ҳолати фавқулодда қарор дошта, қушунҳои дохилӣ ва дигар қисмҳои ҳарбии қувваҳои мусаллаҳ, ба ғайр аз ин бо дигар мақомотҳи давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

– ба роҳ мондани таъминоти моддӣ-техники ва тиббӣ ҳайати шахсӣ;

– ташкили корҳои сиёсӣ тарбиявӣ бо ҳайати шахси ва таъмини қонуният дар фаъолияти онҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда.

Ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ тибқи нақшаҳои пешакӣ тарҳрезишуда, МКД ҳамчун зернизоми Низоми ягона бояд ба фаъолияти пурзур шуруъ намояд. Дар чунин ҳолатҳо ҳамчун қоида дастгоҳи бевоситаи идоракуни қувва ва воситаҳо таъсис дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташкили низоми алоқа яке аз вазифаҳои аввалияи муҳим дар ҳолати фавқулодда буда, огоҳонидан, ташкил ва тарзи истифодаи дурусти он барои пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодда, мусоидат мекунад.

Дар умум бояд қайд намуд, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи табиию техногенӣ, МКД дар доираи фаъолияти худ ҳамчун зернизоми Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда тамоми вазифа ва уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин мақомот муқаррар кардааст, иҷро менамояд.

Ҳамкории МКД бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи Низоми ягона оид ба масъалаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ чунин чорабиниҳоро дар бар мегирад:

– назорат ба риояи қонунҳои соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ;

– ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи саломатӣ;

– ташкили ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, дигар намудҳои кӯмаки тиббию санитарӣ, таъмини дастрасии он ба аҳолӣ, назорат ба риояи намунаҳои сифати кӯмаки тиббию санитарӣ, таъмини шаҳрвандон бо доруворӣ ва воситаҳои тиббӣ дар ҳудуди тобеи идора;

– муҳайё сохтани шароит барои инкишофи фаъолияти хусусии тиббӣ;

– таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ ва шароит барои амалӣ гардондани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар ҳудуди минтақаи гирифтори касалиҳои сирояткунанда дучор гардида;

– ошкор намудани омилҳое, ки ба саломатиии аҳолӣ таъсири бад мерасонанд ва гузаронидани чорабиниҳо барои бартараф сохтани онҳо, амалӣ гардонидани чорабиниҳои пешгирӣ аз беморихо, санитарию гигиенӣ, зиддиэпидемӣ ва ҳифзи табиат;

– ҳифзи муҳити атроф ва таъмини бехатарии экологӣ;

– боз доштани фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қатъи назар аз шакли моликият, ки дар ҳудуди тобеи идора мавҷуд буда, талаботи ҳифзи саломатии аҳолиро риоя намекунанд.

Вазифаи дигаре, ки ба уҳдаи МКД дар Низоми ягона вогузор гардидааст ин огоҳкунӣ ва хомӯш намудани сӯхтор мебошад. Ин вазифаро МКД тавассути Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - СХДО ВКД) ва ҷузъу томҳои он амалӣ менамояд. Сарраёсати мазкур барои аз сӯхтор муҳофизат намудани ҳаёт ва саломатии одамон, арзишҳои моддӣ, ташкил ва амалӣ сохтани назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар маҳаллаҳои аҳолинишин, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода шудааст. Дар фаъолияти худ СХДО ВКД Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор ва дигар санадҳои меъёриро дастури амал қарор медиҳад.

Ба сохтори мақомоти СХДО ВКД дохил мешаванд:

– раёсатҳо ва шуъбаҳои Хадамоти давлатии оташнишонии ҳокимияти иҷроияи маҳалии вилоятҳо ва шаҳрҳу ноҳияҳо;

– қисмҳои мустақил, дидбонгоҳ-ҳои алоҳидаи ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ, нозироти назорати хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати шаҳрҳо, маркази ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмҳои ҳарбикунонидашудаи хадамоти давлатии оташнишонӣ оиди муҳофизати иншоотҳои хоҷагии халқ;

– ҷузъу томхо ва дигар мақомоти СХДО ВКД, аз ҷумла муассисаҳои махсуси таълимии касби оташнишонӣ-техникӣ, инчунин корхонаву муссисаҳои махсус дар соҳаи оташнишонӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи огоҳонӣ ва хомуш намудани сӯхторро ҳам дар давраи осоишта ва ҳам дар шароити махсус яъне, рух додани ҳолатҳои фавқулодда дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ба танзим даровара мешавад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии таъмини бехатарӣ аз сӯхторро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, ҳамчунин байни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар ин соҳаро танзим менамояд.

СХДО мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– иҷрои барномаи давлатии соҳаи бехатарӣ аз сӯхторро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад;

– тадбирҳои давлатӣ, танзими меъёрҳоро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор таҳия ва амалӣ мегардонад;

– назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхторро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва амалӣ мегардонад;

– муҳофизати маҳалҳои аҳолинишин ва корхонаҳоро аз сӯхтор ва дигар кору хизматрасониро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор бо тартиби маъмулӣ ташкил мекунад ва ба амал мебарорад;

– хомӯш намудани сӯхторро таъмин ва амалӣ мегардонад;

– фаъолияти тадқиқоти илмӣ, тарғиби дониш, омӯзиши шаҳрвандон ва мутахассисонро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ташкил мекунад;

– кори вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаю ташкилот ва муассисаҳоро, новобаста аз шаклҳои моликият, дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ҳамоҳанг месозад;

– бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ меъёру стандартҳо ва қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхторро тасдиқ ва мувофиқа менамояд, баҳисобгирии давлатиро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ба роҳ мемонад;

– фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва сертификатониро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор амалӣ менамояд; ба вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шаклҳои моликият ва ба шаҳрвандон дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор амрнома ва дигар санадҳои меъёрии иҷрояшон ҳатмӣ медиҳад;

– фаъолияти мақомоти идора ва воҳидҳои хадамоти давлатии оташнишониро аз ҷиҳати молиявӣ ва моддию техникӣ таъмин менамояд;

– фаъолияти дигар намудҳои хадамоти оташнишониро ҳамоҳанг месозад; таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони хадамоти давлатии оташнишониро ба роҳ мемонад [5].

Баррасии масоили матраҳшуда моро ба чунин хулосабарорӣ мувоҷеҳ месозад:

1. Вазифаҳои МКД дар ҳолатҳои фавқулодда маҷмуи таъсири мутақобилаи фаъолияти ташкилию ҳуқуқии МКД-ро дар бар мегиранд, ки барои ҳалли масъалаҳои дар пеш гузошташуда ва ноил шудан ба мақсадҳо нигаронида шудаанд. Аммо пеш аз рух додани садамаҳои техногенӣ ва офатҳои табиӣ вазифа ва удадориҳои мақомоти давлатӣ бояд муайян ва вобаста ба таъиноти мақомот бо таври мушаххас аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд. Махсусан вазифаҳои МКД, зеро ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда вазъияти пешгуинашаванда ба миён меояд ва гузаронидани чорабиниҳои таъхирнопазирро талаб менамояд. Истифодаи самараноки вақт ҷиҳати иҷрои вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташуда мусоидат менамояд. Мақсади асосии ҷудо сохтан ё муайян кардани вазифаҳои МКД аз дигар мақомоти давлатӣ дар он аст, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда такрори вазифаҳо бояд аз байн бардошта шавад.

2. Махсусиятнокии идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулодда дар он аст, ки он ҳамчун субъекти алоҳида вазифаҳояш нисбат ба дигар мақомти давлатӣ мушаххасан ҷудо карда шуда, мақсадҳо ва вазифаҳои он дар чорабиниҳои пешакӣ дар замони осоишта ба нақшагирифташуда муайян гардидааст. Ҳангоми таъсиси сохторҳои ташкилӣ (ситоди фаврӣ, гурӯҳҳои оперативӣ ташкилӣ ва ғ.) зарурати аз нав муайян кардани вазифаҳо ва уҳдадориҳои ҷузъу томҳо ба миён намеояд. Танҳо баъзе аз чорабиниҳои амалишаванда вобаста ба вазъияти ба амаломадаи ҳолатҳои фавқулодда метавонад тағйир ёбад.

3. Дар раванди омӯзонидани кормандони МКД ҷиҳати иштирок дар амалиёти бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ бояд:

– ташаккули малака ва тактикаи амалии кор дар шароити релефҳои гуногунро дар бар гирад;

– роҳбарият ва ҳайати шахсии ҷузъу томҳо ба тамоми хатарҳои аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда бояд омода бошанд;

– ҳангоми гузаронидани амлиётҳои наҷотдиҳӣ вақтро самаранок истифода баранд;

– аз вазъияти ба амал омада пурра маълумот дошта бошанд;

– масъулиятшинос бошанд ва тамоми вазифаҳои дар назди онҳо гузошташударо бечуну чаро ва софдилона иҷро намоянд;

– таъминоти моддию техникии корҳо бояд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад;

– аз ҷиҳати психологӣ ва ахлоқӣ кормандоне, ки дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодда иштирок менамоянд, устувор бошанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми декабри с. 1993, № 916 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, № 3-4, мод. 62; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 10, мод.127 (Қонуни ҶТ аз 22.05.1998 № 630, аз 29.11.2000 № 20, аз 10.05.2002 № 35, № 36, 22.04.2003 № 11, аз 27.11.2014 № 1149, аз 25.12.2015 № 1265, аз 17.05.2018 № 1522, аз 17.12.2020 № 1733).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз 28-уми феврали с. 2004, № 14 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 2, мод. 46; (Қонуни ҶТ аз 28.12.2005 № 135, аз 13.06.2007 № 282, аз 18.06.2008 № 398, аз 6.10.2008 № 434, аз 28.12.2013 № 1053, аз 2.01.2020, № 1682.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15-уми июли с. 2004, № 53 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №7, мод. 460.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» аз 1-уми марти с. 2005, № 83 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, № 3, мод. 122 (Қонунҳои ҶТ аз 5.03.2007 с., № 227; аз 29.12.2010 с., № 645; аз 02.01.2019 с., № 1566).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» аз 20-уми марти с. 2008, № 363 // Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 646; аз 13.11.2023, №1992.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз 30-уми майи с. 2017, № 1416 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 273; ҚҶТ аз 23.12.2021 с., № 1826.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» аз 23-юми декабри с. 2021, № 1845 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 30-юми апрели с. 2002, № 192 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти с. 2010, № 191).

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» аз 31-уми декабри с. 2014, № 833 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда» аз 30-юми декабри с. 2015, №799.

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» аз 31 майи соли 2018, № 284.

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» аз 30-юми июни с. 2021, № 265 (замимаи 1 «Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»).

13. Беҳтар гардидани шароити хизматрасонии «Телефони боварӣ» ва алоқаи «Мадад-1919» // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://old.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/amkor-bo-omea/

**References**

1. Law of the Republic of Tajikistan «On the Internal Troops of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan» dated December 28, 1993, No. 916 // Akhbori Majlisi Oliiof the Republic of Tajikistan, p. 1994, No. 3-4, art. 62; Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 1998, No. 10, Art. 127 (Law of the Republic of Tajikistan dated 22.05.1998 No. 630, dated 29.11.2000 No. 20, dated 10.05.2002 No. 35, No. 36, 22.04.2003 No. 11, dated 27.11.2014 No. 1149, dated 25.12.2015 No. 1265, dated 17.05.2018 No. 1522, dated 17.12.2020 No. 1733).

2. Law of the Republic of Tajikistan “On Industrial Safety of Hazardous Production Facilities” dated February 28, 2004, No. 14 // Akhbori Majlisi Olii of the Republic of Tajikistan, p. 2004, No. 2, Art. 46; (Law of the Republic of Tajikistan dated 28.12.2005 No. 135, dated 13.06.2007 No. 282, dated 18.06.2008 No. 398, dated 6.10.2008 No. 434, dated 28.12.2013 No. 1053, dated 2.01.2020, No. 1682.

3. Law of the Republic of Tajikistan “On Protection of the Population and Territory from Emergencies of Natural and Man-Made Nature” dated July 15, 2004, No. 53 // Akhbori Majlisi Oliiof the Republic of Tajikistan, 2004, No. 7, Art. 460.

4. Law of the Republic of Tajikistan “On Emergency and Rescue Services, Emergency and rescue and legal status of rescuers» dated March 1, 2005, No. 83 // Akhbori Majlisi Oliiof the Republic of Tajikistan, 2005, No. 3, Art. 122 (Laws of the Republic of Tajikistan dated March 5, 2007, No. 227; dated December 29, 2010, No. 645; dated January 2, 2019, No. 1566).

5. Law of the Republic of Tajikistan «On Fire Safety» dated March 20, 2008, No. 363 // Akhbori Majlisi OliiRepublic of Tajikistan dated December 29, 2010, No. 646; dated November 13, 2023, No. 1992.
6. Law of the Republic of Tajikistan «On Seismic Safety» dated May 30, 2017, No. 1416 // Akhbori Majlisi Oliiof the Republic of Tajikistan, p. 2017, No. 5, p. 1, art. 273; Official Gazette of the Republic of Tajikistan dated 23.12.2021, No. 1826.
7. Law of the Republic of Tajikistan "On the Use of Atomic Energy" dated December 23, 2021, No. 1845 // [Electronic resource] - Access schedule: https://mmk.tj/content/.
8. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On Measures for the Implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Civil Defense" dated April 30, 2002, No. 192 (Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 30, 2010, No. 191).
9. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the structure and procedure for the functioning of the Unified State System of the Republic of Tajikistan for the prevention and elimination of emergency situations" dated December 31, 2014, No. 833 // Electronic resource. - Source of access: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php
10. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On issues of the State Commission of the Government of the Republic of Tajikistan for Emergency Situations" dated December 30, 2015, No. 799.
11. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the Development Program of the Committee for Emergency Situations and Civil Defense under the Government of the Republic of Tajikistan for 2018–2022" dated May 31, 2018, No. 284.
12. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the State Program for Combating Crime in the Republic of Tajikistan for 2021-2030" dated June 30, 2021, No. 265 (Appendix 1 "Plan of Actions Related to the Implementation of the State Program for Combating Crime in the Republic of Tajikistan for 2021-2030").
13. Improving the conditions for the provision of "Hotline" and "Madad-1919" communications // [Electronic resource] - Access schedule: https://old.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/amkor-bo-omea/

**УДК 340.114.5:343.121**

# ПРАВОВОЕ СОЗНАНИЕ СЛЕДОВАТЕЛЯ В РЕАЛИЗАЦИИ ПРИНЦИПА ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ НА ДОСУДЕБНЫХ СТАДИЯХ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА

# ШУУРИ ҲУҚУҚИИ МУФАТТИШ ДАР АМАЛИШАВИИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР ДАВРАҲОИ ТОСУДИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

# LEGAL CONSCIOUSNESS OF THE INVESTIGATOR IN THE REALIZATION OF THE PRINCIPLE OF PRESUMPTION OF INNOCENCE AT PRE-TRIAL STAGES OF CRIMINAL PROCEEDINGS



Урфонзода Д.С.
Urfonzoda D.S.
*Старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции*
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
*Lecturer of the Department of Administrative Law and Administrative Activity of Faculty № 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Major of Militia*
e-mail: sadonschoev.donisch@yandex.ru

*Научная специальность:* 12.00.09 – Уголовно–процессуальное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ).
*Scientific specialty:* 12.00.09 – Criminal procedure law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Рецензент:* Шукурова Н.А. – заведующий кафедрой уголовного процесса и криминалистики юридического факультета Таджикско-Российского (славянского) университета, кандидат юридических наук, доцент.
*Тақриздиҳанда:* Шукурова Н.А. – мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Reviewer: Shukurova N.A. – Head of the Department of Criminal Procedure and Forensic Science of the Law Faculty of the Tajik-Russian (Slavic) University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.

*Аннотация:* В статье анализируется вопрос о правовом сознании следователя при расследовании уголовных дел, а также рассматривается сущность принципа презумпции невиновности в процессе расследования уголовного дела. Автором раскрываются профессиональные обязанности следователя, имеющие место при доказывании виновности обвиняемого в совершении преступления, а также при обеспечении права на презумпцию невиновности обвиняемого в пределах ведения уголовного расследования. В целях эффективного и качественного расследования уголовных дел автором предлагаются рекомендации по повышению уровня правосознания следователя.

*Ключевые слава:* сознание, право, следователь, презумпция, невиновность, обязанность, доказывание, компетентность, профессия, доказательство, расследование, качественность и эффективность.

*Аннотатсия*: Дар мақола масъалаҳои шуури ҳуқуқии муфаттиш дар вақти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ таҳилил гардида, муҳтавои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил шудааст. Аз тарафи муаллиф вазифаи касбии муфаттиш ҳангоми исботи гуноҳи айбдоршаванда дар рафти тафтиши пешакӣ ошкор карда шудааст. Вазифаҳои муфаттиш вобаста таъмини ҳуқуқ ба эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда дар доираи салоҳияти касбии ӯ муқаррар карда шуданд. Бо мақсади тафтиши самаранок ва босифати парвандаҳои ҷиноятӣ муаллиф тавсияҳоро барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии муфаттиш пешниҳод мекунад.
